**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»**


ВБД 941.9; 67.93; Х - 67

Бо ҳуқуқи дастнавис

ХОЛМУРОДЗОДА ФАЗЛИДДИН ШОМАҲМАД

# НАҚШИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ХУСУСӢ-ҲУҚУҚӢ БО УНСУРИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси
12. 00. 03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ


Роҳбари илмӣ
Раҷабзода Маҳмадёр Носир
дотсент, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ


**ш. Душанбе**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА.......................................... 3 - 27**

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ**

**БОБИ 1. МАСОИЛИ НАЗАРИЯВИИ ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР НИЗОМИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ХУСУСӢ-ҲУҚУҚИИ ФАРОМАРЗӢ...............28 - 93**

1.1. Моҳият ва ҷойгоҳи шартномаи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.....................................28 - 72

1.2. Шартномаи байналмилалӣ ҳамчун тарзи ягонасозии (унификатсияи) меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ.........................................72 - 93

**БОБИ 2. НАҚШ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ШАРТНОМАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ МАДАНӢ-ҲУҚУҚӢ ВА ОИЛАВӢ-ҲУҚУҚӢ БО УНСУРИ ХОРИҶӢ..............94 - 136**

2.1. Хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ.......................................94 - 123

2.2. Нақш ва хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои оилавӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ.....................................123 - 136

**БОБИ 3. ХУСУСИЯТҲОИ ШАРТНОМАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ-ҲУҚУҚӢ ВА МУРОФИАВӢ-МАДАНӢ БО УНСУРИИ ХОРИҶӢ......................137 -**

3.1. Хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ...................................137 - 146

3.2. Нақш ва хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои мурофивӣ-мадании фаромарзӣ................................146 - 159

**ХУЛОСА.........................................................................160 - 165**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.........................................................165 - 188**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун яке аз унсурҳои асосии танзимгари муносибатҳои фаромарзӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавқеи хос ва муҳимро ишғол менамояд. Дар заминаи ҷаҳонишавии муносибатҳои байналмилалӣ, ки афзоиши ҳаҷми ҳамкориҳоии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ миёни кишварҳо хос аст, шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун пойгоҳи ҳуқуқии ин равобит нақши калидӣ мебозад. Ин санадҳо на танҳо воситаи танзими муносибатҳои дуҷониба ё бисёрҷонибаи байни давлатҳо, балки асоси ҳуқуқии ҳамкориҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ, аз қабили шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, мебошанд.

Дар шароити муосир, ки рушди босуръати тиҷорати байналмилалӣ, саряогузории хориҷӣ, интиқоли технологияҳо ва муносибатҳои трансмиллӣ тавсиф меёбад, аҳамияти шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун манбаи муҳими ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ боз ҳам афзоиш меёбад. Ин шартномаҳо меъёрҳои ягонагардонидашударо, аз ҷумла меъёрҳои коллизионӣ (ки муайянкунандаи қонунгузории татбиқшавнда дар ҳолатҳои низоъҳои ҳуқуқӣ танзим мебошанд) ва меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ, (ки мустақиман муносибатҳои ҳуқуқиро мекунанд), дар бар мегиранд.

Дар илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ се назари олимон оид ба ҷойгоҳи шартномаи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавҷуд аст:

Ба гурӯҳи аввал, ки муҳаққиқон М. Х. Бабаев ва Г. К. Дмитриева шомил мебошанд, ки онҳо «шартномаҳои байналмилалиро танҳо сарчашма ва низоми хосси ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ дониста онро ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ намепазиранд, ва ҳуқуқи байналмилалии хусусиро соҳаи ҳуқуқи миллӣ медонанд» [41; 101]. Вале нақши шартномаи байналмилалиро дар рушди ҳуқуқи

байналмилалии хусусӣ инкор накарда шартномаҳои байнламилалиро яке аз омилҳои мусоидаткунандаи рушди меъёрҳои ҳуқуқӣ қабул доранд, ки дар натиҷа онҳо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ин ё он кишвар мегарданд.

Ба гурӯҳи дуюми муҳаққиқон ва донишмандони маъруф - И. С. Перетерский, Л. А. Лунс, У. Т. Усенко, М. М. Богуславский, Г. М. Виляминов, Р. А. Мюллерсон, А. П. Ануфриева ва дигарон шомил мебошанд, ки онҳо: «меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ баъди “трансформатсия”, “имплементатсия”, “ретсепсия”, “ҳавола”, “инкорпаратсия” ва “иҷозати давлат” ба ҳайси меъёри ҳуқуқи миллӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ бо унсури хориҷӣ ташаккул меёбанд» [128; 165; 90; 95], қабул доранд ва дорои ҷойгоҳи ҳуқуқӣ ва сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мегарданд. В. А. Канашевский шартномаҳои байналмилалиро дар ин ҷода ба ду бахши мустақили ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тақсим намудааст: «якум, бахши мустаҳкамкунандаи меъёрҳои моддӣ-ягонакардашуда ё ин, ки унификатсионӣ (шартномаҳои байналмилалие, ки намудҳои алоҳидаи уҳдадориро пешбинӣ мекунанд). Дуюм, мустаҳкамунандаи меъёрҳои коллизионӣ-ягонашуда ё унификатсионӣ (Шартномаи байналмилалӣ оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дар парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва ҷиноӣ), ҳамчунин шартномаҳои байналмилали оид ба ҳамкорҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ, шартномаҳои байналмилали оид ба дустӣ, шартномаҳои байналмилали оид ба мубодилаи мол ва пардохт, созишномаи қарз, шартномаҳои байналмилалие, ки предмети онҳо ҳуқуқ ва озодии асосии инсонро ташкил мекунанд ва ғайра» [117, с. 272]. Баъдан, дар В. А. Канашевский андеша аст, ки: «ҳар як кишвар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналалии хусусии хешро муайян месозад» [117, с. 272].

Ба гурӯҳи сеюм, аз ҷумла С. Б. Крилов, Л. Н. Голенски, А. И. Минаков ва дигарон мебошанд, ки шартномаи байналмилалиро ба ҳайси

сарчашмаи ҳуқуқи миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ қабул доранд ва цайд мекунанд, ки «шартномаҳои байналмилалӣ танзимгарии муносибатҳои фаромиллӣ дар қаламравии дилхоҳ кишвар аст» [144; 96; 75].

Дар қисми 3, моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст: «Санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ ташкил медиҳанд. Дар ҳолати мухолифат кардани қонунгузории ҷумҳурӣ бо меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ амал мекунанд» [1]. Муқаррароти моддаи мазкур нишон медиҳад, ки санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқи миллӣ пазируфта мешаванд, зеро дар онҳо иродаи халқи (ифодаи соҳибихтиёрии давлат) Тоҷикистон ифода мeёбад ва дар ин санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ меъёрҳои ҳуқуқи мустаҳкам карда шудаанд, ки онҳо ба сифати қоидаи ҳатмии рафтор қабул мебошанд.

Ҳамин тариқ, ҳеҷ гуна асоси инкор кардан нест, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии шартномаҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои дар онҳо мустаҳкам карда шуда, татбиқи ҳатмиро истисно наменамояд. Дар натиҷа: «сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ин шакли ифодаёбӣ ва мустаҳкамнамоии қоидаҳои рафтори муайян дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ (чӣ дар қонунгузории миллӣ ва чӣ дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ) фаҳмида мешавад, ки онҳо танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ мебошанд» [73, с. 173-185]. Аммо бояд гуфт, ки дар инҷо сухан дар бораи он шартномаҳои байналмилалие рафта истодааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст.

Бо чунин назардошт: «дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаҳои байналмилалӣ ба ҳайси сарчашмаҳои ҳуқуқи миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баромад карда истодаанд танзимгарии

муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ ҳисоб карда мешаванд» [73, с. 173-185]. Аз ҷумла, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии мадании шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи сармоягузорӣ, ҳуқуқи муаллифӣ, реҷаи ҳуқуқии корхонаҳои муштарак, масъалаҳои консулӣ, бастан ва қатъ никоҳ, муносибати байни ҳамсарон, фарзандхонӣ, мерос муҳоҷирати меҳнатӣ, тиҷорат, эътирофи созишномаи арбитражӣ ва ғайраҳо масъалаҳои аввалиндарҷаи ҳуқуқи байналмилали ҳисобида мешвад, ки дар шартномаҳои байналмилалӣ гунонгун, аз қабили шартномаҳои байналмилалӣ оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ, оид ба парвандаҳои маданӣ, очилавӣ ва ҷиноӣ, оид ба ҳамкории иқтисодӣ-тиҷоратӣ, оид ба дустӣ, оид ба мубодилаи мол ва пардохт, созишномаи қарз, оид ба таъминоти иҷтимоӣ, аҳдномаи консулӣ мустаҳкам карда шудаанд.

Дар айни ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии беш аз 2000 шартномаҳои байналмилалии дутарафа ва 350 шартномаҳои байналмилалии бисёртарафа мебошад, ки шартномаҳои байналмилали мазкур асоси ҳуқуқии равобити Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон муаян менамояд. Онҳо дар навбати хеш танзимгари муносибатҳои байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ, инчунин ташкилкунандаи шароити тарафаин (шароити ҳуқуқӣ) барои шахсони воқеӣ ва шахсонӣ ҳуқуқии кишварҳои гуногун дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои фаромарзӣ мебошанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ ҳануз соли 30 марти соли 2007 дар бораи зарурати мутобиқ сохтани қонунгузори бо меъёрҳои ҳуқуқи байнламилалии эътироф намудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуда буданд: «зарурати ҷиддии ба ҳам мувофиқ сохтани қонунҳои миллӣ бо усулу меъёрҳои

умумипазируфташуда ҳуқуқи байналмилалӣ эҳсос мегардад. Воқеан, мо афзалияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро нисбат ба қонунҳои миллӣ эътироф кардаем, аз ин рӯ, бояд ба ин масъала диққати ҷидди зоҳир намоем» [40]. Дар ин замина, бо мақсади муайян намудани самтҳои афзалиятноки низоми қонунгузорӣ ва роҳҳо ҳалли мушкилотҳои ҷой дошта, роҳ ва усулҳои такмили қонунгузорӣ ва мутобиқсозии онҳо ба шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 февраль соли 2011 Фармони №1021 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, ки тибқи он ба самтҳои асосии такмили низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ба се масъалаи муҳим равона карда шудааст: «якум мутобиқ гардонидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Конститутисияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро этироф намудааст; дуюм ҳамоҳангзоии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи равандҳои интегратсионӣ; сеюм қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, аз ҷумла бо мақсади такмили механизмҳои иҷрои талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва муқарорти кодедсҳо дохил мешаванд» [38]. Лозим ба таъкид аст, ки эътирофи шартномаҳои байналмилалӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ногузир зарурати заминаи қабули санадҳои нави меъёри ҳуқуқӣ, аз он ҷумла дар самти муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии дорои унсури хориҷӣ ё такмили минбаъдаи он гашта, ва бо ин васила ба рушду инкишофи минбаъдаи муносибатҳои нав мусоидат менамояд. Тибқи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018-2028-ро, бо Фармони Президенти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали 2018, таҳти №1005 тасдиқ шудааст, ба сифате яке аз талаботҳо ва сабабҳои қабули ин Консепсия: «мутобиқгардонии қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон. Дар баробари воридшавии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқи миллӣ таносуб ва бо ҳам мутобиқ намудани онҳо яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад» [37]. Роҳи дурусти ҳалли онҳо бо таваҷҷуҳи ҷидди зоҳир намудан ба робитаҳои воқеии байниҳамдигари дар ҷараёни татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ муайян карда мешванд.

Қонунгузорӣ, илм ва амалия шартномаи байналмилалиро ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқ, аз ҷумла сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ эътироф менамояд ва нақши марказиро дар танзим ва рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ ишғол менамоянд. Бинобар ин, шартномаи байналмилалӣ ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пазируфта шудааст ва вобаста ба доираи амал универсалӣ, минтақавӣ ва вобаста ба доираи иштирокчиён дутарафаю бисёртарафа ва вобаста ба хусусият байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ тақсим мешаванд. Шартномаоҳои байналмилалӣ ҳангоми ба танзимдарории муносибатҳои дорои хусусияти хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ муракаб гашта нақши марказӣ дорад ва қайд кардан ба маврид аст, ки ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бахше нест, ки ҳангоми танзимкунии он шартномаи байналмилалӣ набошад. Аз ин лиҳоз, мавзуи диссертатсияи таҳқиқшаванда тибқи меъёрҳои илмӣ ҳуқуқшиносии мамлакат мубрам ба ҳисоб рафта, омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи он дар рушдӣ илми ҳуқуқшиносӣ ва низомӣ қонунгузории мамлакат хизмат мекнад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Паҳлуҳои гуногуни ҷойгоҳи шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар асарҳои муҳақиқон ва олимони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаст. Аз ҷумла, дар асарҳои баъзе аз олимони хориҷӣ, ба монандӣ М. А. Сарсембаев [154], Е. М.

Абайдельдинов [81], Г. В. Игнатенко [109], А. С. Гавердовский [96], с. Ю. Марочкин [129], М. М. Богуславский [89], И. М. Умарахунов [164], М. К. Сулейменов[161], М. Бабаев [41], Б. И. Нефедов [141], Л. А. Лунс [128], М. Н. Кузнетсов [123], В. А. Канашевский [116], В. П. Звеков [106], Г. Ю. Федосеева [167], Н. Ю. Ерпылева [104], А. О. Иншакова [48], Л. П. Ануфриева [62], ва дигарон зери таҳқиқу таҳлил қарор дода шудаанд. Бояд қайд намуд, ки ҷойгоҳ ва нақши шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ аз ҷониби олимони ватанӣ ҳамаҷониба ва пурра мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ танҳо паҳлуҳои гуногуни шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ таҳлил гардидааст, аммо дар сатҳи умумӣ ва бо таври пурра таҳлилу барраси нагардидааст. Бо чунин назардошт зарурати ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор додани ҷойгоҳ ва нақши шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ вуҷуд дорад. Баъзе паҳлуҳои шартномаи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ба мисли Ш. М. Менглиев [123], Б. А. Сафарзода [155], А. М. Мирзоев [136], Р. Ш. Сотиволдиев [159], Х. Р. Қодирқулов[122], Ф. С. улаймонов [160], М. Н. Раҷабзода [149], с. А. Раҷабов [54], Ҳ. Х. Саидов [56], Д. А. Сидиқов [57], Н. А. Қодиров [50], И. И. Камолзода [115], З. Х. Искандаров [112] ва дигарон баррасӣ гардидаанд.

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол таҳқиқоти пурраи илмӣ оид ба ҷойгоҳ ва нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ гузаронида нашудааст. Набудани таҳлили ҳамаҷонибаи ин масъала, аз ҷумла дар заминаи мутобиқсозии қонунгузории миллӣ бо меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ, ба монанди Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид дар бораи хариду фурӯши байналмилалии молҳо (CISG, 1980), Конвенсияи Гаага оид ба қонунҳои татбиқшаванда ба никоҳ

ва мерос (1978) ё Конвенсияи Ню-Йорк оид ба эътироф ва иҷрои қарорҳои арбитражии хориҷӣ (1958), зарурати омӯзиши амиқи ин мавзӯъро таъкид мекунад. Инчунин, таҳқиқоти мавҷудаи ватанӣ аксар вақт ба ҷанбаҳои амалии татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ тамаркуз карда, паҳлуҳои назариявии онҳо, аз қабили таъсири ин санадҳо ба ташаккули низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ба таври кофӣ баррасӣ нашудаанд.

Омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи муҳим барои такмили қонунгузории миллӣ ва мутобиқсозии он бо стандартҳои байналмилалӣ фароҳам меорад. Ин таҳқиқот метавонад ба таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, рушди муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва иҷтимоӣ, инчунин таъмини ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ва субъектҳои ҳуқуқӣ дар муносибатҳои трансмиллӣ мусоидат намояд. Дар ин замина, таҳлили муфассали нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба рушди муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ яке аз вазифаҳои муҳими илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар шароити муосир ба шумор меравад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти кори диссертатсионӣ мутобиқи мавзӯи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (2020–2025)» ва мавзӯи фармоиши кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ таҳти унвони «Тоҷикистон ва дурнамои рушди он: нигоҳи геополитикӣ ва стратегӣ ба масъала» (таҳти рақами 01 22 TJ 14 81 ба қайд гирифта шудааст) иҷро гардидааст. Муҳлати иҷрои лоиҳа аз соли 2022 то 2026 муқаррар шуда, он ба омӯзиши паҳлуҳои муҳими ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар заминаи

рушди геополитикӣ ва стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкурро таҳлили ҳамаҷонибаи ҷойгоҳ ва нақши шартномаи байналмиллӣ дар низоми сарчашмаи ҳуқуқ ва хосса ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ташкил медиҳад, ки бо дарназардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаҳои миллию байналмилалӣ ва назарияҳои илмии ҳуқуқшиносонӣ ватанию хориҷӣ сурат мегирад. Дар асоси омӯзиш таҳияи пешниҳодоти консептуалӣ барои беҳтарсозии низоми ҳуқуқии танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ дар назар аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои асосии таҳқиқоти мазкур муаллиф иҷрои вазифаҳои зеринро дар кори диссертатсиони худ пешниҳод намудааст:

- баррасии раванди пайдоиш ва таносуби “сарчашмаи ҳуқуқ” ва “шакли ҳуқуқ” ва дар ин асос муайян кардану пешниҳоди сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ;
- муайян кардани мафҳум ва моҳияти санади ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаи байналмилалӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ;
- омӯзиш ва таҳлили хусусияти шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои фаромарзӣ;
- муайян кардани нақши шартномаи байналмилалӣ ҳамчун асоси ягонасозию (унификатсия) наздикшавии меъёрҳои ҳуқуқии хусусии кишварҳои гуногун ва рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ;
- муайян ва барраси намудани раванди татбиқи (имплементатсияи) меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷиикистон дар бахши танзими муносибатҳои фаромарзӣ;

- таҳқиқ ва муаррифии самаранокии шартномаҳои байналмилалии универсалӣ, минтақавӣ ва қонунгузории миллӣ дар бахши моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқи муаллифӣ ва муайян кардани таносуби онҳо;

- таҳқиқи масъалаҳои муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ бо унсури хориҷӣ дар сатҳи шартномаҳои байналмилалии универсалию минтақавӣ бо Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор намудани хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳо аз муносибатҳои фаромарзии оилавии дигар давлатҳо;

- баррасию таҳлили умумияту фарқияти муқарраротҳои Конвенсияҳои Созмони Миллали Муттаҳид, Созмони байналмилалии меҳнат, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи ва Иттиҳоди Аврупо оид ба вазъи ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши асосии онҳо дар ҷараёни тартибу вориду татбиқшавӣ дар қонунгузории миллӣ ва танзими муносибатҳои меҳнатии фаромарзӣ;

- омӯзишу баррасии муқарраротӣ шартномаҳои байналмилалии универсалӣ ва минтақавӣ оид ба мурофиаи мадании байналмилалӣ, Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими муносибатҳои мурофиавӣ-маданӣ бо унсури хориҷӣ;

- пешниҳоди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот:** Объекти таҳқиқоти мазкур маҷмӯи муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад, ки дар онҳо унсури хориҷӣ (шаҳрвандӣ, ҷойи зист, мақоми ҳуқуқии тарафҳо, ҷойи баст ё иҷрои шартнома ва ғайра) мавҷуд буда, танзими ҳуқуқии онҳо бар асоси шартномаҳои байналмилалӣ амалӣ мегардад. Ин гуна муносибатҳо соҳаҳои гуногуни муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ - аз ҷумла ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ ва ҳуқуқи мурофиаи маданӣ дар шароити

ҳамгироии ҳуқуқи миллӣ бо ҳуқуқи байналмилалӣ, хусусан дар доираи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, аҳамияти хоса пайдо менамоянд. Танзими ин муносибатҳо тавассути шартномаҳои байналмилалӣ механизми муҳими таъмини ҳамоҳангсозии меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ бо уҳдадориҳои байналмилалӣ ба шумор меравад.

**Мавзӯи таҳқиқот:** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмӯи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ, назарияҳо, мафҳумҳо, принсипҳо, ақидаҳо ва категорияҳои илмии марбут ба шартномаҳои байналмилалӣ мебошад, ки дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳо, хусусан дар доираи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Ин мавзуъ инчунин шомили таҳлили амалияи судӣ, таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ ва мавқеи шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаҳои мустақили ҳуқуқ дар тартиби ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯби се марҳилаи пайдарпай амалӣ гардидааст, ки ҳар кадоме аз онҳо ҷанбаҳои муҳими илмӣ-назариявӣ ва амалӣ-ҳуқуқии мавзӯи интихобшударо фаро мегиранд:

1. **Марҳилаи аввал** — омӯзиши масоили назариявӣ ва методологии табиати ҳуқуқии шартномаи байналмилалӣ дар низоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ. Дар ин марҳила, таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳлили мафҳум, шакл ва манзалати шартномаи байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ равона гардидааст.

2. **Марҳилаи дуюм** — таҳлили нақш ва хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ-ҳуқуқӣ ва оилавӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ, бо истифода аз қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои мухталиф.

3. **Марҳилаи сеюм** — омӯзиши хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ-маданӣ бо унсури хориҷӣ, бо такя ба таҷрибаи татбиқи шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, инчунин таҳлили таҷрибаи судӣ дар ин самт.

Таҳқиқот дар асоси маводи қонунгузорӣ, таҷрибаи амалии ҳуқуқии Тоҷикистон ва қиёс бо таҷрибаи ҳуқуқии як қатор кишварҳои хориҷӣ дар заминаи кафедраҳои ҳуқуқи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, марказҳои таҳқиқоти ҳуқуқӣ ва манбаъҳои илмии байналмилалӣ амалӣ гардидааст.

**Давраи фаъол ва амалии таҳқиқот** солҳои 2018–2024-ро дарбар мегирад.

**Асоси назариявии таҳқиқоти** мазкурро маҷмӯи афкор, мавқеъ ва хулосаҳои илмии олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки дар асарҳои илмӣ, монографияҳо, мақолаҳо ва таҳқиқоти соҳавӣ оид ба масъалаҳои танзими шартномаҳои байналмилалӣ ва низоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ инъикос ёфтаанд.

Аз ҷумла, дар таҳияи қисми назариявии рисола назария ва мафҳумҳои ҳуқуқии олимони шинохта ба инобат гирифта шудаанд, аз қабили: С. С. Алексеев, М. Н. Марченко, с. Ф. Кечекян, Л. С. Зивс, О. С. Иоффе, М. Д. Шаргорский, И. С. Перетерский, Л. П. Ануфриева, М. М. Богуславский, Е. Т. Усенко, В. Г. Храбсков, М. Н. Кузнетсов, Н. Ю. Ерпылева, В. А. Канашевский, И. В. Гетьман-Павлова, Н. Г. Вилкова, О. А. Иншакова, с. Н. Тагаева, Б. Л. Зиненко, ва дигарон.

Аз миёни муҳаққиқони ватанӣ таҳлил ва истинод ба корҳои илмии олимони шинохта ба монанди: Р. Ш. Давлатгелдиев, У. А. Азиззода, А. М. Диноршоҳ, И. И. Камолзода, З. Ҳ. Искандаров, Ш. К. Ғаюров, М. А. Маҳмудзода, Ш. М. Менглиев, Э. С. Насриддинзода, Д. С. Раҳмон, М. Н. Раҷабзода, М. З. Раҳимзода, Б. А. Сафарзода, Д. Ш. Сангинов, А. Ғ. Холиқзода, Х. Р. Қодирқулов, А. Р. Шарофзода, Ф. Сулаймонов, Д. Т.

Раҳматзода, Т. Р. Раҳматова, Д. Қ. Назаров Д. Сидиков ва дигарон ба амал бароварда шудааст.

Дар раванди таҳқиқ, инчунин қонунгузории миллӣ ва байнулмилалӣ, адабиёти таҳлилӣ оид ба таносуби меъёрҳои ҳуқуқи дохилӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ, ҳамзамон таҷрибаи татбиқи амалии онҳо низ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

**Асосҳои методологияи таҳқиқот:** Методологияи таҳқиқоти мазкур ба маҷмӯи усулҳои таҳлили илмии муносибатҳои ҳуқуқӣ асос ёфта, истифодаи якҷоя ва мувофиқи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқшиносиро дар бар мегирад. Аз ҷумла, дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои таҳлил ва синтез, усули мантиқии таҳлил, усули системавӣ, усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ (муқоисаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории кишварҳои дигар), инчунин усули таърихии таҳлил (омӯзиши инкишофи таърихии шартномаҳои байналмилалӣ) васеъ истифода гардидаанд. Истифодаи ҳамзамонаи ин усулҳо имконият доданд, ки ҳадафҳои таҳқиқоти илмӣ мукаммалтар дарк ва таҳлили амиқ аз мавзӯи мавриди назар сурат гирад.

**Заминаҳои эмпирикӣ:** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз маҷмӯи манбаъҳои ҳуқуқии амалкунанда иборатанд, ки татбиқи ҳуқуқии шартномаҳои байналмилалиро дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медароранд. Аз ҷумла, ба ҳайси асосҳои эмпирикӣ чунин санадҳо хидмат кардаанд:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Шартномаҳои байналмилалии дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ин заминаҳои ҳуқуқӣ ба муҳаққиқ имкон доданд, ки раванд ва таҷрибаи амалии танзими шартномаҳои байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии миллӣ бо дараҷаи баланди боэътимодӣ таҳлил гардад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти мазкур кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки масъалаи шартномаи байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи яке аз муҳими ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷонибаи илмӣ қарори гирад. Таҳлилҳо асосан ба муайянсозии нақш ва таъсири шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуд. Самтҳои асосии таҳқиқот ба муайян намудани дурнамои равона гардидааст.

Таҳқиқот ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаи мазкурро дар бар гирифта, самтҳои зеринро дар бар мегирад:

- муайян кардани дурнамои таҳаввули танзими шартномавии муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ бо дарназардошти принсипҳои ҳуқуқи баналмилалии хусусӣ;

- таҳлили муфассали меъёрҳои қонунгузории амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шартномаҳои байналмилалӣ ва таносуби онҳо бо ӯҳдадориҳои байналмилалӣ;

- арзёбии норасоиҳои мавҷуда дар амалияи ҳуқуқии миллии танзими шартномаҳои байналмилалӣ;

- таҳияи пешниҳодҳои мушаххасу илман асоснок барои такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши

шартномаҳои байнламилалӣ ва мутобиқгардонии он ба стандартҳои байналмилалӣ.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя ба ҳимоя пешниҳодшаванда**: нуқтаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда инҳоянд:

1. Дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муаллиф баъди таҳлилли ҳамаҷониба чунин хулоса намудааст, ки новобаста аз назарҳо ҷонибдории хешро оид ба баррасии “сарчашмаи ҳуқуқ” ва “шакли ҳуқуқ” дар як мафҳум асоснок кардану муайян намудани сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар чунин шакл «сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ин шакли ифодаёбӣ ва мустаҳкамнамоии қоидаҳои рафтори муайян дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ (чӣ дар қонунгузории миллӣ ва чӣ дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ) фаҳмида мешавад, ки онҳо танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ мебошанд»;

2. Дар таҳқоқи мазкур мафҳуми санади ҳуқуқи байналмилалӣ дар ду мазмун мавриди баррасӣ қарор гирифтааст: якум ба маънои васеъ, ки фарогири тамоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад, аз ҷумла: шартномаҳои байналмилалӣ, одатҳои байналмилалӣ, принсипҳои асосии умуми эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин қарорҳои ва тавсияҳои ташкилотҳои байналмилалӣ; дуюм ба маънои маҳдуд, мафҳуми санади ҳуқуқи байналмилали ба шартномаи байналмилалӣ маҳдуд мешавад. Муаллиф дар таҳқиқоти мазкур ҷонибдории худро аз мазмуни маҳдуди мафҳуми санади ҳуқуи байналмилалӣ тибқи қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намудааст. Гарчӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мафҳуми санади ҳуқуқи байналмилалӣ васеъ ва шартномаи байналмилалӣ як намуди санади ҳуқуқи байналмилалӣ баррасӣ шудааст ва дар қарори Пленуми Суди

олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «санади ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳайси ҳуҷҷатҳои расмие, ки аз тарафи ҷомеаи байналмилалии давлатҳо ба сифати ӯҳдадори ҳатмии ҳуқуқӣ қабул ва эътироф шудаанд» [39] фаҳмида мешавад, ки ба ин мафҳум ҳуҷчатҳои Созмони Милали Муттаҳид ва муассисаҳои махсуси он дохил карда шудаанд. Дар қонунгузорӣ ва амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номгуи ягонаи шартномаи байналмилалӣ пешбинӣ нашудааст, гарчӣ истиллоҳи шартномаи байналмилалӣ фарогири ҳамаи номҳо аст, вале дар намуд ва номҳои гуногун Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаҳои байналмилалиро таҳия, қабул ва эътироф менамояд;

3. Хусусияти дугонаи шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои фаромарзиро муаллиф инкор наменамояд, шартномаи байналмилалӣ ва қонунгзории миллӣ дар асоси иродаи давлат таҳия, қабулу эътироф мешаванд, вале шартномаи байналмилалӣ дар асоси иродаи ду давлат рӯйи кор меояд ва татбиқи он дар ҳудуди ин ё он кишвар ва дар доираи муқаррароти қонунгузории миллӣ, новобаста аз афзалиятҳо мавҷуда амалӣ мегардад;

4. Шартномаҳои байналмилалӣ яке аз унсурҳои калидии инкишофи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ буда, дар ягонасозии (унификатсияи) меъёрҳои ҳуқуқи ва наздикшавии низомҳои ҳуқуқии давлатҳои гуногун нақши муҳми мебозад. Дар замони муосир муҳимияти рушди ҳуқуқи байналмилаии хусусӣ дар коркарди ягонаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар асоси шартномаи байналмилалӣ анҷом дода мешавад. Ягонасози (унификатсия)-и ҳуқуқ дар як вақт дар ду низоми ҳуқуқ-ҳуқуқи байналмилалӣ (бо бастани шартномаибайналмилалӣ) ва дар ҳуқуқи миллӣ (имплентатсия меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ) ба вуқуъ меояд, ки ҳамчун намуди раванди ҳуқуқэҷодкунӣ хоси давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад. Ягонасози (унификатсия)-и

меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ин ташкили меъёрҳои ҳуқуқ дар шакли шартномаи байналмилали бисёртарафа ва дутарафа мебошад;

5. Тартиб ва ҷараёни ворид намудани ва дар амал татбиқ намудани меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ аз тарафи давлат эътирофшударо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши танзими муносибатҳои фаромарзӣ муаллиф таҳлил намудааст, ки ин равандро дар се навъ пешбинӣ менамояд: Якум, ба пурраги ворид намудани меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи амалии онҳо барои танзими муносибатҳои тиҷоратии байналмилалӣ бидуни тағйирёбии мазмун баъди эътироф гадидани онҳо аз тарафи давлат ва дар ин замина барои танзими муомилоти байналмилалии тиҷоратӣ пешниҳод менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид дар бораи шартномаи байналмилали хариду фуруши мол (CISG), ки 11 апрели соли 1980 дар Вена қабул шудааст, ҳамроҳ шавад. Чи тавре ки ба мо маълум аст тарафҳои шартномаи байналмилалии хариду фуруши мол таалуқияти кишварҳои гуногунро доранд ва ин омилҳо барои муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда ба чунин навъи шартномаҳоро ба миён меорад, ки баҳри танзими муомилоти байналмилалии тиҷоратӣ бо роҳи ягонасозӣ (унификатсия) дар асоси қабули шартномаи байналмилалӣ (агар Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид дар бораи шартномаи байналмилали хариду фуруши мол (CISG), аз 11 апрели соли 1980 қабул намояд) татбиқ мегардад; Дуюм, меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ ворид намудани ва дар амал татбиқ намудани онҳо баъди эътироф шудан аз тарафи давлат мебошад, ки бидуни тағйирёбии мазмун мафҳум ва категорияҳои асосӣ дар қонунгузии миллӣ сурат мегирад, чунончӣ ташакулёбии падидаи моликияти зеҳнӣ нақши марказиро санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ доранд ва падидаи

мазкур дар қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикстон аз муқаррароти банди 8 моддаи 2 Конвенсияи таъсисдиҳандаи Созмони умумиҷаҳони моликияти зеҳнӣ аз соли 1967 сарчашма мегирад; Сеюм, меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ ворид намудани ва дар амал татбиқ намудани онҳо баъди эътироф шудан аз тарафи давлат мебошад, ки бидуни тағйирёбии мазмун бо таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии алоҳида мутобиқ ба вазъ ва муҳити кишвар, ки уҳдадоиҳои байналмилалии хешро иҷро менамоянд сурат мегирад;

6. Таҳқиқи самаранокӣ ва муарифии шартномаҳои байналмилалии универсалӣ (Конвенсияи умумиҷаҳонӣ "Дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ" (UCC), ки 6 сентябри соли 1952 қабул карда шудааст ва 16 сентябри соли 1955 мавриди амал қарор дорад; Конвенсияи Берн "Дар бораи ҳифзи эҷодиёти бадеӣ ва санъат" ки 9 сентябри соли 1886 қабул карда шудааст; Созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдои оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ (ТРИПС) ва ғ. ), минтақавӣ (санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар сатҳи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Иттиҳоди Аврупо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо дар бахши моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқи муаллифӣ нишон дод, ки меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар танзиму баррасии мавзуи мазкур афзаллият ва мушаххасиятро касб менамоянд ва инчунин дар давлатҳои узвӣ шартномаи байналмилалӣ ва арсаи байналмилалӣ фазои ҳуқуқиро ташкил намудааст, ки қонунгузории миллӣ бо назардошти муқарраротҳои онҳо таҳия, қабул ва амал гардонида мешванд;

7. Таҳқиқи масъалаҳои муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ бо унсури хориҷӣ дар сатҳи шартномаҳои байналмилалии универсалию минтақавӣ бо Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар натиҷа ошкор намудани хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳо аз муносибатҳои фаромарзии оилавии дигар давлатҳо дар он аст, ки

ҳамагуна шартномаи байналмилалӣ танҳо баъди тасдиқ (ратификатсия)-и Маҷлиси намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қонунгузории миллӣ ворид ва татбиқ карда мешавад, новобаста аз он кӣ чунин шартномаҳои байналмилалӣ имзо, ҳамроҳ, қабул ва ё дигар тарзи эътирофро Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштааст. Чункӣ тибқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” шартномаҳое, ки мавзӯи онҳо ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд мебошад ҳатман аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад ва дар ин ҷода шартномаҳои байналмилалӣ дар бахши оила истисно нестанд;

8. Субъектҳои фаъоли муносибатҳои меҳнатии фаромарзӣ асосан муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаи онҳо дар қаламрави кишварҳои гуногун баромад мекунад бо чунин назардошт баррасию таҳлили шартномаҳои байналмилалии универсалӣ, аз ҷумла Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаи онҳо” аз 18 декабри соли 1990 баҳри муайян кардани ин раванд муҳим аст. Дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи соли 1994 Созишнома “Оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ” қабул шуд, ки меъёрҳои он асосан бланкетӣ буда, кафолати ҳуқуқӣ ва таъмини нафақаро барои муҳоҷирони меҳнатӣ ба дигар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунҳои давлатҳо ҳавола мекард, ки чунин вазъ мушкилиҳоро дар танзими вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳифзи манфиатҳои онҳо эҷод мекард. Бо чунин назардошт дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи дар асоси Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид соли 1990, 14 ноябри соли 2008 Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи “Дар бораи вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаи онҳо” қабул шуд, ки новобаста аз он, ки дар

ҳарду Конвенсия муқаррарот оид ба вазъи ҳуқуқии меҳнатии гурезаҳо пешбинӣ нашудааст, фазои ҳуқуқиро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи дар бахши муҳоҷирати меҳнатӣ фароҳам овардаанд, ки амалишавии чунин фазои ҳуқукӣ дар қаламравии Тоҷикистон ҳамчун узви Созмони Миллали Муттаҳид ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи истисно нест;

9. Ҳадафи асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии шартномаҳои байналмилалии универсалӣ шуданд, аз ҷумла Конвенсияи Ню-Иорк "Дар бораи эътироф намудан ва мавриди иҷро қарор додани ҳалномаҳои арбитражи хориҷӣ аз 10 июни соли 1958 ии таъмин намудани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражи хориҷӣ дар қаламрави худ мебошад, вале дар баробари асосҳои рад кардани иҷроиши ҳалномаи хориҷӣ низ пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин шартномаи байналмилалии минтақавӣ оид ба мурофиаи мадании байналмилалӣ,аз ҷумла Конвенсия Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи "Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дар парвандаҳои шаҳрвандӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ" аз 22 январи соли 1993 принсипи реҷаи миллӣ ва принсипи маҳдуд кардани салоҳияти ҳудудиро дар асоси меъёри маҳалли зисти ҷавобгар муайян мекунад, инчунин салоҳияти судҳоро оид ба категорияҳои гуногуни парвандаҳои мадании фаромарзӣ баррасӣ карданро муқаррар кардааст. Уҳдадориҳои байналмилалии хешро Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофшуда дар танзими муносибатҳои мадании байналмилалӣ татбиқ ва амалӣ менамоянд.

Муаллиф дар асоси натиҷаи таҳқиқот як қатор тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кардааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Маводҳои диссертатсия метавонад дар фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ, дар

ҷараёни таълимии фанни «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» ба таври васеъ истифода бурда шавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф метавонад минбаъд ба сифати коркарди проблемаҳои назариявӣ ва методологӣ дар соҳаи баррасишаванда хизмат намояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили асоснок ва воқеъбинонаи паҳлуҳои назариявию амалии шартномаи байналмилалӣ, таҳлил намудани натиҷа ва хулосаҳо, мафҳумҳо, ақидаҳо ва пешниҳодҳои назариявию амалии муаллиф, таҳлили қонунгузории миллӣ ва кишварҳои хориҷӣ дар бахши шартномаи байналмилалӣ оид ба танзими муносибатҳои фаромиллӣ алоқаманд аст, асос меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ «Нақши шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба зербандҳои 4. 1. , 4. 2. , 4. 3. , 4. 9. , 4. 10. , 4. 11. , 4. 21. , 4. 22. ва 4. 23. шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат менамояд:

4. 1. Предмет, метод ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Системаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Таҳқиқи нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ бевосита ба предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дахл дорад.

4. 2. Сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. Шартномаҳои байналмилалӣ яке аз сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошанд ва нақши онҳо дар диссертатсия таҳлил мегардад.

4. 3. Унификатсия ва ҳамоҳангсозии ҳуқуқи хусусӣ. Шартномаҳои байналмилалӣ аксар вақт воситаи асосии ягонасозӣ ва ҳамоҳангсозии меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ дар сатҳи байналмилалӣ мебошанд.

4. 9. Аҳдҳои дорои хусусияти байналмилалӣ. Муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ аксар вақт шакли аҳдҳои дорои хусусияти байналмилалиро мегиранд.

4. 10. Масъалаҳои умумии коллизионии ӯҳдадориҳое, ки аз аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ ба вуҷуд меоянд. Принсипи автономияи иродаи тарафҳо ва қонуни алоқаи наздиктарин. Гарчанде ки мавзӯи асосӣ на масъалаҳои коллизионӣ бошад ҳам, шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи иқтисоди хориҷӣ метавонанд ин принсипҳоро дар бар гиранд.

4. 11. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ: . . . (вобаста аз мушаххасоти шартномаҳои таҳқиқшаванда).

4. 21. Мерос дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

4. 22. Муносибатҳои оиладорӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

4. 23. Раванди мурофиавии граждании байналмилалӣ: . . . (дар қисми танзими муносибатҳои мурофиавӣ-маданӣ бо унсури хориҷӣ).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии дорталаб аз омӯзиши ҳамаҷонибаи адабиёти илмӣ, қонунгузории миллӣ ва кишварҳои хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии дутарафа ва бисёртарафа дар бахши танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ сарчашма гирифта, ба дараҷаи навоварии илмии рисола, махсусан таҳлилҳои назариявӣ, амалӣ, нуқтаҳои илмии пешниҳоднамуда ва хулоса, ки дастоварди бевоситаи муаллиф мебошанд, асоснок мегардад. Дар баробари ин, услуби навиштан, ҳалли масъалаҳо ва услуби рисола саҳми шахсии муаллифи рисоларо инъикос мекунад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода, муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудаст. Муқаррарот ва хулосаҳои алоҳидаи кори илмӣ дар мақолаҳо ва баромадҳои ӯ дар як қатор конференсияҳои илмӣ-амалӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла дар конференсияи илмӣ – назарявии байналмилалӣ бахшида ба 28 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25 – солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 22 – солагии Ваҳдати миллӣ мавзуи «Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо дар замони муосир». – Бохтар 2019; маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ: (7-уми декабри соли 2021); конференсияи ҷумхуривии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Рушди илми ҳуқуқ дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2022; конферонсия байналмилалии илмӣ-амалӣ «XII Хониши Ломоносӣ», бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия (29-30 апрели соли 2022); IV-умин конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида Рӯзи ҳуқуқи инсон дар мавзӯи ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022; конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Endless Light in Science». – Ҷумҳурии Қазоқистон, Остона 2023; конфронсия байналмилалии илмӣ-амалӣ «XIII Хониши Ломоносӣ», бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров (28-29 апрели соли 2023). Қисми II. Илмҳои гуманитарӣ (ҳуқуқ, иқтисод). – Душанбе, 2023; III Конгресси байналмилалии байнисоҳавии илмӣ-амалӣ «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ», 16–17 апрели соли 2024, ш. Москва: маҷмӯаи мақолаҳо / таҳти таҳрири д. ю. н. , профессор Б. А. Шахназаров. — М. : Маркази нашриёти

Московский государственный юридический университет имени О. Е. Кутафина, 2024; конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Нақши Комиссияи олии аттестатсионӣ дар таъмини соҳибистиқлолии илмии Тоҷикистон» бахшида ба 30 – солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024 – Соли маърифати ҳуқуқӣ ва 10 – солагии таъсисёбии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2024; конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – санади олии ҳуқуқии кишвар» 1–2 ноябри соли 2024, ш. Бохтар. ;

**Интишорот аз рӯи мавзӯи дисертатсия.** Вобаста ба мавзӯи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардидааст. Рисола аз муқаддима, се боб, ки ба шаш параграф тақсим карда шудаанд, хулоса ва рӯихати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми диссертатсия 188 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. МАСОИЛИ НАЗАРИЯВИИ ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР НИЗОМИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ХУСУСӢ-ҲУҚУҚИИ ФАРОМАРЗӢ.

## 1.1. Моҳият ва ҷойгоҳи шартномаи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Масъалаи моҳият ва мавқеи шартномаи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар назари аввал камтар баҳснок менамояд. Аммо, ҳангоми омӯзиши ин масъала метавон ба чунин «нофаҳмиҳо» аз қабили худи таърифи сарчашмаи ҳуқуқ, масъалаи «дугунагӣ»-и сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мавқеи шартномаи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳо, муносибати байни шартномаҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ ва ғайра дучор дучор омад.

Албатта, қайд кардан ба маврид, ки: «хусусиятҳои сарчашмаҳои низоми муайян ё соҳаи ҳуқуқ ба моҳият, хусусияти он, ки дар навбати худ бо хусусиятҳои объекти танзими ҳуқуқӣ муайян карда мешавад, вобаста аст» [74, с. 172– 182]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ба масъалаи моҳияти ҳуқуқии як соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ аз рӯи табиати сарчашмаҳои он баҳо додан мумкин аст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ матолибе, ки ба пажӯҳиши махсуси масъалаҳои назариявии таълимоти сарчашмаҳо дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бахшида шудаанд, зиёд нестанд. Вобаста ба ин, пеш аз ҳама баррасии нақш ва мавқеи шартномаҳои байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мо ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки категорияи худи сарчашмаи ҳуқуқро ошкор намоем, зеро ин масъала ҳанӯз дар адабиёти ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи зиёдро ба худ ҷалб намудааст.

Дар илми ҳуқуқшиносии муосир мафҳуми дар умум эътирофшудаи сарчашмаи ҳуқуқ дида намешавад. Дар ҳоле ки фаҳмишҳои назариявии ин

мафҳум вуҷуд доранд. Барои таъриф додани мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» рӯйкардҳои гуногун мавҷуданд.

Маълум аст, ки ҳуқуқ танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. «Сарчашмаи ҳуқуқ» дар ҳуқуқ, новобаста аз он, ки мо дар бораи кадом низоми ҳуқуқ – дохилидавлатӣ ва ё байналмилалӣ сухан меронем, категорияи пешбаранда аст. Муаллифони англис қайд мекунанд: «Калимаи «сарчашма» дар робита ба ҳуқуқ метавонад якчанд маъноҳои гуногун дошта бошад. . . аммо он пеш аз ҳама воситаеро дар назар дорад, ки бо ёрии он ҳуқуқ ба вуҷуд меояд» [173, с. 5]. Ба назар мерасад, тасодуфӣ нест, ки ҳуқуқшиноси маъруфи ҳуқуқи байналмилалӣ Л. Оппенгейм ҳамин истилоҳро ба маънои: маҷозии аввалааш истифода мебарад, вале ба мазмуни мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» таваҷҷуҳ мекунад [143, с. 44-45].

С. Ф. Кечекян чунин мешуморад: «бисёрмаъноӣ ва норавшании худи мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқ яке аз сабабҳои инкишофи нокифояи назариявии масъала мебошад, зеро дар назарияи ҳуқуқ он ба доираи мафҳумҳои норавшан марбут аст» [120, с. 3]. На танҳо таърифи дар умум эътирофшудаи ин мафҳум вуҷуд надорад, «балки худи мазмуне, ки дар робита ба он ибораи «сарчашмаи ҳуқуқ» истифода мешавад, баҳсбарангез аст. Дар ниҳоят, «сарчашмаи ҳуқуқ» ҷуз тасвире беш нест, ки бояд ба фаҳмиш кӯмак кунад, на ба дарки чизе, ки тавассути ин ибора ифодашудааст.

В. А. Канашевский дар мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» такя ба андешаи С. Л. Зивс ба ду унсур таъкид мекунад: «Аввал, ин як шакли зоҳирӣ аст…Сониян, ин унсури конститутсионӣ – паёмест, ки ба меъёр сифати меъёри ҳуқуқӣ медиҳад». Унсури дувумии сарчашмаи ҳуқуқ чунин як нуктаи муҳиммеро ба монанди робитаи категорияи «сарчашмаи ҳуқуқ» бо иродаи давлати эҷодкунандаи он тавсиф мекунад. «Сарчашмаи ҳуқуқ шакли берунии муқаррар намудани меъёри ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат (ё аз номи давлат ё бо иҷозат, тасдиқи давлат) мебошад» [117, с. 44;108, с. 9]. Ва дар идома «Ҳуқуқ танҳо дар натиҷаи амали мақомоти давлатӣ ба вуҷуд

меояд. Бинобар ин: ҳама гуна санади меъёрии ҳуқуқӣ аз худи давлат ба вуҷуд меояд ё аз ҷониби он тасдиқ мешавад, яъне хусусияти давлатӣ дорад. Бардошти мантиқие, ки аз андешаи муаллиф бармеояд, ин аст, ки давлат тавассути ифодаи яктарафаи ирода шаклҳои мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқро муайян мекунад.

С. С. Алексеев назари дигар дошта: сарчашмаи юридикии ҳуқуқро ҳамчун шакли ифодаи қоидае мефаҳмад, ки ба он сифати меъёри ҳуқуқӣ медиҳад, ё ягона «махзане» ки дар он меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷо дода мешаванд [82, с. 315]. Тазаккури ин нукта зарур ба назар мерасад, ки ҷумлаи охирӣ чандгуна тафсир шудааст. Баъзе муаллифон фаъолияти меъёрсозии давлат [91, с. 144], дигарон: натиҷаи ин фаъолият (санадҳои гуногуни меъёрии ҳуқуқӣ) ва баъзеи дигар – ҳардуро, ки бо мафҳуми умумии «шакли берунии ҳуқуқ муттаҳид карда шудаанд [170, с. 5], дар назар доранд. Дар ҳоли ҳозир мафҳумҳои «шакли ҳуқуқ» ва «сарчашмаи ҳуқуқ» ба як маъно ҳамчун шакли берунии объективӣ, ифодаи ҳуқуқ, иродаи меъёрии давлат истифода мешаванд. Номҳои мухталифи як падида аз гуногунии таҷалии моҳияти онҳо шаҳодат медиҳад.

Назарияшиносони ҳуқуқ қайд мекунанд, ки: «ташаккул ва пайдоиши ҳуқуқ аз доираи муносибатҳои моликияти моддӣ оғоз меёбад. Ин раванди мураккаб бо ташаккули меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор бо ёрии фаъолияти давлат анҷом меёбад. Дар натиҷа санадҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ба миён меоянд.

Таърифи сарчашмаҳои ҳуқуқ ба маънои ҳуқуқӣ, аз ҷумла, аз он иборат аст, ки инҳо «роҳҳои муқаррар намудани қоидаҳои рафторе мебошанд, ки давлат ба онҳо қувваи ҳуқуқӣ медиҳад» [82, с 29]. Аз дидгоҳи илмӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқ чунин нишон медиҳад, ки онҳо восита ва шаклҳои муайян кардани меъёрҳои рафторӣ ба шумор мераванд, ки ба онҳо давлат бо роҳӣ расмӣ қувваи ҳуқуқӣ мебахшад [134, с. 164].

Дар баробари ин, бояд бо бархӯрд ба мафҳуми «сарчашма», ки ба тафовути байни категорияҳои «сарчашмаҳои пайдоиш» ва «сарчашмаҳои шинохти»-и ҳуқуқ асос ёфтааст, мувофиқат кард. Зикри ин нуктаро лозим медонем, ки аксари олимон мафҳуми «сарчашма»-ро бо мафҳуми «сабаб» омехта мекунанд ва дар натиҷаи чунин иштибоҳ ба хулосае меоянд, ки: омилҳои муайяни ба рушди ҳуқуқи байналмилалӣ таъсиррасон дар сарчашмаҳои ҳуқуқи мазкур пешбинӣ шудаанд. Сарчашмаи ҳуқуқ истилоҳе барои таъйини воқеияти таърихист, ки меъёрҳои рафтор аз он мавҷудият ва қувваи ҳуқуқии худро пайдо мекунанд. Дар ин маврид, лозим ба ёдоварист, ки муаллифи англис: «муносибати диалектикӣ-моддигароиро дар арзёбии мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» интихоб мекунад, ки ба он фарқиятгузории ду ҷанбаи калидӣ – тарафи расмӣ-ҳуқуқӣ ва тарафӣ объективӣ – хос мебошад. Ин муносибат имкон медиҳад, ки сарчашмаи ҳуқуқ на танҳо ҳамчун зуҳуроти институтсионалӣ ва давлатӣ, балки ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ ва воқеии инъикоскунандаи иродаи ҷомеа таҳлил гардад» [143, с. 44-45].

Бояд гуфт, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ, ҳалли масъалаҳои сарчашмаҳои ҳуқуқ аз нигоҳи тамоюлҳои муосири инкишофи ҳуқуқ таҳти бознигарии куллӣ ва омӯзиши амиқ қарор гирифта, ба пешниҳодҳо дар бораи даст кашидан аз истилоҳи «сарчашмаи ҳуқуқ» ва бо мафҳуми «шакли ҳуқуқ»- иваз кардани он мунҷар шудааст.

Дар мавриди мазмунҳои гуногуне, ки ба ибораи «сарчашмаи ҳуқуқ» дода шудаанд, Г. Ф. Шершеневич навишта буд: «зарур аст, ки аз баҳри он гузашта, ба ибораи дигар — «шакли ҳуқуқ» иваз намоем. Таҳти ин ном бояд навъҳои гуногуни ҳуқуқ, ки бо тарзи таҳияи мазмуни меъёрҳо фарқ мекунанд, фаҳмида шаванд» [170, с. 369].

Илова бар ин мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» маънои фалсафӣ низ дорад ва нишон медиҳад, ки чӣ гуна ақидаҳои фалсафӣ (либералӣ,

консервативӣ ва ғ. ) асоси як низоми ҳуқуқиро ташкил додаанд [130, с. 473]. Бо ин ҳол, масъала тағйир намехӯрад.

Ёдовар мешавем, ки таълимот одатан ду унсури мафҳуми ««сарчашмаи ҳуқуқ»-ро ҷудо мекунад: шакли берунӣ – «ифодаи берунии мазмуни созмонёфтаи дохилӣ»-и меъёри ҳуқуқӣ ва унсури конститутсионӣ – «ба меъёр додани сифати меъёри ҳуқуқӣ» [119, с. 9]. Бояд гуфт иборαи «шакли сарчашмаҳои ҳуқуқ», ки пас аз баҳсҳои тӯлонӣ ва тунд дар илми умуминазариявӣ оид ба ин масъала ба гардиши илмӣ ворид шуд, то имрӯз серистифода аст.

Ҳамин тавр, О. С. Иоффе ва М. Д. Шаргорский қайд мекунанд, ки: ду шакли ҳуқуқ мавчуд аст: шакли берунӣ ва шакли дохилӣ. Ба шакли дохилӣ меъёри ҳуқуқ ва башакли берунӣ санадҳои меъёрии давлат дохил мешаванд [111, с. 134].

Муқоисашиноси фаронсавӣ Р. Дэвид бошад: «сарчашмаҳои ҳуқукро усулҳои техникие номидааст, ки «бо ёрии онҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ин ё он кишвар ва давраи муайян ба вуҷуд меоянд ё равшан карда мешаванд» [98, с. 192]. Баъзе муаллифони дигар, аз ҷумла муаллифи чех З. Кучера ҷанбаи маърифатиро дар мазмуни мафҳуми баррасишаванда тазаккур медиҳанд: «Мафҳуми «сарчашмаҳои ҳуқуқ» дар ин ҷо ба маънои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ба маънои шинохти меъёрҳои ҳуқуқӣ, шаклҳои ҳуқуқӣ, ки дар онҳо ҳуқуқ мавҷуд аст ва барои донистани мазмун ва матни меъёрҳои ҳуқуқӣ хидмат мекунад, истифода мешавад» [67, с. 13-14]. Баъзан «сарчашмаи ҳуқуқ» ҳамчун мавзуи пажӯҳиши назариявӣ дар асарҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ берун аз таваҷҷуҳ боқӣ мемонад. Масалан, бахши профессор М. Коппенол-Лафорси аз Донишгоҳи Роттердам, ки ба сарчашмаҳои ҳуқуқи хусусӣ бахшида шудааст, аз «инъикоси маводи марбут ба фаъолияти мақомот ва созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи муттаҳидсозии ҳуқуқ оғоз мешавад (Конференсияи Гаага, Комиссияи Созмони Миллали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи тиҷорати байналмилалӣ, Институти байналмилалии

муттаҳидсозии ҳуқуқи хусусӣ, Иттиҳоди Аврупо ва ғайра)» [173, с. 3], яъне муносибати воқеиро аз нуқтаи назари муаллиф ба муҳимтариннамунаҳои сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ - санадҳое, ки аз ҷониби мақомот ва созмонҳои байналмилалӣ таҳия шудаанд, тавсиф мекунад. «Аммо категорияи «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро барои шарҳ додани таъсири меъёрҳои дигар низомҳои ҳуқуқӣ дар қаламрави давлат истифода бурдан мумкин нест. Сабаб он аст, ки «сарчашмаи ҳуқуқ» иродаи давлатро барои эътироф намудани қоидаҳои муайян ҳамчун меъёри ҳуқуқӣ ифода мекунад» [173, с. 3].

Дар баробари ин, ба гуфтаи Р. Ш. Сотиволдиев сарчашмаи ҳуқуқ – шакли ифодаи ҳуқуқи амалкунанда мебошад. Азбаски сарчашмаҳои ҳуқуқ шаклҳои ифодаи ҳуқуқ мебошад, муайян намудани таносуби мафҳумҳои «сарчашмаҳои ҳуқуқ» ва «шаклҳои ҳуқуқ» аҳамияти муҳим дорад [159, с. 447].

Дар асоси ин метавон ба хулосае омад, ки мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» ду унсури ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад: якум, шакли берунии мавҷудияти ҳуқуқии меъёрҳои ҳуқуқ, дуюм, усули аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳатмӣ гардонидани ин меъёри рафтор, ё ба иборати дигар усули ифодаи иродаи давлат [73, с. 173-185].

Ба гуфтаи В. А. Канашевский: «дар баробари сарчашмаҳои (шаклҳои) ҳуқуқ дар илм категорияи «танзимгари ҳуқуқ»-ро ҷудо кардан одат шудааст. Он категорияи «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро иваз намекунад ва ба он шабеҳ нест. Вуҷуди он ба ин далел аст, ки дар низоми ҳуқуқии давлат на танҳо меъёрҳои ҳуқуқии он, балки меъёрҳои дигар низомҳои ҳуқуқӣ – меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ низ амал мекунанд ва татбиқ мешаванд» [49, с. 69-70].

Дар баробари ин, тибқи луғати ҳуқуқи байналмилалӣ, тахти сарчашмаҳои байналмилалии ҳуқуқӣ бо тавзеҳи он ки мо сарчашмаҳои ҳуқуқро ба маънои ҳуқуқӣ дар назар дорем, шаклҳое фаҳмида мешаванд, ки «дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ифода ёфта, иродаи

мувофиқатшудаи субъектҳои онро ифода мекунанд» [121, с. 59]. Дар таърифи пешниҳодкардаи Н. А. Ушаков, ягонагии ду шакл таъкид мешавад: «якум «сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ шаклест, ки дар он қоидаҳои рафтори субъектҳои муносибатҳои байналмилалӣ ифода ёфта, ба ин қоидаҳо сифати меъёри ҳуқуқи байналмилалиро мебахшад». Дуюм, «қоидаи рафтори аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятдошта бояд дар шакли муайян ифода карда шавад ва чунин шакл барои ба сифати меъёри ҳуқуқӣ эътироф намудани ин қоида асос мегардад» [166 с. 13]. Ҳамин тариқ, дар ҳар ду таърифи дар боло зикршудаи категорияи «сарчашмаи ҳуқуқ» унсури «шакли ифода» мавҷуд аст.

Дар робита ба ин, як навъ канорагирӣ аз ақидаҳои ғолибе, ки дар мавриди сарчашмаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи байналмилалӣ дар таълимоти муосири ҳуқуқи байналмилалӣ мушоҳида мешавад, диққатҷалбкунанда аст. Аз ҷумла, ҳангоми баррасии шакл ва мундариҷаи ҳуқуқи байналмилалӣ И. И. Лукашук чунин мешуморад, ки шакли ҳуқуқ, меъёри ҳуқуқӣ аст, ки мазмуни худро дорад. «Мазмуни ҳуқуқии меъёр қоидаи рафтор мебошад. Агар меъёрҳо шакли зарурии дохилии мавҷудияти ҳуқуқи байналмилалиро ифода кунанд, пас шакли берунии он, яъне урфу одат, шартнома ва тасмимҳои ҳуқуқэҷодкунии ташкилотҳои байналмилалӣ тарзи ифода мешаванд. Ин шаклҳои расмии ҳуқуқии мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалиро сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ меноманд» [125, с. 7]. Бинобар ин, шакли беруниро сарчашмаи ҳуқуқ меноманд. Ғайр аз ин, шакли (сарчашмаи) ҳуқуқ ба меъёри рафтор сифати меъёри ҳуқуқӣ медиҳад, ки дар натиҷаи он меъёри рафтор чунин хислатҳое, аз қабили барои ҳама ҳатмӣ ва расман мушаххас будан, аз тарафи давлат таъмин гаштанро пайдо мекунад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки меъёри байналмилалиро аз шакли худаш ҷудогона баррасӣ кардан мумкин нест, зеро дар ин ҳолат он сифати меъёри ҳуқуқиро гум мекунад. Давлати мушаххас якҷо бо дигар давлатҳо дар

эътирофи сифати меъёри ҳуқуқӣ ҳамчун меъёрҳои байналмилалӣ иштирок кардааст. «Бинобар ин, онҳоро наметавон сарчашмаи ҳуқуқи ин ё он давлат ҳисобид, балки онҳо дар низоми ҳуқуқии кишвар мавқеи алоҳидаро ишғол мекунанд. Дар баробари ин, таъсири танзимкунандаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қаламрави давлат ба мо имкон медиҳад, ки онҳоро ҳамчун танзимгари ҳуқуқӣ тавсиф кунем» [74, с. 172–182].

Дар ин маврид Н. А. Ушаков қайд мекунад, ки дар заминаи сарчашмаҳои ҳуқуқ аз як қатор нуктаҳои муҳимме, ки бо ин ё он тарз бо асосҳои назарияи ҳуқуқ алоқаманданд, сарфи назар кардан душвор аст. Аввалан, маълум аст, ки меъёрҳо на шакли берунӣ ва на шакли дохилии ҳуқуқ, балки моҳияти он мебошанд, яъне зарраҳои бунёдии ҳуқуқ ҳамчун низоми танзимкунанда буда, афзалиятҳои асосӣ – меъёрӣ, дақиқ, ҳатмӣ, умумӣ (барои онҳое, ки ин меъёрҳо ба онҳо дахл доранд), пойдор ва собит будани онҳоро таъмин мекунанд [166. с, 13]. Сониян, ҳуқуқ дар шаклҳои мушаххас на танҳо вуҷуд дорад, балки дар *ибтидо падид меояд.* Ба ин муносибат бо чунин воқеият комилан розӣ шудан мумкин нест ки, ба қавли И. И. Лукашук: «сарчашмаи ҳуқуқ функсияи хоси эҷоди меъёрҳо (аз ҷумла меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ)-ро дорад: ҳеҷ як сарчашмаи расмии ҳуқуқии ҳуқуқ худ аз худ меъёрҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд намеоварад ва наметавонад эҷод кунад» [125, с. 17]. Категорияи «сарчашмаи ҳуқуқ» дар ҳуқуқ ва таълимот ба унсурҳои миёнарав (ба маънои ғайрифаъол) дахл дорад, гарчанде ки он маҳсули фаъолияти фаъоли субъектҳои дахлдор аст. Бо назардошти ҳамаи гуфтаҳои боло нақши сарчашмаҳои ҳуқуқ дар сохтори умумии категорияҳои ҳуқуқӣ равшан аст. Тавре ки қаблан зикр гардид, сарчашмаҳои ҳуқуқ дар навбати аввал бо объектикунонии меъёрҳои он алоқаманданд, ки дар натиҷаи он ҳуқуқ метавонад дар шаклҳои гуногун ифода ёбад ва аз ин сабаб зарурати таъсиси онҳо низ ошкор мегардад. Воқеан, таҳлили чунин шаклҳои

мушаххаси будан (ё ифодаи) ҳуқуқ, муайян кардани робитаҳои сохторӣ ва мантиқӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ, таъсири мутақобилаи байни онҳо ба мо имкон медиҳад, ки аз нуқтаи назари моддӣ на танҳо худи мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ», балки категорияи ҳуқуқро пурратар ошкор кунем. Силсилаи ибтидоии сохтории мафҳумҳое, ки ба категорияи «сарчашмаи ҳуқуқ» мансубанд, дар назарияи умумии ҳуқуқ бо мафҳумҳои «санади меъёрии ҳуқуқӣ», «шартнома (шартномаи байналмилалии ҳуқуқӣ)», «анъана», «собиқа» ташаккул меёбанд.

Сарчашмаи дигари ҳуқуқи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки: «дар назарияи умумии ҳуқуқ шаклҳои ифода ва муттаҳидсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқ ба маънои ҳуқуқӣ, расмӣ шартан эътироф карда мешаванд, зеро ин мафҳум метавонад маънои дигар (омилҳои иҷтимоӣ, ки меъёрҳои ҳуқуқро муайян мекунанд; сарчашмаҳои маълумот дар бораи ҳуқуқ) дошта бошад»[118, с. 65]. Аммо арзёбии расмӣ-ҳуқуқии сарчашмаи ҳуқуқ душвор аст, зеро категорияи сарчашмаи ҳуқуқ ба мо имкон медиҳад фаҳмем, ки меъёрҳои ҳуқуқ дар кадом ҳолатҳо ва бо кадом воситаҳо ба миён меоянд, вуҷуд доранд ё тағйир меёбанд.

«Сифате, ки хусусиятҳои меъёрҳои байналмилалӣ ва миллиро ба ҳам меорад, мавқеи мухтору мустақили онҳо дар робита ба давлати муайян ва низоми ҳуқуқии он мебошад. Ин мустақилият аз мавҷудияти ин меъёрҳо дар сарчашмаҳои гуногуни ҳуқуқ бармеояд. Бо зикри гуфтаҳои боло мехоҳем ба ин нукта ҷалби таваҷҷуҳ кунем, ки маҳз категорияи «сарчашмаи ҳуқуқ» меъёрро ҳамчун *меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ ташкил медиҳад.* Таъсири меъёрҳои ҳуқуқии мансубияти низомии гуногун дар қаламрави давлат бо мавҷудияти онҳо дар манбаъҳои дахлдор муайян карда мешавад» [74, с. 172– 182]. Бояд дар назар дошт, ки мушкили муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилии давлати мушаххас мушкили муносибати байни сарчашмаҳои низомии гуногуни ҳуқуқ ва ё агар дақиқатар гӯем, мушкили муносибати байни он унсурҳои

сохторест, ки худи категорияи «сарчашмаи ҳуқуқ», пеш аз ҳама, иродаи дар он ифодаёфтаро барои ба қоида додани сифати меъёри ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

Аз ин рӯ, ин мафҳумҳоро дар робита бо ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таҳлил намуда, қайд мекунем, ки «аввалан, ҳуқуқи байналмилалӣ як бахши махсуси ҳуқуқ аст, дуюм, он ҷузъи ҷудонопазири низоми ҳуқуқи миллӣ мебошад, яъне сарфи назар аз мубоҳисаҳои беист, хусусияти миллӣ дорад» [101, с. 37]. Бо назардошти он, ки хусусиятҳои сарчашмаҳои як соҳаи муайяни ҳуқуқ ба моҳият, хусусияти ин қонун вобаста буда, дуюмӣ хусусиятҳои объекти танзими ҳуқуқиро муайян мекунад, бинобар ин, сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, пеш аз ҳама, он шаклҳои ҳуқуқие мебошанд, ки умуман ба тартиботи ҳуқуқии миллӣ хосанд. Дар робита ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаҳои ҳуқуқӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд.

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки аксар вақт изҳоротиҳо бо чунин мазмуну мундариҷа вомехӯранд: «Меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ тавассути созишномаҳои байни давлатҳо ба вуҷуд меоянд, меъёрҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ мебошанд, ки аз ҷониби як мақоми давлатӣ якҷониба бо роҳи баровардани қонун ё иҷоза додани меъёрҳои анъанавӣ муқаррар карда мешаванд» [165, с. 84].

Қобили зикр аст, ки таваҷҷуҳ ба сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар солҳои 80-90-уми асри гузашта боз бо сабабе ҷалб карда шуд, ки ба худи мавзуъ – ҷанбаҳои назариявии таълимоти сарчашмаҳои ҳуқуқ рабте надорад, балки ба талоши ҷавоби бодалел ва асоснок додан ба пурсиши моҳияти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ марбут аст. Ин ҷудо аз назарияи ҳуқуқи байналмилалӣ ба амал омада наметавонист, зеро таваҷҷуҳи асосӣ ба шартномаи байналмилалӣ буд.

Рӯйхат ва пайдарпайии ҷузъҳое, ки силсилаи мувофиқи мафҳумии категорияи «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро ташкил медиҳанд, тамоми хусусиятҳои

сохторӣ, низомӣ ва муҳимми низоми баррасишавандаи меъёрҳои ҳуқуқи объективӣ ва илми ҳуқуқие, ки онро меомӯзанд, инъикос мекунанд. Агар аз нуқтаи назари назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ ин категорияро мувофиқи нақшаи ҳуқуқ – анъана – собиқа ба таври кофӣ васеъ кардан мумкин бошад, пас аз нуқтаи назари назарияи ҳуқуқи байналмилалӣ мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» тавассути силсилаи мафҳумии иборат аз абстраксияҳои «шартномаи байналмилалӣ», «анъанаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ», «санадҳои ҳатмии ҳуқуқии созмонҳои байналмилалӣ», «санадҳои якҷонибаи давлатҳо» ошкор шудааст. Дар робита ба ҳуқуқи байналмиллалӣ силсилаи мафҳумии шаклҳои ифодаи меъёрҳои ҳуқуқии ба он тааллуқдошта инҳироф аз сохторҳое, ки ба назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ ва ҳам ҳуқуқи байналмилалӣ хосанд, ифода мекунад. «Дар ҳоли ҳозир, вобаста ба тавсеъаи заминаи моддии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, махсусан тавассути рушд ва амиқ шудани муносибатҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва истеҳсолӣ дар ҳама сатҳҳо, чӣ байни давлатҳо ва чӣ миёни субъектҳои ҳуқуқи миллӣ, инчунин байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии кишварҳои алоҳида, таваҷҷуҳ ба сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ табиист, ки дар навбати аввал аҳаммияти амалӣ пайдо мекунад. Азбаски пажӯҳиши мустақил оид ба таҳлили бунёдии масъалаҳои сарчашмаҳои ҳуқуқ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ гузаронида нашудааст, нуқтаи ибтидоии омӯзиши масъалаи ба миён гузошташуда дастовардҳои мавҷудаи назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ мебошанд. Зимнан, таҳлили адабиёти дахлдор нишон медиҳад, ки миёни дидгоҳҳои мутахассисон ҳатто дар робита ба тафсири истилоҳи «сарчашма» дар категорияҳои муайянкардаашон тафовутҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд» [74, с 172– 182].

Аз манзари пажӯҳиши мо, парадигма ин аст, ки ин масъала то чӣ андоза пайваста ва ҳамаҷониба ҳал шудааст? Хулосаҳои муҳаққиқон оид ба шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқи

байналмилалии хусусӣ хеле зиддиятноканд. Дар матолиби илмии муосири марбут ба масъалаҳои мураккаби аз ҷиҳати назариявӣ пурра таҳиянашуда, ки ҳарчанд дар замонҳои гуногун мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони алоҳида қарор доштанд, то имрӯз аҳаммияти худро нигоҳ доштаанд, маҷмуи масъалаҳои дорои хусусияти ҳуқуқии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, доираи амали он, мавқеи шартномаи байналмилалӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва эътибори шартномаи байналмилалӣ дар дохили давлат боз ба баҳсу баррасӣ гузошта мешаванд.

Андешаҳо дар робита ба ин мушкилот тақрибан чунин ба назар мерасанд:

1) пуштибонӣ аз дидгоҳ дар бораи «дугонагӣ»-и сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, яъне аз ду категорияи сарчашмаҳо – миллӣ ва байналмилалӣ ва ҳамин тавр, асоснок кардани фарқияти табиати ҳуқуқии сарчашмаҳои ҳуқуқ;

2) дигар олимон шартномаи байналмилалиро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ куллан инкор мекунанд;

3) муайянсозии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун «соҳаи ҷомеи ҳуқуқ» ё «маҷмуи чанднизомӣ», ки аз ҷумла ҳам меъёрҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ ва ҳам байналмилалиро дар бар мегирад. Дар таълимоти муосири на танҳо хориҷӣ, балки ватании ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ низ муқаррарот дар бораи равиши дугонаи сарчашмаҳои он (баъзе муаллифон истилоҳи «дугонагии сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ»-ро истифода мебаранд) яъне тақсими сарчашмаҳо ба «миллӣ» ва «байналмилалӣ» хеле анъанавӣ ҳисобида мешуданд. Ба сарчашмаҳои миллӣ қонунгузории дохилӣ ва судӣ, инчунин таҷрибаи арбитражиро дохил мекунанд.

Дар мавриди сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии муосир, чунин тақсимот дида мешавад:

а) сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ: шартномаи байналмилалӣ ва анъанаҳои байналмилалӣ,

б) сарчашмаҳои иловагӣ ва ҳосилшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ: санадҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳатмии созмонҳои байниҳукуматии байналмилалӣ [118, с. 69].

Эътирофи сифати шартномаи байналмиллалӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, чунон ки зикр гардид, дар таълимот дар як вақт ҳамчун падидаи хеле устувор баромад мекард. Дар ин робита, донишманди муътабари Булғористон дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ В. Кутиков қатъан бар он ақида буд, ки манбаи комили ҳуқуқи байналмилалии хусусии Булғористон ҳамон шартномаҳои байналмилалие мебошанд, ки билохира барои ин кишвар эътибор пайдо кардаанд [174, с. 201]. Ин ҳолат вақте ба амал меояд, ки расмиёти конститутсионӣ дар муҳлати пешбининамудаи шартнома риоя ва анҷом дода шудаанд. Пас аз иҷрои ин талабот чунин ҳисобида мешавад, ки муқаррароти шартномаҳо ба қонунгузории миллӣ дохил карда шудаанд. Ба ибораи дигар, муаллиф қайд мекунад: шартномаҳои байналмилалӣ ба меъёрҳои ҳуқуқии ин ё он кишвар дохил шудаанд [174, с. 201]. Мавқеъи дар боло зикршударо ҳамчунон мутахассисони намоёни маҷористонӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҷонибдорӣ мекунанд. Онҳо дар баробари изҳори ин ақида, ки: «шартномаҳои байналмилалӣ бо тартиби конститутсионии дахлдор ҷузъи ҳуқуқи миллӣ мегарданд, ба мақоми хоси чунин шартномаҳо ишорат мекунанд. «Созишномаҳои байналмилалие, ки дорои меъёрҳои ихтилофӣ ё ҳуқуқии моддӣ мебошанд, як категорияи махсусро (синфе, ки шартномаҳои ҳуқуқсозанда, шартнома – қонун номгузорӣ мешаванд) ташкил медиҳанд ва онҳоро аз шартномаҳои байналмилалӣ (сиёсӣ, ҳарбӣ ва ғ. ), ки барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мустақим ба вуҷуд намеоранд, ба осонӣ ҷудо кардан мумкин аст» [123, с. 185]. Вобаста ба ин, дар таълимоти русӣ борҳо таъкид шудааст, ки: «хусусияти асосии сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дугона будани онҳост. Аз як тараф, сарчашмаҳо

шартномаҳои байналмилалӣ ва анъанаҳои байналмилалӣ ва аз тарафи дигар, меъёрҳои қонунгузорӣ ва амалияи судии давлатҳои алоҳида ва анъанаҳои онҳо мебошанд, ки дар соҳаи тиҷорат ва баҳрнавардӣ татбиқ мешаванд» [91, с. 55]. Аз ҷумла, М. М. Богуславский қайд мекунад, ки чор «сарчашмаи асосии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ вуҷуд дорад:

1) шартномаҳои байналмилалӣ;

2) қонунгузории дохилӣ;

3) амалияи судӣ ва арбитражӣ;

4) анъанаҳо» [91, с. 55].

Ш. Менглиев низ аз ҳамин нуқтаи назар пайравӣ кардааст [132, с. 64].

Сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ин шакли ифодаёбӣ ва мустаҳкамнамоии қоидаҳои рафтори муайян дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ (чӣ дар қонунгузории миллӣ ва чӣ дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ) фаҳмида мешавад, ки онҳо танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ мебошанд.

Дар баробари ин, сарфи назар аз андешаронидҳо дар бораи «табиати дугона» дар адабиёти ҳуқуқӣ, баъзе муаллифон дохил кардани шартномаҳои байналмилалиро ба сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ инкор мекунанд. Ба гуфтаи Г. К. Дмитриева: “шартномаи байналмилалӣ сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ мебошад”. Ин, аввалан, натиҷаи ташаккули ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун раванди ҳамоҳангсозии иродаи давлатҳои манфиатдор ва дуюм, шакле мебошад, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро дарбар мегирад ва муносибатҳои байнидавлатиро бо роҳи муқаррар намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои давлатҳои узв танзим менамояд [101 с. 68-69]. Аз ин рӯ, ҳуқуқи байналмилалӣ қобилияти танзими муносибатҳои дохилидавлатиро надорад, чунон ки механизми ҳуқуқи миллӣ барои танзими муносибатҳои байнидавлатӣ мувофиқ нест. Дар муносибатҳои байнисарҳадии хусусию

ҳуқуқӣ таъсири шартномаи байналмилалӣ ба воситаи санадҳои ҳуқуқии миллӣ амалӣ мешавад. Дар натиҷа шартномаи байналмилалӣ ҳамчун санади ҳуқуқии миллӣ амал мекунад, ки мушкили «дугонагӣ»-и сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусиро аз байн мебарад [101 с. 68-69]. Л. П. Ануфриева бо чунин фаҳмиши меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ розӣ нест. Ба ақидаи ӯ қоидаи рафторе, ки дар шартномаи байналмилалӣ таҳия ва барои субъектҳои ҳуқуқи дохилӣ пешбинӣ шудааст, меъёри ҳуқуқӣ ба ҳисоб намеравад, он ба истилоҳ як «пешмеъёр» аст. Ба ибораи дигар, «қисмати васеъи диспозитсияи уҳдадориҳои меъёрҳои байналмилаӣ», ки танҳо дар натиҷаи аз ҷониби давлат додани қувваи ҳуқуқӣ, ки барои амал дар ҳуқуқи дохилидавлатӣ зарур аст, ба ҳамон шакле, ки ҳаст, табдил меёбад. Ҳамин тариқ, ҳеҷ гуна табдилёбии меъёр ба меъёр ба амал намеояд, балки давлат «пешмеъёр»-ро, ки дар шартномаи байналмилалӣ мавҷуд аст, иҷоза медиҳад. Дар натиҷа, он як меъёри дохилидавлатӣ мегардад [62, с. 64].

Ҳамчунин дар адабиёт масъалаи муайянсозии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба унвони «соҳаи мураккаби ҳуқуқ», аз ҷумла меъёрҳои ҳуқуқии дохилӣ ва байналмилалӣ ба миён меояд. Н. Ю. Ерпилева бар ин ақида аст, ки «зуҳуроти берунии табиати мураккаби ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавҷудияти манбаъҳои ҳуқуқест, ки табиатан гуногун буда, низоми ҳуқуқии додашударо ташкил медиҳанд. Сарчашмаҳои асосии зерин барои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ хосанд: қонунгузории дохилӣ; шартномаҳои байналмилалӣ; анъанаҳои байналмилалӣ» [104, с. 46].

Бояд қайд кард, ки дар баробари ин, фикру мулоҳизаҳои гуногун дар «консепсияи татбиқи ҳуқуқии миллии шартномаҳои байналмилалӣ, ки ба маънои дутарафа фаҳмида мешавад, пешниҳод гаштааст:

1) татбиқи миллӣ-ҳуқуқии он муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ, ки «муносибатҳои сирфан байнидавлатӣ»-ро танзим мекунанд;

2) татбиқи ҳуқуқии миллӣ-ҳуқуқии он муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ, ки ба танзими муносибатҳои дохилидавлатӣ ё муносибатҳои байни субъектҳои дохилидавлатии кишварҳои гуногун нигаронида шудаанд.

Дар мавриди аввал, нақши ҳуқуқи миллӣ аз танзими он амалҳои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор иборат аст, ки дар натиҷаи онҳо муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ амалӣ мегардад. Дар мавриди дуюм, як навъ «тағйири масири» ин муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ ба субъектҳои ҳуқуқи миллӣ - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарур аст. Аммо чунон ки мебинем, консепсияи пешниҳодшуда ба саволи ин ки оё шартномаи ҳуқуқии байналмилалӣ сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳаст ё нест, ҷавоби мустақим намедиҳад» [74, с 172–182].

Албатта, шартномаи байналмилалӣ дар ташаккули меъёрҳои миллӣ, аз ҷумла ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ нақши асосӣ дорад. Дар мавриди меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сухан дар бораи ихтилофи ягонаи қонунҳо ва меъёрҳои ягонаи ҳуқуқии хусусии моддӣ меравад.

Аз назари таҳлили дастгоҳи категориявӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, баррасии мувозии шартномаи байналмиллалӣ аз мавқеъҳои якум ва дуюм қобили таваҷҷуҳ аст. Табиист, ки ҳеҷ кас сифати шартномаи байналмилалиро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалӣ ба баҳс намекашад. Шубҳаҳо дар бораи бенуқсон будани чунин таҳияи саволро танҳо ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба миён меорад. «Дар илми ҳуқуқ ин андеша, ки шартномаи байналмилалӣ муносибатҳои байни давлатҳо ва субъектҳои ҳуқуқро, ки аз онҳо бармеоянд, танзим мекунад ва бинобар ин муносибатҳои дигарро танзим

карда наметавонад ва намекунад, мавқеи басо устувор пайдо кардааст. Ин комилан дуруст аст. Аммо бо вуҷуди ин, ин андешаронеро такмил дода, метавон гуфт, ки дар ҳолатҳое, ки барои асоснок кардани мавҷуд набудани шартномаи байналмилалие, ки меъёрҳои барои танзими муносибатҳои «бо унсури хориҷӣ» пешбинишудаи ҳуқуқи маданиро муттаҳид мекунанд, сифатҳо метавонанд сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бошанд» [74, с 172– 182]. Пешакӣ бояд кайд кард, ки маҳз меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ дар ин маврид ба худи мазмуни уҳдадории байналмилалии ҳуқуқии давлат дохил мешаванд. Агар чи истидлол ба шакли зерин аст: «Шартномаи байналмилалӣ метавонад манбаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои танҳо субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дар ин ҳолат – давлатҳо бошад. Аммо вазифаи давлатҳои узви шартнома аз он иборат аст, ки дар қонунгузории миллии худ меъёрҳоеро, ки «намуна» ё «марҷаи» онҳо дар худи шартнома оварда шудааст, муқаррар намуда, риояи онҳоро аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи дохилӣ таъмин намоянд» [165, с. 84-85].

Г. М. Веляминов чунин мешуморад, ки: «нақши шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун манбаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бе ҷавоби дақиқ ба пурсиши чигунагии муҳити меъёрие, ки дар он шартномаҳои байналмилалӣ нақши хоса доранд, имконнопазир аст» [63, с. 77].

Таъсири шартномаҳои байналмилалӣ ба қонунҳои давлатҳои гуногун дар раванди рушди муносибатҳои байнидавлатӣ бетағйир намемонад. Агар дар марҳалаҳои аввали инкишофи ҳуқуқи байналмилалӣ ба қонунгузории давлатҳои узв бавосита таъсир расонида бошад, пас дар айни замон шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи дохилӣ баромад мекунанд.

Гап дар он аст, ки меъёри байналмилалиро аз шаклаш ҷудогона баррасӣ кардан мумкин нест, зеро дар ин ҳолат он сифати меъёри ҳуқуқиро гум мекунад. Сухан дар бораи эътирофи сифати меъёри ҳуқуқии

шартномаҳои байналмилалие меравад, ки дар он давлат якҷо бо давлатҳоидигар иштирок кардааст. Дар ин замина шартномаҳои байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии кишвар мавқеи алоҳидаро ишғол мекунанд. Албатта, маҳз давлат тавассути ифодаи яктарафаи ирода шаклҳои мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқро муайян мекунад.

Дар мавриди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, мо чунин мешуморем, ки барои ба низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дохил намудани шартномаи байналмилалӣ асосҳои зерин вуҷуд доранд:

1) Агар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ яке аз соҳаҳои ҳуқуқи миллӣ (дохилӣ) ҳисобида шавад, (далели) бадеҳист, ки тибқи моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ мебошанд» [1]. Чунон ки мо дар ин маврид мебинем, сухан дар бораи он шартномаҳои байналмилалие меравад, ки давлатҳо ба онҳо ҳамроҳ шудаанд, яъне ба ҳатмияти ҳуқуқии чунин шартнома розигӣ додаанд. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои ҳуқуқии чунин розигӣ «қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасвиб ё фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Қарори Ҳукумат дар бораи чунин ҳамроҳшавӣ мебошанд» [8]. Вобаста ба ин, санадҳои ҳуқуқии ҳамроҳшавӣ он шаклҳои ҳуқуқие мебошанд, ки дар онҳо меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқӣ ворид карда мешаванд. Дар ин ҳолат онҳо ҳамчун сарчашма ду вазифаро иҷро мекунанд: якум, ҳамчун шакли расмии ҳуқуқии иродаи соҳибихтиёрии давлат, ки меъёрҳои шартномаро дар дохили давлат қувваи ҳатмӣ медиҳад ва дуюм, ҳамчун шакли санадии мавҷудияти ҳуқуқии ин меъёрҳо дар қонунгузории миллӣ.

Аммо бояд дар назар дошт, ки дар ҳуқуқи байналмилалӣ мафҳуми санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба маънои васеъ баррасӣ мешавад, ки дар баробари шартномаи байналмилалӣ дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи

байналмилалиро низ фаро мегирад. Дар ҳоле ки муқаррароти «қисми 3 моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ»-ро ба маънои танг баррасӣ намуда, аз ҷиҳати мазмун ҳамчун шартномаи байналмилалӣ муайян кардааст. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки мувофиқи қисми 4 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ эътибор пайдо мекунанд» [1].

2) Тибқи моддаи 14 - Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавассути Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, танзим ва ҳифз карда мешавад» [1]. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда танзим ва ҳифз карда мешаванд. Дар ин ҷо метавон бо далелҳои В. В. Гаврилов розӣ шуд, ки «истифодаи санадҳои пайдоиши байналмилалӣ дошта бе иҷозати санадҳои ҳуқуқии дахлдори дохилӣ ғайриимкон аст, зеро таваҷҷуҳ ба қоидае дода мешавад, ки мувофиқи он шартномаҳо ва анъанаҳои байналмилалӣ дар баробари меъёрҳои қонунгузории миллӣ ҳамчун сарчашмаи бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқие, ки рафтори шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ, давлат ва ҷомеаи кишварро танзим мекунанд, дарк ва истифода мешаванд»[64, с. 39].

Ҳангоми тавсеа додани ин ақида бояд қайд кард, ки шартнома ва сандаҳои байналмилалӣ умумият доранд. Аввалан, онҳо дар асоси иродаи давлат мавҷуданд, бинобар ин онҳо хусусияти ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ доранд; дуюм, шартномаҳои байналмилалӣ пас аз эътирофи онҳо дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии хусусии фаромарзӣ дар давлати мушаххас иштирок мекунанд.

Дигар ин, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2008 тибқи муқаррароти Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак чанд кӯдакро шаҳрвандони хориҷӣ ба фарзандӣ гирифтанд. Аммо дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин замина холигӣҳо дошт, яъне меъёри мушаххасе вуҷуд надошт ва ҳамзамон фарзандхонии кӯдаконро аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ манъ намекард. Аз ин рӯ, дар ин маврид судҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 26 Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқӣ амал мекарданд.

Қобили зикр аст, ки пас аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Ин дафъа ин таваҷҷуҳ на танҳо аз ақидаҳои таълимотӣ, балки аз мулоҳизаҳои амалӣ низ бармеомад. Истинодҳо ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба истифодаи фаъолонаи онҳо водор месозад. Бо вуҷуди ин, набудани рӯйхати дақиқи онҳо боиси ба миён омадани душвории муайян мешавад. Масалан, «масъалаи ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст ва бо Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017 пешбинӣ шудааст, баҳсбарангез аст. Ҳамин тариқ, мувофиқи қисми 2 моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» «ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; қонунҳое, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудаанд; санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст; қонунҳои конститутсионӣ; кодексҳо, қонунҳо» [7] ва ғайра. Мушкилоти ин масъала дар он аст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иродаи ин кишварро ифода мекунанд, «дар ҳоле ки меъёрҳои байналмиллалӣ

иродаи соҳибихтиёрии на танҳо як давлат, балки ду ва зиёда давлатҳоеро ифода мекунанд, ки дар эҷоди меъёр иштирок кардаанд ва ё баъди эҷоди он розигии худро додаанд. Игнатенко масъалаи мазкурро чунин шаҳр додааст дар баробари ин, таъсири меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ (дохилидавлатӣ) дар доираи салоҳияти давлати дахлдор маҳдуд буда, нисбат ба муносибатҳои байнидавлатӣ татбиқ намегардад» [109, сю 18]. Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки байни сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи дохилӣ фарқият вуҷуд дорад, зеро ин муносибати байни ду низоми мустақили ҳуқуқӣ мебошад.

Дар ин бора чӣ метавон гуфт? «Бо зикри ин далел сухан дар бораи ду категорияи якхела меравад: «ҳуқуқи давлат» - «маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқие, ки давлат, мақомоти ваколатдори он ба вуҷуд овардаанд» ва «ҳуқуқе, ки дар давлат татбиқ мешавад» - «маҷмуи тамоми меъёрҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда, ки метавонанд дар доираи салоҳияти давлати дахлдор амал кунанд». Ин аз он сабаб аст, ки ба категорияи охирин, яъне категорияи ҳуқуқе, ки дар давлат дар баробари ҳуқуқи миллӣ татбиқ мешавад, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз ҷониби давлат эътироф шудаанд, инчунин меъёрҳои муайяни ҳуқуқи давлатҳои хориҷӣ дохил мешаванд» [116, с. 324].

Дар асоси ин метавон ба хулосае омад, ки категорияи «ҳуқуқе, ки дар давлат татбиқ мешавад» нисбат ба мафҳуми «ҳуқуқи давлат» васеътар аст.

Масъалаи дигари муҳим дар заминаи таҳқиқи «қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад» [7], ки дар он мафҳуми «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» истифода шудааст. Ба ин муносибат саволе ба миён меояд: санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ чӣ маъно доранд? Мутаассифона, дар қонунгузорӣ ва адабиёти ҳуқуқии ватанӣ фаҳмиши умумии ин ибораи конститутсионӣ вуҷуд надорад.

Тавре маълум аст, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ танзимгари муносибатҳои байналмилалӣ мебошанд. Ин санадҳо моҳият, шакл ва мазмуни худро доранд, ки аз санадҳои дохилӣ фарқ мекунанд. Аммо асос он аст, ки низоми ҳуқуқи байналмилалӣ низ санадҳои худро истифода мебарад. Ҳамин тариқ, дар адабиёти таълимӣ қайд карда мешавад, ки «санади ҳуқуқии байналмилалӣ амали субъектҳои ҳуқуқи байналмилалиест, ки оқибатҳои ҳуқуқии байналмилалиро ба вуҷуд оварда, бо тартиби муқаррарнамудаи онҳо содир шуда, дар шакли муайян сабт гардида, нияти онҳоро дар бораи маҳз ба ҳамин шакл гузоштани натиҷаи ин амал инъикос менамояд [135, с. 41]. Аммо дар адабиёти муосири ҳуқуқӣ мафҳуми «санади ҳуқуқии байналмилалӣ» корбурди васеъ надорад. Ин ҳолат ба ду сабаб асос ёфтааст:

- аввалан, «санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ» сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар назар доранд. Ин нишон медиҳад, ки сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ шакли асосии ифодаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд. Вобаста ба ин, ҳуқуқи байналмилалӣ мафҳуми «санади ҳуқуқи байналмилалӣ»-ро васеъ истифода намебарад. «Ин метавонад барои фарқ кардани ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи миллӣ ҳамчун асос истифода шавад. Зеро дар низоми ҳуқуқи миллӣ мафҳуми «санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар шаклҳои гуногун истифода мешавад. Масалан, Ҷумҳурии Тоҷикистон ин истилоҳотро, ҳамчунон ки зикраш рафт, дар қонуни алоҳида – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»истифода мебарад;

- дуюм, мафҳуми «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ сарчашмаҳои худро аз муҳтавои қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта, минбаъд дар дигар санадҳои ҳуқуқӣ васеъ истифода мешавад. Дар ин маврид категорияи «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» аҳаммияти миллӣ дошта, бояд аз нуқтаи назари илми ҳуқуқшиносии миллӣ арзёбӣ шавад» [112, с. 3]. Аз

сабаби он ки мо ду категория ё мафҳуми ба ҳам монанд – сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро истифода кардем, бинобар ин мо бояд моҳияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро таҳлил намуда, мавқеи онро дар низоми ҳуқуқи миллӣ муайян кунем.

Тавре дар боло зикр гардид, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамчун сарчашма шакли берунии ифодаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд. Ҳуқуқи байналмилалии муосир дорои чор намуди асосии сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад: шартномаҳои байналмилалӣ, анъанаҳои байналмилалӣ, санадҳои созмонҳои байналмилалӣ ва санадҳои ҳамоишҳои байналмилалӣ. Ҳар кадоми онҳо барои танзими муносибатҳои байналмилалӣ ҷои худро доранд ва барои рушди муносибатҳои байналмилалӣ истифода мешаванд.

Ҳамаи ин сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, новобаста аз намудҳо ва хусусияти ҳуқуқии онҳо, бо як хусусият бо ҳам алоқамананд. Ин хусусият дар он зоҳир мегардад, ки тамоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ натиҷаи ифодаи иродаи давлатҳо ё субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд. Иродаи давлатҳо ин сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалиро ташкил медиҳад ва дар сурати изҳори иродаи ин давлатҳо онҳо метавонанд қатъ карда шаванд, яъне иродаи давлат барои эҷоди сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва муайян намудани моҳияти ҳуқуқии он нақши муҳим мебозад. Масалан, дар замони муосир дар ҳуқуқи байналмилалӣ шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф шудаанд. Ин ҳолатҳо инчунин аз иродаи давлатҳо бармеоянд, ки онҳо тибқи шартномаи байналмилалӣ ҳуқуқу уҳдадориҳоро ба вуҷуд меоранд, тағйир медиҳанд ва қатъ мекунанд.

Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ мафҳуми категорияи «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» дар корҳои илмии олимон ба мисли Менглиев Ш. М. , Искандаров З. Ҳ. Камолзода И. И. Сулаймонов Ф. Ф. , ва Раҷабзода

М. Н. вомехӯрад. Ҳамин тариқ, Искандаров З. Х. чунин мешуморад, ки мафҳуми категорияи «санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ» маънои санади хаттиро дорад, ки бо тартиби муқарраршуда аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ қабул гардида, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро фаро мегирад [112, с. 11]. Муаллиф ин хулосаро «аз этимологияи калимаи санад-санад баровардааст» [112, с. 9]. Аз ин нуқтаи назар, муаллиф чунин мешуморад, ки «принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва анъанаҳои байналмилалӣ аз сабаби дар санадҳои ҳуқуқӣ ифода нагардидани онҳо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба ҳисоб намераванд» [112, с. 10]. Инчунин муаллиф дар асари худ қайд мекунад, ки «мафҳуми категорияи «санади ҳуқуқии байналмилалӣ» нисбат ба категорияи «шартномаҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ» васеътар буда, дуюмӣ ҳамчун ҷузъи аввалӣ ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, муаллиф аломатҳои зерини санади ҳуқуқии байналмилалиро муайян мекунад:

1) бояд дар шакли хаттӣ бошад;

2) бояд аз ҷониби шахси ваколатдор қабул, тасдиқ ва имзо карда шавад; 3) бояд санади ҳуқуқии байналмилалиро фаро гирад;

4) бояд хусусияти ҳатмӣ ва ё тавсиявӣ дошта бошад;

5) бояд хусусияти танзимкунанда дошта бошад» [112, с. 11].

Дар баробари ин, дар робита ба таърифи «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» Ш. М. Менглиев ва М. Н. Раҷабзода бар ин назаранд, ки «категорияи «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» маънои васеъ дошта, шартномаҳои байналмилалӣ, анъанаҳои байналмилалӣ, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, санадҳои созмонҳои байналмилалиро дар бар мегирад» [68, с. 74; 149, с. 17-33]. Ба андешаи мо, «онҳо ҳангоми баҳодиҳии васеи категорияи «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» мазмуну моҳияти меъёрҳои конститутсиониро, ки дар қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ба эътибор нагирифтаанд» [73, с. 173-185].

Дар «Луғати ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ» «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳамчун санадҳое эътироф карда мешаванд, ки дорои хусусиятҳои умумӣ ҳастанд, яъне онҳо ба ҳама кишварҳо ва гурӯҳи давлатҳо таъйин карда мешаванд. Ин таъриф низ нопурра буда, моҳияти мафҳуми санадхои ҳуқуқии байналмилалиро пурра ошкор намекунад. Зеро дар ҳуқуқи байналмилалӣ тақсимоти санадҳо ба умумӣ ва махсус вуҷуд надорад» [100].

Вобаста ба ин савол ба миён меояд: «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» чист? Хусусияти онҳо аз чӣ иборатанд?

Чунончи, тибқи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳури Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф гардидаанд» аз 18 ноябри соли 2013 таҳти «мафҳуми “санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ” санадҳои расмие, фаҳмида мешавад, ки аз тарафи ҷомеаи байналмилалии давлатҳо дар маҷмуъ ба сифати ухдадории ҳатмии ҳуқуқӣ қабул ва эътироф мегарданд» [39]. Дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳури Тоҷикистон ба ҳайати санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ “ҳуҷҷатҳои Созмони Милали Муттаҳид ва муассисаҳои махсуси он” дохил мешаванд. Дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ байни санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ фарқият гузошта мешаванд. Чунончӣ профессор А. Я. Капустин дар чунин шакл мафҳуми ҳуҷчати байналмилалӣ-ҳуқуқиро пешниҳод менамояд: «ҳуҷҷати байналмилалӣ-ҳуқуқӣ фарогири ахборҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ ва хусусияти расмӣ дошта мебошад, ки аз ҷониби мақомоти босалоҳият қабул мегарданд. Моҳияти ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ на танҳо дар худ мустаҳкам кардани хусусияти ахбор, балки дар махсусияти зоҳирии расми истифода мегардад. Ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ дар намуди меъёрӣ, ки дар худ мазмуни қарори инфиродӣ ва ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ, ки фарогири факти ҳуқуқӣ ва далелҳои исботкунӣ мебошанд, тақсим мешаванд» [118, с. 64].

Хулоса, шартномаи байналмилалиро берун аз санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ арзёбӣ намегардад. ««Зеро, шартномаи байналмилалӣ ин санади ҳуқуқи байналмилалӣ аст, на ҳар як санади ҳуқуқи байналмилалиро шартномаи байналмилалӣ номидан мумкин аст. Баъдан дар банди 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад, ки «… санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунад» [149, с. 17-33]. Чунин муқаррарот «интишори расмӣ» ифодагари он аст, ин санади ҳуқуқи байналмилалӣ дар Тоҷикистон дар шакли хаттӣ бояд фаҳмида шавад. Дар баробари ин, «тибқи Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳури Тоҷикистон» «шартномаи байналмилалии Ҷумҳури Тоҷикистон яке аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалие мебошад, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва бо давлати хориҷӣ (давлатҳои хориҷӣ) ё созмони байналмилалӣ (созмонҳои байналмилалӣ) ба таври хаттӣ баста шудааст ва новобаста аз он, ки чунин шартнома дар як санад ё дар якчанд санадҳои ба он алоқаманд мавҷуд аст ва новобаста аз номи мушаххаси он, тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ танзим карда мешавад» [8]. Баръакси шартномаҳои байналмилалӣ категорияи «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» дорои хусусиятҳои умумии хос буда, аз ҷониби илми ватанӣ амиқ омӯхта нашудааст. Меъёрҳои конститутсионии тасдиқгардида ҳамеша хусусияти ибтидоӣ доранд, аз ин рӯ, муайян кардани мазмуну моҳият муҳим аст. Аз ин рӯ, «баҳодиҳии дақиқи ҳар як унсури меъёри конститутсионӣ барои муайян кардани мазмун ва моҳияти категорияи «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» муҳим аст» [74, с. 172– 182].

Дар меъёри муқарраршуда бояд се унсури зерин мавҷуд бошанд: ин санад бояд санади ҳуқуқии байналмилалӣ бошад; онҳо бояд аз ҷониби Ҷумҳури Тоҷикистон тасдиқ, яъне эътироф шуда бошанд; онҳо бояд як қисми низоми ҳуқуқӣ бошанд. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ин се

унсурро фаро мегиранд ва онҳо ҳатмӣ мебошанд. Метавон ба чунин хулоса омад, ки дар баъзе мавридҳо аз ин се унсур яке аз онҳо сарфи назар мешавад. Ин аз он бармеояд, ки тибқи мазмуни қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳури Тоҷикистон танҳо шартномаҳои байналмилалӣ санади ҳуқуқии байналмилалӣ эътироф карда мешаванд. Зеро онҳо ҳамчун сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ амал мекунанд ва дар натиҷа Тоҷикистон ҳуқуқу уҳдадориҳое дорад, ки ҷузъи низоми ҳуқуқиро ташкил медиҳанд ва ба рушди низоми ҳуқуқии Ҷумҳури Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

Дар баробари ин, «зимни мулоҳиза доир ба ин мавзуъ бояд қайд кард, ки ҳангоми омӯзиши механизми амали шартномаҳои байналмилалие, ки ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон тасниф шудаанд, хусусияти онҳоро ба эътибор нагирифтан мумкин нест» [74, с. 172– 182]. Албатта, ба монанди ҳама гуна созишномаҳои байналмилалӣ, хусусан вақте ки сухан дар бораи созишномаҳои байналмилалии дорои хусусияти ҳуқуқии хусусӣ меравад, дар онҳо мисли ҳама гуна шартномаҳои байналмилалӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ мавҷуданд, ки татбиқи онҳо дар ниҳоят дар соҳаи муносибатҳои байни шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад. Дар робита ба ин, ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ кардан зарур аст: аввалан, меъёри конститутсионӣ санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, дар ин маврид шартномаҳои байналмилалиеро, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба низоми ҳуқуқӣ дохил мекунад, на ба ҳуқуқи Ҷумҳури Тоҷикистон ва ҳамчунон ки дар боло қайд кардем, инҳо як чиз нестанд. Сониян, мафҳуми «ҷузъи таркибӣ»-и низоми ҳуқуқии Ҷумҳури Тоҷикистон ҳамчун нишонаи сохтори он, ҳамбастагӣ бо сохторҳои дигари низом, таъсиррасонӣ ба онҳо ва дар навбати худ, таҳти таъсири онҳо қарор гирифтан дарк мешавад. Табиат ва хусусиятҳои ин таомул бешубҳа таҳқиқи иловагиро тақозо мекунад. Муҳим он аст, ки низоми

категорияи ҳуқуқӣ як падидаи хеле мураккаби дастаҷамъӣ ва бисёрҷанба мебошад, ки на бо низоми ҳуқуқӣ ва на низоми қонунгузорӣ мувофиқат намекунад, балки ҳам ин ва ҳам дигар мафҳумҳоро муттаҳид мекунад [73, с. 173-185]. С. С. Алексеев дар ин масъала мавқеъи асоснокшудаеро ишғол мекунад ва ба «низоми ҳуқуқӣ унсурҳои асосиеро, ки дорои аҳаммияти конститутсионӣ мебошанд» – худи ҳуқуқ, мафкураи ҳуқуқӣ ва амалияи ҳуқуқӣ, ки фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳамчун натиҷаи охирӣ низоми санадҳои меъёриро дар бар мегирад, дохил мекунад [82, с. 86-91]. Тавре ки мебинем, низоми ҳуқуқӣ ҳамчун категория ҳамчун маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ бевосита ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ, инчунин муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар асоси меъёрҳо инкишоф меёбанд ва раванди татбиқи ҳуқуқро дар бар мегирад. Равшан аст, ки матни Конститутсияи Ҷумҳури Тоҷикистон, агар истилоҳоти муқарраршударо дар назар дошта бошем, ба шарҳи васеи низоми ҳуқуқӣ бидуни маҳдудсозии он бо маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ, яъне ҳуқуқ асос ёфтааст» [74, с. 172– 182]. Мо чунин мешуморем, ки дар ин маврид дар бораи низоми ҳуқуқӣ сухан рондан дурусттар аст. Зеро соҳаҳои ҳуқуқ ва соҳаҳои қонунгузорӣ бояд дар асл мувофиқат кунанд. Гузашта аз ин, сохтани низоми ҳуқуқӣ дар алоҳидагӣ аз низоми дахлдори қонунгузорӣ низ ғайримантиқӣ аст, инчунин бе назардошти низоми мавҷуда ташаккул додани соҳаҳои қонунгузорӣ низ беасос аст.

Дигар ин ки барои дар ҳудуди Ҷумҳури Тоҷикистон эътибори ҳуқуқӣ ва ҳамин тавр қобилияти танзими муносибатҳои маданӣ пайдо кардан,шартнома чун қоида, бояд тибқи тартиби пешбининамудаи худи шартномаи байналмилалӣ ва санади меъёрии ҳуқуқӣ эътибор пайдо кунад. Дар робита ба ин, бояд ба ин нукта таваҷҷуҳ шавад, ки «тибқи талаботи қисми 4 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳури Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ эътибор пайдо мекунанд» [1]. Аз

муқаррароти конститутсионӣ маълум мешавад, ки танҳо пас аз интишори расмӣ санадҳои эътирофшудаи ҳуқуқии байналмилалӣ дар қаламрави Ҷумҳури Тоҷикистон эътибор пайдо мекунанд. Аммо дар амал талаботи марбут ба шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳури Тоҷикистон на ҳамеша риоя карда мешавад.

Ҳамин тавр, шартномаҳои байналмилалӣ дар қаламрави давлат бинобар эътирофи ҳатмии меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ татбиқ мешаванд. Ба ин тартиб, «меъёрҳои байналмилалӣ бар хилофи меъёрҳои дохилии давлат иродаи на танҳо ин давлат, балки давлат (-ҳо)-и дигарро, ки дар эҷоди меъёр иштирок, ё баъди қабули он розигии худро баён кардаанд, ифода мекунанд» [73]. Дар ин асос ду категорияро ҷудо кардан лозим аст: якум: «ҳуқуқи давлат» - «маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқие, ки аз ҷониби давлат, мақомоти ваколатдори он ба вуҷуд омадаанд» ва дувум «ҳуқуқе, ки дар давлат татбиқ мешавад» - «маҷмуи тамоми меъёрҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда, ки метавонанд дар доираи салоҳияти давлати дахлдор амал кунанд». Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки категорияи «ҳуқуқе, ки дар давлат татбиқ мешавад» аз мафҳуми «ҳуқуқи давлат» васеътар аст.

Шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои фаромарзӣ аз нигоҳи муҳаққиқон гуногун таснифот мешавад. Масалан Раҷабзода М. Н. : «нақши шартномаи байналмилалиро дар танзими вазъи хусусӣ-ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти моддаи 10 ва 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муқаррароти Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ” ва “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” асоснок ва қабул менамояд» [149, с. 86-89], андешаи М. Бабаев, Г. К. Дмитриева, М. Ф. Чудаков-ро «оид ба инкор кардани ширкати шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои дохилидавлатӣ ғайри илмӣ дониста, чунин номгӯи шартномаҳои

байналмилалиро дар бахши танзими муносибатҳои фаромарзӣ – шартнома оид ба кӯмаки ҳуқуқӣ; шартнома оид ба расонидани кӯмакҳои ҳуқуқи оид ба парвандаҳои маданӣ,оила ва ҷиноятӣ; шартнома оид ба имтиёз ва ҳимояи тарафайни сармоягӯзорӣ; шартнома оид ба танзими масъалаҳи душаҳрвандӣ; Конвенсияи Вена "Дар бораи муносибатҳои дипломатӣ", Конвенсия "Дар бораи мақоми гуреза" ва ғайра» [148, с. 83-86]. Шартномаҳои байналмилалӣ новобаста аз предмети танзимнамоӣ ба соҳаи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ шомил аст, зеро шартномаи байналмилалӣ чӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва чӣ хусусӣ бошад? Ташкилкунандаи меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ давлат аст ва ҷой баҳсу инкор нест,ки ҳама шартномаи байналмилалӣ, ки танзигари муносибатҳои фаромарзӣ мебошанд ба низоми ҳуқуки байналмилалии оммавӣ шомиланд. В. А. Канашевский шартномаҳои байналмилалиро дар бахши ҳуқуқи байналмилалии хусусиро ба ду гурӯҳ тақсим менамояд: Якум, шартномаи байналмилалӣ, ки меъёрҳои моддӣ-ягонашуда (унификатсия)-ро мустаҳкам кардаанд. Дуюм, шартномаи байналмилалӣ, ки меъёрҳои коллизионӣ-ягонашуда (унификатсия)-ро мустаҳкам кардаанд [116, с. 324]. Дар умум дар бахши ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ чунин номгӯи шартномаҳои байналмилалӣ - Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид дар бораи шартномаи байналмилали хариду фуруши мол (CISG), Конвенсияи Вена «дар бораи лизинги байналмилалии молиявӣ». Конвенсия «дар бораи моликияти зеҳнӣ», Шартнома «дар бораи кӯмаки ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ», шартнома «оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ», шартнома «оид ба дӯстӣ», созишномаҳои «оид ба пардохт», қарз, мубодилаи мол, шартномаҳо оид ба ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон, шартномаҳо оид ба ягонасозии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ қайд кардааст [116, с. 324]. М. М. Богуславский шартномаи байналмилалиро дар бахши ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба универсалӣ, минтақавӣ, дутарафа,

бисёртарафа,худиҷрошаванда ва худиҷронашаванда тақсим менамояд [89, с. 53-68].

Н. А. Қодиров дуруст қайд менамояд, ки нақши шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқи бештар мешавад. Зеро шартномаи байналмилалӣ фарогири натиҷаи мувофиқа карда шудаи иродаи давлатҳо ва манфиати онҳо, ягонасозии меъёрҳоии моддӣ, мусоидати ҳамкории иқтисодӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ, мукаммалгардонии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо ширкати шахсони воқеию ҳуқуқии кишварҳои гуногун мебошад [50, с. 51]. Олими машҳури ҳуқуқи байналмилалии хусусии Алжир М. Иссад шартномаи байналмилалиро дар бахши ҳуқуқи байналмилали хусусӣ ба ду гурӯҳ-шартномаҳои бисёртарафа (ягонакунандаи меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ ва ягонакунандаи меъёрҳои коллизионӣ-ҳуқуқӣ) ва дутарафа тақсим намудааст [113, с. 29-34]. Олими машҳури ҳуқуқи байналмилалии хусусии Олмон А. Раапе «шартномаи байналмилалиро дар низоми сарчашмаи ҳуқуқи байналмилали хусусӣ инкор накардааст ба ду гурӯҳ-шартномаҳои бисёртарафа ва дутарафа тақсим намудааст [146, с. 27-28]. Траян Бендевский «шартномаи байналмилалиро ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ эътироф ва ду гурӯҳ - бисёртарафа ва дутарафа тақсим менамояд ва вобаста ба предмет тақсим ба масъалаҳои:

1) шартномаи хусусияти оммавӣ-ҳуқуқӣ дошта;

2) шартномаи хусусияти хусусӣ-ҳуқуқӣ дошта;

3) шартномаи хусусияти оммавӣ ва хусусӣ-ҳуқуқӣ дошта мешаванд [87, с. 38-43].

Дар моддаи 1 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [2], моддаи 6 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [5], моддаи 2 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [3], моддаи 1 Кодекси мурофиаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [4], моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон [7]» зикр шудааст, ки ҳайати «қонунгузории Ҷумҳурии Точикистон аз санадҳои ҳуқуқи

байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст иборат мебошанд» [2; 3; 4; 5; 7]. Дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки тибқи моддаи 1306 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикстон «ҳуқуқи татбиқшаванда дар муносибатҳои ҳуқуқи мадании дорои унсури хориҷӣ дар асоси санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътироф намудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад» [2]. Пас, шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат менамоянд ва ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқи миллӣ, аз ҷумла ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пазируфта мешавад. Мафҳуми шартномаи байналмилалӣ дар илму қонунгузорӣ ва амалия дар фаҳмишҳои гуногун қарор дорад. Чунончӣ, профессор С. А. Раҷабов қайд менамояд, ки: «Шартномаи байналмилалӣ –созиши ду ва зиёда субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аст, ки дар натиҷаи он ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафайн барқарор, тағйир ва қатъ мегардаанд» [152, с. 291]. Дар чунин шакл дар китоби дарсии "Ҳуқуқи байналхалқӣ" мафҳуми шартномаи байналмилалӣ баррасӣ шудааст [134, с, 306]. Дар мафҳуми пешниҳодшуда тараф танҳо субъекти ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ аст. Ф. Ф. Идизода дар китоби "ҳуқуқи Иттиҳоди Аврупо" ба: мафҳуми шартномаи байналмилалӣ созишномаҳои Иттиҳоди Аврупо бо давлати сеюм ва созмонҳои байналмилалиро пазируфтааст [110, с. 173]. Дар Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11 декабри соли 1999 ва 23 июли соли 2016 мафҳуми шартномаи байналмилалӣ гуногун пешниҳод шудааст. Масалан, дар моддаи 3 омадааст: «шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон - шартномае, ки аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон (шартномаи байнидавлатӣ), ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (шартномаи байниҳукуматӣ) ва ё вазорат, кумитаи давлатӣ ё мақоми дигари идоракунии давлатӣ (шартномаи байниидоравӣ) бо розигии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ ё созмонҳои байналмилалӣ

дар шакли хаттӣ баста шуддаст, сарфи назар аз он кӣ чунин шартнома дар як ҳуҷҷат ва ё якчанд ҳуҷҷати ба ҳам алоқаманд зикр ёфтааст» [8]. Дар инҷо шартномаи байналмилалӣ вобаста аз номи иштирокчиён ба байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ таснифот шудаанд, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 23 июли соли 2016 (моддаи 2) чунин таснифот бо хусусият баррасӣ шудааст. Дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 июли соли 2016 мафҳуми шартномаи байналмилалӣ дар чунин шакл баррасӣ шудааст: «шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон – яке аз санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлати хориҷӣ (давлатҳои хориҷӣ) ё созмонҳои байналмилалӣ (созмонҳои байнидавлатӣ) дар шакли хаттӣ ба имзо расонида шуда, бо ҳуқуқи байналмилалӣ танзим карда мешавад, сарфи назар аз он ки ин шартнома дар як ё якчанд ҳуҷҷати бо ҳам алоқаманд оварда шудааст, инчунин новобаста ба номи мушаххаси он» [8]. Дар ин мафҳум шартномаи байналмилалӣ категорияи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ пазируфта шудааст ва танзими ҳуқуқии он ба зиммаи ҳуқуқи байналмилалӣ вогузор шудаасту тарафҳо - давлату созмонҳои байналмилалии байниҳукуматӣ ва шакл хаттӣ қабул аст. Чӣ тавре дида мешавад дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истиллоҳи санади ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаи байналмилалӣ истифода мешавад, ки мафҳуми якум васеъ аст. Ба андешаи профессор И. И. Лукашук «шартномаи байналмилалӣ - созишнома байни субъектҳои ҳуқуқи байналмилӣ мебошад, ки ҷараёни бастан, амал ва қатъгаштани онро ҳуқуқи байналмилалӣ танзим менамояд» [127, с. 77]. Дар мафҳуми пешниҳод намудаи И. И. Лукашук «ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ танзимгари ҷараёни бастан, амал ва қатъгаштани шартномаи байналмилалӣ аст, вале муносибати ду субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ

дар асоси созишномаи баста шуда танзим мешавад. Дар Конвенсияи Вена “Дар бораи ҳуқуқи шартномаи байналмилалӣ” аз 23 майи соли 1969 мафҳуми шартномаи байналмилалӣ дар чунин шакл пешниҳод шудааст шартнома-ин созишномаи байналмилалӣ мебошад, ки байни давлатҳо дар шакли хаттӣ баста шуда, онро ҳуқуқи байналмилалӣ танзим менамояд. . . (моддаи 2)» [127, с. 77]. Имрӯз дар амалияи шартномаи байналмилалӣ қабул шудааст номгуи гуногуни шартномаи байналмилалӣ ва созишномаи байналмилалӣ яке аз он номгуҳо мебошад. «Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи истиллоҳи «санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ» (қисми 3 моддаи 10; моддаи 14), инчунин истиллоҳҳои «шартномаи байнидавлатии Тоҷикистон» (моддаи 15), «шартномаи тарафайн (моддаи16), «шартномаи байналмилалӣ» (моддаҳои 57, 69, 89) истифода шудааст»[149, с. 17], ки онҳо ифодагари категорияи шартномаи байналмилалӣ мебошанд. А. Н. Талалаев мафҳуми шартномаи байналмилалиро дар дигар мазмун ва васеъ баррасӣ кардааст: «шартномаи байналмилалӣ-ин ошкоро ифодаи иродаи давлатҳои созишнома басташуда, ки субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд ва дар он манфиатҳои умум муқаррар ва танзими ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайн дар асоси принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба роҳ монда шудааст» [152, с. 56]. Дар ин мафҳум ҳамчун унсур-ирода, манфиат,ҳуқуқу уҳдадориҳо, тараф-давлат, мутобиқ ба принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ истифода шудааст. В. М. Шуршалов назари хешро оид ба мафҳуми шартномаи байналмилалӣ дар чунин шакл манзур намудааст: «шартномаи байналмилалӣ-ин давлатҳо ихтиёрона ва баробарҳуқуқ қабул кардани созишнома, ки он муқарраркунанда, тағйирдиҳанда ва қатъкунандаи ҳуқуқу уҳдадориҳо дар ҳамкориҳои бахши иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ мебошад» [171, с. 100]. «Шартномаи байналмилалӣ ин санади ҳуқуқи байналмилалии муҳим мебошад, ки муқарраркунандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои созишкунандаи тарафхо дар

бахши муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошад» навиштааст А. И. Давидов [99, с. 3]. И. М. Умараханунов дар шакли маҳдуд мафҳуми шартномаи байналмилалиро пешниҳод кардааст: «шартномаи байналмилалӣ ин созишномаи баробарҳуқуқии байни ду ва зиёда давлатҳо (субъектҳо) мебошад, ки муқарраркунандаи ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафаин аст» [164, с. 34].

Ҳамин тариқ, мафҳуми шартномаи байналмилалӣ фарогири чунин масъалаҳо мебошад:

-шартномаи байналмилалӣ яке аз намудҳои санади ҳуқуқи байналмилалӣ аст;

-шартномаи байналмилалӣ табиати оммавӣ-ҳуқуқӣ дорад, яъне ифодагари иродаи давлатҳо аст ;

-шартномаи байналмилалӣ созиши ду ва зиёда субъекти ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ аст;

-шартномаи байналмлалӣ бояд ҷавобгӯ ба меъёрҳо ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ бошад;

-шартномаи байналмилалӣ категорияи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ аст;

-шартномаи байналмилалӣ мукарраркунанди меъёрҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ ва хусусӣ-ҳуқуқӣ аст;

-шартномаи байналмилалӣ дар хаттӣ аст тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 23 июли соли 2016 ва Конвенсияи Вена “Дар бораи ҳуқуқи шартномаи байналмилалӣ” аз 23 майи соли 1969 танзим мешавад ;

- вазъи шартномаҳои байналмилаии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 июли соли 2016 муайян ва Конвенсияи Вена “Дар бораи ҳуқуқи шартномаи байналмилалӣ” аз 23 майи соли 1969 танзим менамояд;

-шартномаи байналмилалӣ муқарраркунанда, муайянкунанда ва танзимкунандаи муносибати оммавӣ-ҳуқуқӣ ва хусусӣ-ҳуқуқӣ мебошад.

Мазмун ва моҳияти шартномаи байналмилалӣ дар марҳилаҳои таърихӣ шаклу субъект, доираи амалу объект ва танзимгари муносибатҳои байналмилалии гуногун буду ҳаст. Масалан дар аҳди қадим, ки низоми ҳуқуқии зардуштӣ дар сарзамини тоҷикон ҳукмфармо буд, профессор С. А. Раҷабов такя ба китоби муқаддаси зардуштия – Авесто, ки дар ҳазорсолаи якуми пеш аз мелод ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқии империяи ориёӣ пазируфта мешуд доир ба шартномаи байналмилалӣ чунин навиштааст: «Дар Авасто изади (олиҳаи) Меҳр (Митра), яке аз бузургтарин изадон дар аҳди Зардушт, ба сифати нигоҳдорандаи паймонҳо дар «Меҳр айшт» (даҳумин айшти Авасто) дар 17 банд ситоиш ва ниёиш шудааст. . . Мутобиқи Авасто изади Меҳр барои осоиштагиву беҳбудии мардум талош меварзид, тамоми сарзаминҳоро сарварӣ мекард, муносибатҳои дӯстонаро байни шаҳрҳо, минтақаҳо ва кишварҳо ба роҳ мемонд ва онҳоро ба муносибатҳои дӯстонаву бародарона ва дар асоси ҳамдигарфаҳмии тарафҳо ва ба манфиати ҳар ду тараф даъват менамуд, муносибати сулҳҷӯёнаро дар байни онҳо ба вуҷуд меовард ва паймонҳои бастаи онҳоро зери назорат қарор медод то тарафҳо баҳри иҷроиши он талош варзанд ва дар сурати иҷро нагардидан ва ё шикастани паймони басташуда изади Меҳр ба муқобили тарафи паймоншикан мубориза бурда, ӯро ба ҷазо мекашид. Тарафи паймоншикан дар Авасто бо номҳои «Дуруҷ», «Митрадуруҷ», «Меҳрдуруҷ», «Меҳрфиреб» ва «Меҳрозор» омада, маънои «дурӯғгӯ ба Меҳр» - ро дорад ва шахсе эътироф мегардад, ки ӯ паймоншикан, нодурустпаймон аст ва аз роҳи ростӣ берун по ниҳода, муқобили паймони бастааш амал мекунад. Нахуст барои бастани паймон (шартнома) тарафҳо онро ба таври шифоҳӣ иброз менамуданд, ки инро гуфтор-паймон ва сипас бо фишурдани дасти ҳамдигар онро басташуда мешумориданд. Дар Авасто фаргарди IV, бахши дуюм (Б) - и «Вандидод»

гуфтаҳои фавқро тасдиқ менамояд, ки омадааст: «Касе, ки гуфтор-паймонро танҳо гуфторе биангорад, бояд онро ба даст-паймон дигаргун кунад ва баҳои даст-паймонро бидиҳад». Фасли чаҳоруми Вандидод ба намудҳои аҳду паймон ва гуноҳи аҳдшиканӣ (меҳрдуруҷ – ваъдахилофӣ) бахшида шуда, нисбати шахсони паймоншикан ҷазои сазовор муайян кардааст»[54, с. 44-46]. Баъдан, дар сарзамини тоҷикон, ки беш аз аз 1300 сол низоми ҳуқуқии исломӣ паҳн шуда буд, шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ ва хусусӣ-ҳуқуқӣ ширкат менамуд ва профессор А. Ғ. Холиқзода вобаста ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар масоили хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ, се навъ шартномаҳои байналмилалӣ –шартномаи ҳамзистии осоишта бо ҳамсоягон, шартномаи амн ва шартномаи сулҳ тақсим намудааст [168, с. 453-455], ки ҳамаи онҳо танзимгари вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои фаромарзӣ мебошанд. Истиллоҳи «“шартномаи байналмилалӣ” чӣ дар аҳди қадим ва чӣ имрӯз дар ҳуқуқи байналмилалӣ ифодагари асоси ҳуқуқи ҳамкории байналмилалӣ, созиши иродаи ду ва зиёда субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ доир ба объекти муайяни ҳуқуқи байналмилалӣ, номгӯй мушаххаси ҳуҷҷати байналмиалӣ аст, ки субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ онро ба имзо расонидаанд фаҳмида мешавад. Вале мазмуну мақоми шартномаи байналмилалӣ дар ҳар як марҳилаи таърихии муносибатҳои байналмилалӣ хусусият ва нақши хоси хешро доро буд, ки вазъ ба умумияти ягона вобастагӣ надошт. Зеро дар ҳар як марҳилаи таърихӣ, ҳайати субъектҳои шартномаи байналмилалӣ, асос ҳуқуқии он,механизми татбиқи он ва дигар ҳолатҳо тафовут доштаанд. Бо чунин назардошт,мазмуну моҳияти шартномаи байналмилалӣ бо фаҳмиши кунунӣ дар раванди рушди муносибатҳи байналмилалӣ комил ва ташаккул ёфтааст» [55, с. 81-82]. Имрӯз шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии

Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 23 июли соли 2016 вобаста ба хусусият «ба шартномаҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байнидоравӣ» [8] тақсим мешаванд ва тибқи моддаи 7 Қонуни мазкур «қарорҳо дар бораи қабули матнҳо ва баимзорасонии шартномаҳои байналмилалӣ, инчунин дар бораи додани ваколат барои иҷро намудани амалҳои мазкур, дар намуди санадҳои зерин қабул карда мешаванд:

- нисбат ба шартномаҳои байналмилалие, ки аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон баста мешаванд, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- нисбат ба шартномаҳои байналмилалие, ки аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баста мешаванд, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- нисбат ба шартномаҳои байналмилалие, ки аз номи мақомоти давлатӣ баста мешаванд, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон». Чунин таснифот на ҳама вақт бо амалияи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд, зеро дар моддаи 6 Конститутсияи Ҷумҳури Тоҷикистон гуфта мешавад: «аз номи тамоми халқи Тоҷикистон фақат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи худ ҳуқуқи сухан гуфтан доранд» [1]. Баъдан, олимони маъруфи ҳуқуқи байналмилалӣ С. А. Малинин ва Л. Н. Галенской дер боз дар он назаранд, ки тасниф кардани ташкилоти байналмилалӣ, ба байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ лоиқи қабул нест ва чунин ҳолат ба шартномаҳои байналмилалӣ низ истисно намегардад [97, с. 3], яъне шартномаи байналмилалӣ ба байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байнидоравӣ тасниф шавад ҳам, вале дар ҳама маврид байналмилалӣ аст ва набояд фаромуш кард, ки шартномаҳои байналмилалие, ки аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон ё аз номи мақомоти давлатӣ баста шавад, ки мавзуи он ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон бошад, онгоҳ санади қабул на танҳо дар шакли

қарори Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон, балки тасдиқ (ратификатсия)-и Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳури Тоҷикистон қабул карда мешавад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 2 июни соли 2017 шартномаи байналмилалиро ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1 ва 2 моддаи 9) пазируфтааст, вале дар намудҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (боби 2 моддаҳои 16-29) дохил накардааст. Муайян кардан лозим аст, боби 2 Қонуни мазкур ба қисми 3-юми моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд ё баҳсангез аст? Зеро дар қисми 3-юми моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад, ки: «Санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ амал мекунанд» [1]. Дар инҷо қайд кардан зарур аст, ки дар илми ҳуқуқи байналмилалии хусусии ватанӣ чунин назар мавҷуд аст, ки аз қонунҳои ҷумҳурӣ бартарӣ танҳо ба шартномаҳои байналмилалии байнидавлатӣ дода шудааст ва ба шартномаҳои байналмилалии байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ бартарии амал карданро аз қонунҳои ҷумҳурӣ пешбинӣ накардааст [147, с. 165]. Чунин назар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудааст.

Дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ номгу ва намудҳои шартномаи байналмилалӣ дақиқ муайян карда нашудааст, бо чунин назардошт дар амалияи байналмилалӣ номгу ва намудҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ нақши гуногун доранд. Мисол, «оинномаи ташкилотҳои байналмилалӣ яке аз номгуи шартномаи байналмилалӣ аст, вале дар ҳамаи оинномаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ зикр шудааст, ки дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ,ташкилоти байналмилалӣ ба ҳайси шахси ҳуқуқӣ баҳри иҷрои

мақсад ва функсияи хеш баромад менамояд». Баъдан, қариб ҳамаи шартномаи байналмилалӣ дар бахши танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ (ратификатсия) карда мешаванд, зеро мавзуи асосии онҳо ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ташкил медиҳад. Дар амалияи байналмилалӣ номгӯи гуногуни шартномаҳои байналмилалӣ истифода мешавад, ки онҳо муайянкунандаи қувваи ҳуқуқии шартномаи байналмилалӣ нестаанд, зеро амалияи ҳуқуқи байналмилали қоидаи ягонаро оид ба номгуии шартномаи байналмилалӣ таҳия накардааст ва чунин вазъ дар таҷрибаи Суди байналмилалии Созмони Миллали Муттаҳид истифода шудааст ва дар Конвенсияи Вена “Дар бораи ҳуқуқи шартномаи байналмилалӣ” мустаҳкам гардидааст.

Дар амалияи байналмилалӣ шартномаҳои байналмилалӣ бо номҳои гуногун дучор омадан мумкин аст дар мисоли шартнома, созишнома, конвенсия, хартия, оиннома, протокол, эъломия (декларатсия), паймон, мубодилаи мактубҳо, ёддоштҳо, меморандум ва ғайра, ки аз нигоҳи қувваи ҳуқуқи байни номгӯи шартномаи байналмилалӣ тафовут вуҷуд надорад.

«Шартнома – номгӯи яке аз санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар шакли хаттӣ аст, ки тараф дар он давлат ё ташкилоти байналмилалии байниҳукуматӣ мебошад, ки бо ҳуқуқи байналмилалӣ танзим карда мешавад» [14], ки бо чунин мазмун ва фаҳмиш дар Конвенсияҳои Вена “Дар бораи ҳуқуқи шартномаи байналмилалӣ” (моддаи 2), «Дар бораи ҳуқуққабулкунии давлат дар муносибат бо шартномаи байналмилалӣ» (моддаи 2), «Дар бораи ҳуқуқи шартномабайни давлат ва ташкилотҳои байналмилалӣ ва байни ташкилотҳои байналмилалӣ» (моддаи 2), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 23 июли соли 2016 (моддаи 2) муқаррар шудааст.

Ҳамин тариқ шартномаи байналмилалӣ ба мазмуни маҳдуд яке аз номгуии санади ҳуқуқи байналмилалӣ истифода мешавад ва ба мазмуни васеъ фарогири номгуи гуногун ва ҳамаи созишномаҳои субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аст [162, с. 117]. Воқеан истилоҳи «шартнома» таҷассумгари тамоми номгӯи шартномаи байналмилалӣ дар амалия мебошад. Созишнома - номгуи шартномаҳои байналмилалӣ буда дар амалия доираи танзими он маҳдуд ва мушаххас мебошад, лекин чун истиллоҳи шартномаи байналмилалӣ ба номгуи ҳамаи шартномаи байналмилалӣ паҳн ва ё чун номгуи мушаххаси шартнома ифода мегардад. Созишнома метавонад аз номи сарвари давлат ва ё аз номи Ҳукумат баста шавад. Мисол, Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз 26 июли соли 2006, Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Беларус оид ба таъсиси намояндагии тиҷоратӣ аз 14 декабри соли 1999 ва ғайра. Конвенсия низ номгуи паҳнгаштаи шартномаи байналмилалӣ мебошад, ки ба масъалаҳои мушаххас, аз ҷумла ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва ғайра баста мешавад. Мисол, Конвенсия «дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаҳои шаҳрвандӣ, оилавӣ ва ҷиноӣ», Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид «Дар бораи ҳуқуқи кӯдак» аз 20 ноябри соли 1989 ва ғайра. Протокол номгуи шартномаҳои байналмилалӣ пазируфта мешавад ва чун қоида, санади ҳуқуқи байналмилалии ёрирасон баромад мекунад, яъне муҳлати амали шартномаро дароз ё ба шартнома тартиби дохил намудани моддаи алоҳида ба шартнома қабул мешавад. Мисол, Протокол оид ба мақоми гуреза аз 31 январи соли 1967. Паймон яке аз номгуи шартномаҳои байналмилалӣ аст, ки дутарафа ва бисёртарафа байни давлатҳо баста мешавад ва ё дар доираи ташкилотҳои байналмилалӣ таҳия ва қабул дар соҳаи мушаххаси муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Мисол, Паймони байналмилалӣ дар бораи

ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966 ва ғайра. Декларатсия (эъломия) ва баёния (изҳорот) ҳамчун номгуи и шартномаи байналмилалӣ аз ҷониби ду ва зиёда давлатҳо дар бахши алоҳида баста ё изҳор карда мешаванд. Мисол, Баёнияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба густариши муносибатҳои дуҷониба аз 26 июли соли 2006, Эъломия дар бораи тавқияти ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумхурии Ӯзбекистон аз 8 октябри соли 1994.

Таснифоти шартномаҳои байналмилалӣ дар илм ва амалия бо як назари ягонаи умумиэътирофшудаи ба роҳ монда нашудааст. Аз ин нигоҳ «шартномаҳои байналмилалӣ вобаста ба доираи амал ба умумиҷаҳонӣ (универсалӣ) ва минтақавӣ, вобаста ба доираи иштирокчиён ба дутарафа ва бисёртарафа, вобаста ба тарзи қабули иштирокчиёни шартнома, ба навъи кушода ва пӯшида, вобаста ба объект - сиёсӣ, иқтисодӣ ва доир ба масъалаҳои махсус таснифот мешаванд» [134, с. 306-308].

Ҳамин тариқ, ҷойгоҳи шартномаи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар чунин мазмун ифода мегардад:

-дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи “санади ҳуқуқи байналмилалӣ” (қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва “шартномаи байналмилалӣ” (моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 23 июли соли 2016; моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 2 июни соли 2017; моддаи 1306 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022) истифода бурда шудааст, ки ҳаммаъно мебошад, гарчӣ мафҳуми “санади ҳуқуқи байналмилалӣ” аз “шартномаи байналмилалӣ” васеъ дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои

байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 23 июли соли 2016 баррасӣ шудааст ва шартномаи байналмилалиро яке аз намудҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ қабул дорад;

-ҳуқуқи миллии Тоҷикистон шартномаи байналмилалиро ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ қабул дорад ба ин муқаррароти қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 23 июли соли 2016, моддаҳои 1, 2 (қисми 4), 1306 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022) ифодагар аст;

-шартномаи байналмилалӣ категорияи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ аст ва ҳуқуқи байналмилалӣ онро танзим менамояд, вале баъди эътироф кардани Тоҷикистон шартномаи байналмилалӣ ба таркиби низоми ҳуқуқи кишвар шомил мешавад ва табиати ҳуқуқи байналмилалии оммавии хешро гум намекунад ва чун қисми таркибии ҳуқуқи миллӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дорои унсурҳои хориҷӣ ширкат менамояд ва амали меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ дар ҳудуди Тоҷикистон танҳо баъди шартномаи байналмилалиро эътироф (қабул, тасдиқ, ҳамроҳшавӣ ва ғ.) кардан роҳандозӣ мешавад;

-амали меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ бартарӣ аз қонунҳои ҷумҳурӣ ва кишвари хориҷӣ дар ҳудуди Тоҷикистонро дар танзими муносибатҳои фаромарзӣ доранд;

-ном ва намудҳои шартномаи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ хусусиятҳои хосро доранд, зеро ҳар як шартномаи байналмилалӣ вобаста ба ном ва намуд муқарраркунандаи меъёрҳои моддии ягонашуда ва коллизионии ягонашуда мебошад;

-бастани шартномаи байналмилалӣ дар бахши ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ асосан ба ягонасозии меъёрҳои ҳуқуқ равона шудааст, ки тибқи он давлатҳо уҳдадорӣ мегиранд то муносибатҳои

муайяни дохилиро бо воситаи меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ танзим намоянд.

Баъдан оид ба баррасии “сарчашмаи ҳуқуқ” ва “шакли ҳуқуқ” дар як мафҳум асоснок кардаасту муайян намудани сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар чунин шакл пешниҳод менамояд сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ин шакли ифодаёбӣ ва мустаҳкамнамоии қоидаҳои рафтори муайян дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ (чӣ дар қонунгузории миллӣ ва чӣ дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ) фаҳмида мешавад, ки онҳо танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ мебошанд [74, с. 172– 182].

Мафҳуми санади ҳуқуқи байналмилалӣ дар ду мазмун – васеъ (фарогири шартномаи байналмилалӣ, одати байналмилалӣ, принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ, қарорҳои ташкилотҳои байналмилалӣ) ва маҳдуд (шартномаи байналмилалӣ) таҳлил намуда ҷонибдории тибқи қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни маҳдуди санади ҳуқуи байналмилалӣ [73, с. 173-185] иброз намудааст. Гарчӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мафҳуми санади ҳуқуқи байналмилалӣ васеъ ва шартномаи байналмилалӣ як намуди санади ҳуқуқи байналмилалӣ баррасӣ шудааст ва дар қарори Пленуми Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми санади ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳайси ҳуҷҷатҳои расмие, ки аз тарафи ҷомеаи байналмилалии давлатҳо ба сифати ӯҳдадори ҳатмии ҳуқуқӣ қабул ва эътироф шудаанд фаҳмида мешавад, ки ин мафҳум ҳуҷҷатҳои Созмони Милали Муттаҳид ва муассисаҳои махсуси он дохил карда шудаанд. Дар қонунгузорӣ ва амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номгуи ягонаи шартномаи байналмилалӣ пешбинӣ нашудааст, гарчӣ истиллоҳи шартномаи байналмилалӣ фарогири ҳамаи номҳо аст, вале дар намуд ва номҳои гуногун Ҷумҳурии

Тоҷикистон шартномаҳои байналмилалиро таҳия, қабул ва эътироф менамояд.

Хусусияти дугонаи шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои фаромарзиро муаллиф инкор наменамояд, шартномаи байналмилалӣ ва қонунгзории миллӣ дар асоси иродаи давлат таҳия, қабулу эътироф мешаванд, вале шартномаи байналмилалӣ дар асоси иродаи ду давлат руй кор меояд ва татбиқи он дар ҳудуди ин ё он кишвар ва дар доираи муқаррароти қонунгузории миллӣ, сарфи назар аз бартарият роҳандозӣ мешавад [74, с. 172– 182].

## 1.2. Шартномаи байналмилалӣ ҳамчун тарзи ягонасозии (унификатсияи) меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ.

Дар шароити амиқтар шудани ҷаҳонишавии тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, махсусан иқтисодиёт, зарурати объективии такмили минбаъдаи ҳуқуққое, ки муносибатҳои гуногуни ҳуқуқии дорои хусусияти байналмилалиро танзим мекунанд, пеш меояд. Аммо дар айни замон хусусияти ин муносибатҳо бинобар тафовут дар тартиботи ҳуқуқии миллии давлатҳо аксар вақт хеле назаррас аст. Чунки иқтисодҳои миллии давлатҳои гуногун бо ҳам бо робитаҳои хоҷагидорӣ, ки муносибатҳои байналмилаии иқтисодиро ташкил медиҳанд, хеле зич алоқамананд. Ин на танҳо ба он кишварҳое дахл дорад, ки қонунгузории онҳо дар шароити куллан гуногуни иҷтимоӣ-таърихӣ ва иқтисодӣ ба вуҷуд омадааст, балки ба давлатҳое низ дахл дорад, ки дар баъзе ҷиҳатҳо хусусиятҳои монанд доранд. Дар натиҷа, ягонагии танзими ҳуқуқии муносибатҳои дахлдор дар фазои минтақавӣ ё дар сатҳи тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ таъмин карда мешавад. Чунин ягонагиро тавассути ягонасозӣ ба даст овардан мумкин аст, ки он ҳамчун «. . . ҳамкории давлатҳо, ки барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъ кардани меъёрҳои ҳуқуқии якхела (ягонасозишуда) дар ҳуқуқи дохилии доираи муайяни давлатҳо нигаронида шудааст» [101,

с. 93] фаҳмида мешавад. Зиёда аз ин, тафовут дар меъёрҳои низомҳои ҳуқуқии миллӣ баъзан гардиши тиҷоратии байналмилалиро ба таври ҷиддӣ душвор мегардонад. Аз ин рӯ, барои рафъ ё бартараф кардани монеаҳои ҳуқуқӣ дар рушди ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ ва фарҳангӣ ва эҷоди меъёрҳои якхела дар ҳуқуқи дохилии давлатҳои гуногун ягонасозии ҳуқуқ зарур аст. Дар ин бобат С. В. Бахин қайд мекунад: «Муҳимтарин самти ҳамкории давлатҳо дар соҳаи сиёсати ҳуқуқӣ эҷоди санадҳои меъёрии ягона ё якранги ҳуқуқӣ мебошад, ки барои танзими муносибатҳои муайяни иҷтимоӣ пешбинӣ шудаанд»[42, с. 140].

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ ягонасозӣ ҳамчун воситаи наздикшавӣ ва ҳамин тавр инкишофи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ нақши муҳим мебозад. Моҳияти он аз он иборат аст, ки ягонасозӣ як намуди раванди ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад, ки дар натиҷаи он дар қонунгузории миллии давлатҳои узви шартнома меъёрҳои якхела (ягонасозишуда)-и ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ё қатъ мегарданд. Хусусияти фарққунандаи ин раванд табиати дугонаи ҳуқуқии он мебошад. Якум, табиати ҳуқуқӣ-байналмилалӣ: ташкили маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор дар шакли шартномаи байналмилалӣ, ки бо созиши давлатҳо ба даст меояд, яъне уҳдадориҳои ҳуқуқии байналмилалии давлатҳо, ки ба онҳо қувваи ҳуқуқии байналмиллалӣ медиҳад (марҳилаи якум); дуюм, табиати ҳуқуқии миллӣ: пазироии меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ аз ҷониби ҳуқуқи миллии давлатҳо дар шакли санадҳои ҳуқуқии миллӣ, ки ба онҳо дар дохили як давлати муайян эътибори ҳуқуқӣ медиҳад (марҳилаи дуюм). Дар натиҷаи ягонасозии ҳуқуқ дар ҳуқуқи миллии давлатҳои гуногун меъёрҳои ҳуқуқии якхела, аз назари матнӣ якранг пайдо мешаванд. Бо зикри ин далел, Ю. А. Тихомирова дуруст қайд мекунад, ки «меъёрҳои байналмилалӣ ҳамчун дастури меъёрӣ, марҷаъ, стандарти навсозии санадҳои миллӣ дар раванд

ва татбиқи онҳо амал мекунанд»[163, с. 305].

Аз ин рӯ, яке аз роҳҳои ҳуқуқии ба расмият даровардани меъёрҳои ягона ин бастани шартномаҳои байналмилалӣ мебошад, ки ба муносибатҳои ҳуқуқии хусусии фаромарзӣ таъсир мерасонанд. Аслан, шартномаи байналмиллалии ягонасозишуда ин уҳдадории байналмилалии ҳуқуқии давлатҳои аҳдкунанда бобати дар доираи салоҳияти миллӣ бечунучаро татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқии аз ҷониби ин давлатҳо мувофиқашуда мебошад. Гуногунии муносибатҳои иҷтимоӣ боиси гуногунии танзими онҳо мегардад; ба таври объективӣ, меъёрҳои дорои механизмҳои гуногуни амал заруранд, то онҳо муносибатҳои гуногун ва ҳатто ҷанбаҳои гуногуни онҳоро танзим кунанд [39, с. 3]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки «асоси наздикшавии низомҳои ҳуқуқии миллӣ механизмҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва пеш аз ҳама шартномаи байналмилалӣ мебошанд, ки нақши онҳо торафт меафзояд» [45, с. 2-3]. Яъне асоси ягонасозии ҳуқуқ шартномаи байналмилалӣ мебошад, ки тамоми хусусиятҳои механизми ҳуқуқии он бо он алоқаманд аст. Яке аз ин шартномаҳо Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид аз соли 1980 “Дар бораи шартномаҳои хариду фурӯши байналмилалии молҳо” аст, ки натиҷаи дурахшони ягонасозӣ мебошад. Аслан, таҳиягарон дар назди худ вазифаи муҳим гузоштаанд ёфтани роҳи ҳалли созиш ба ин мақсад, ки муқаррароти Конвенсия аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҳам кишварҳои оилаҳои ҳуқуқии англисӣ-амрикоӣ ва ҳам романӣ-олимонӣ қабул карда шавад. Шумораи зиёди аъзо ва давомнокии истифодаи бомуваффақият барои ҳалли баҳсҳо нишон медиҳанд, ки дар асл, таҳиягарон муваффақ шудаанд.

Ба ин нукта таваҷҷуҳ кардан лозим аст, ки баъзе муаллифон ягонасозиро ҳамчун ҷорӣ намудани меъёрҳо ва қоидаҳои ягонаи ҳуқуқии умумӣ ҳатмӣ муаррифӣ мекунанд [167, с. 47]. Дар умум, мо ба ин мавқеъ розӣ ҳастем, аммо ҳамкории байни давлатҳоро, ки ба эҷоди меъёрҳои

ҳуқуқии якхела дар ҳуқуқи дохилии доираи муайяни давлатҳо нигаронида шудааст, таърифи беҳтари ягонасозӣ мешуморем. Н. Г. Вилкова ба мавқеъи шабеҳе пайравӣ мекунад, ки мувофиқи ин фаҳмиш ягонасозии ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ дар ҳуқуқ давлатҳои гуногун эҷод кардани меъёрҳои аз ҷиҳати мазмун якрангаст, ки барои танзими гурӯҳи дахлдори муносибатҳое нигаронида шудаанд, ки фазои якранги ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад ва имкони шароити якхела ё шабеҳи ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои соҳибкориро фароҳам месозад [94, с. 78].

Солҳои охир ба «шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи дорои хусусияти ягонасозишуда, яъне созишномаҳои ҳуқуқии байналмилалии давлатҳо, ки меъёрҳои якранги моддӣ ё ихтилофӣ доранд, диққати махсус дода мешавад, зеро ин гуна созишномаҳо дар таҷрибаи муосири муошırати байналмилалӣ торафт бештар пайдо мешаванд. Ба инҳо як қатор конвенсияҳое дохил мешаванд, ки дар соҳаи тиҷорати байналмилалӣ ва соҳаҳои марбут ба он баста шудаанд: конвенсияҳо оид ба хариду фурӯши байналмилалии молҳо, факторинги байналмилалӣ, лизинги молиявии байналмилалӣ, векселҳои оддӣ ва интиқолӣ, чекҳо, созишномаҳои бисёрҷониба оид ба боркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан, ҳавоӣ ва як қатор дигар конвенсияҳо» [76, с. 126 – 135].

Баъзан раванди эҷоди меъёрҳои ягонасозишуда дар шакли шартномаи байналмилалӣ меҳнатталаб, мураккаб ва аксар вақт тӯлонӣ аст. Масалан, Конвенсия оид ба масуниятҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби Комиссияи байналмилалии ҳуқуқии Созмони Миллали Муттаҳид аз соли 1977 таҳия шуда, танҳо дар соли 2004 бо қарори Ассамблеяи Генералии Созмони Миллали Муттаҳид қабул шудааст. Он ба ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли созиш бо мақсади ҳамоҳангсозии мавқеъҳои давлатҳои гуногун оиди ҳам консепсияи умумии танзими ҳуқуқии оянда ва ҳам дар мавриди мазмуни ин ё он меъёри мушаххас нигаронида шудааст. Дар баробари ин, ба мавқеъи давлат на танҳо хусусиятҳои низоми ҳуқуқии он, балки

манфиатҳои сиёсӣ ва ғайри он низ таъсир мерасонанд. Дар натиҷа, агар ба забони ҳуқуқи байналмиллалӣ баён кунем, ҳамоҳангсозии иродаи давлатҳо ба амал меояд, ки тариқи шартномаи байналмилалӣ ба расмият дароварда шудааст. Тамоми раванди эҷоди меъёрҳои якранг ё ягонасозии ҳуқуқ дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ ва механизмҳои хоси он ва пеш аз ҳама дар доираи Конвенсияи Вена аз 23 майи соли 1969 “Дар ба ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ” сурат мегирад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки «ҳар як шартномаи байналмилалӣ, сарфи назар аз он ки ба кадом масъала бахшида шудааст, моҳиятан муносибатҳои байни давлатҳоро оид ба танзими муносибатҳо дар соҳаи муайян танзим мекунад» [76, с. 126 – 135]. Ин ба созишномаҳое низ дахл дорад, ки ба ягонасозии ҳуқуқ нигаронида шудаанд. Масалан, Конвенсияи Вена аз соли 1980 “Дар бораи хариду фурӯши байналмилалии мол” шартномаи хариду фурӯш байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро танзим намекунад, балки давлатҳои аъзоро вазифадор мекунад, ки хариду фурӯшро якранг танзим кунанд. Ба ибораи дигар, вай давлатҳои аъзоро вазифадор мекунад, ки татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии дахлдори дар Конвенсия пешбинишударо таъмин намоянд. Тибқи нақшаи дар боло зикршуда, танҳо вақте ки меъёрҳои дар шартномаҳои байналмилалӣ мавҷудбуда ҷузъи ҳуқуқи миллии давлатҳо мегарданд, метавон дар бораи ягонасозии ҳуқуқ ҳамчун раванди анҷомёфта сухан гуфт.

Дар ниҳоят, натиҷаи марҳилаи дуюм ба ҳуқуқи миллии давлатҳои узви шартномаи байналмилалӣ дохил намудани меъёрҳои якхела, яъне ягонасозишуда мебошад.

Аммо дар сурати пайвастан, чигунагии таъмини татбиқи ин қоидаҳо дар соҳаи миллӣ аз тасмими ҳар як давлат вобаста аст. Дар робита ба ин, саволҳои зерин мубрам боқӣ мемонад:

- Меъёрҳои шартномаҳои байналмилалие, ки барои уҳдадориҳои байнидавлатӣ миёнаравӣ мекунанд, ба рафтори субъектҳои ҳуқуқи

байналмилалии хусусӣ, яъне шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ чӣ гуна таъсир мерасонанд?

- Механизми эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани шартномаи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохили давлат чӣ гуна амал мекунад?

Ба назари мо, ҷавобҳо ба ин саволҳо, ки аз ҷониби таълимоти маъруфи табдилёбӣ (трансформация) таҳия шудаанд, дар зер ҷамъбаст шудаанд:

1) меъёри ҳуқуқии байналмилалӣ дар натиҷаи ба меъёри ҳуқуқи дохилӣ табдил ёфтани он дар соҳаи дохилӣ эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунад;

2) табдилёбии меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ ба ҳуқуқи дохилӣ дар шаклҳои гуногуни ҳуқуқӣ, тавассути интишори санадҳои миллӣ ё дохилидавлатӣ сурат мегирад;

3) интихоби ин ё он шакли табдилёбӣ ба хусусият ва мазмуни шартномаи байналмилалӣ ва хусусияти муносибатҳои танзимшаванда вобаста аст;

4) як меъёри ҳуқуқи миллӣ, ки маҳсули табдилёбӣ аст, ҳамчун қлнуни махсус (lex specialis) нисбат ба дигар меъёрҳои дохилӣ истифода мешавад;

5) меъёри «табдилёфта» бо як мухторияти муайян дар низоми меъёрҳои дохилӣ фарқ мекунад, ки бо алоқамандии ин меъёр бо уҳдадории байналмилалие, ки онро ба миён овардааст, шарҳ дода мешавад;

6) ҳангоми табдилёбӣ шартномаи байналмилалӣ ҳамчун санади ҳуқуқи байналмилалӣ шакли робитаи ҳуқуқии байни давлатҳое, ки онро бастаанд, боқӣ мемонад [107, с. 47].

Ҳамин тавр, яке аз шаклҳои ҳуқуқии ҳамоҳангсозии ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ табдилёбӣ номида мешавад. Бо таваҷҷуҳ ба ин вазъият бархе аз олимон, аз ҷумла И. И. Лукашук бар ин назаранд, ки «. . . истифодаи истилоҳи «табдилёбӣ» имкони амали мустақими ҳуқуқи

байналмилалиро дар чаҳорчӯби қонунгузории миллӣ зери шубҳа мегузорад. Сарфи назар аз он, ки давлатҳо барои ҳамкории низомҳои ҳуқуқӣ тартиботи гуногун доранд, ҳамаи онҳоро ҳуқуқи дохилии кишвар муайян мекунад. Танҳо аз сабаби ин хусусиятҳо дар бораи таъсири мустақим ё бевоситаи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳеҷ асосе вуҷуд надорад. Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ танҳо аз рӯи муқаррароти конститутсионӣ қисми низоми ҳуқуқӣ мебошанд ва аз ин рӯ, дар доираи низоми ҳуқуқии миллӣ,на берунӣ амал мекунанд. Аз ин рӯ, мафҳуми «амал ё татбиқи мустақим» бояд шартӣ бошад» [126, с. 45-46].

Сарфи назар аз равишҳои гуногун оид ба ҳамкории ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ дар соҳаи муносибатҳо бо иштироки субъектҳои ҳуқуқи миллӣ, он дар шакли татбиқи ҳуқуқи миллӣ амалӣ гардонида мешавад. Аз ин рӯ, раванди ворид намудани ҳуқуқи байналмилалиро ба қонунгузории миллӣ бояд ҳамчун ягонагии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқӣ, ки одатан бо як истилоҳ «амалигардонӣ» (имплементация) [155, с. 170] меноманд, баррасӣ кард. Дар ин бобат Б. Л. Зимченко усулҳои зерини асосии амалигардонии ҳуқуқи миллиро муайян мекунад усули ҳуқуқэҷодкунии дохилӣ; усули муттаҳидшавӣ, истинодҳо. Дар натиҷаи усули истинод ба сарчашмаҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар доираи низоми ҳуқуқии давлат меъёри ҳуқуқии дохилидавлатӣ ташаккул меёбад, ки унсурҳои сохтори мантиқӣ, ҳамчунон, ҷузъҳо ва мазмуни он ҳам дар сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки ба низоми ҳуқуқии давлат табдил ёфтаанд ва ҳам дар сарчашмаҳои ҳуқуқи миллӣ дар як вақт муқаррар карда шудаанд [46, с. 16]. Роҳи дигар истинод ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад, ки ба ин васила онҳо дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунанд. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки меъёрҳои истинодкунанда наметавонанд хусусияти меъёрҳои байналмилалиро, ки ба онҳо истинод дода мешавад, тағйир диҳанд. Онҳо танҳо имкони ҳалли

онҳоро фароҳам меоранд, вале онҳоро ба меъёрҳои ҳуқуқӣ табдил намедиҳанд. Дар натиҷа муқаррароти истинод ба қонунгузории миллӣ санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро ба ҷузъи таркиби низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мекунанд. Аз ин рӯ, аҳаммияти истинодҳо дар он аст, ки онҳо ба қонунгузории миллӣ меъёрҳои нави моддӣ ворид намекунанд, балки барои танзими муносибатҳои мушаххасе, ки дар дохили давлат ба вуҷуд меоянд, татбиқи ҳуқуқи байналмилалиро иҷозат медиҳанд.

Қонунгузории аксарияти кишварҳо роҳҳои ҳамоҳангсозии ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллиро муқаррар мекунад. Дар ин ҳолат, далелҳо ба конститутсияҳои давлатҳо такя мекунанд, ки ҳуқуқи байналмилалиро ё як қисми ҳуқуқи кишвар ё аз қувваи қонунҳо бартаридошта эълон мекунанд [138, с. 130-131]. «Баъзан конститутсия ё дигар санадҳои қонунгузории давлатҳо масъалаи роҳҳои татбиқи шартномаҳои байналмилалиро дар дохили давлатҳо танзим мекунанд. Масалан, моддаи 12 Конститутсияи Нигерия мегӯяд, ки «ҳеҷ як шартномаи байни Федератсия ва ягон кишвари дигар, ба истисной ҳолате, ки ҳар як чунин шартнома аз ҷониби Ассамблеяи Миллӣ ба ҳуқуқ ворид карда шудааст,эътибори қонунӣ надорад». Моддаи 96 Конститутсияи Испания муқаррар мекунад, ки «шартномаҳои байналмилалие, ки дар Испания қонунӣ баста ва расман нашр шудаанд, қисми қонунгузории дохилии онро ташкил медиҳанд». Муқаррароти Кодекси мадании Испания дар ин мавзуъ боз ҳам мушаххастар ба назар мерасанд: «Меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар шартномаҳои байналмилалӣ мавҷуданд, дар Испания мустақиман татбиқ карда намешаванд. Ин меъёрҳо танҳо пас аз ворид кардани онҳо ба қонунгузории дохилӣ тавассути интишори пурра дар рӯзномаи расмии давлат татбиқ карда мешаванд» (моддаҳои 1 ва 5). Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунон ки гуфта шуд, мувофиқи қисми 3-юми моддаи 10-и Конститутсия, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро

эътироф кардааст, ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ мебошанд [76, с. 126 – 135].

Ҳамин тариқ, дар давлати мо дар сатҳи конститутсионӣ масъалаи эътибори ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ нисбат ба меъёрҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда шудааст. Ин муқаррароти конститутсионӣ муҳим аст, зеро кишвари мо ҳарчи бештар ба низоми ҳуқуқи байналмилалӣ шомил мешавад. Аммо, масъалаи хеле муҳим он аст, ки ин амр чӣ гуна суратмегирад. Агар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро эътироф карда бошад, пас саволе ба миён меояд, ки воқеияти ихтилофоти ҳуқуқиро кӣ ва чӣ гуна муқаррар мекунад? Ҳамин тавр, дар низоми ҳуқуқии Аврупо ин аз ҷониби судҳо ҳал карда мешавад. Дар мавриди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ин ба салоҳияти судҳои мо вобаста нест. «Бинобар мураккаб будани масъалаи ихтилофоти ҳуқуқӣ, омодасозӣ ва қабули қонун дар бораи тартиби татбиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур мешуморем» [76, с. 126 – 135]. Аммо бо вуҷуди ин, меъёрҳои пешбининамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба муҳокимаҳо оид ба шартномаи байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ такони нав бахшиданд. Қобили зикр аст, ки барои амалияи ҳуқуқӣ муқаррароти конститутсионӣ, ки дар Қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2013 таҳти № 9 Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст» зикр шудааст, муҳим аст, ки тибқи он «судҳо ҳангоми баррасии парвандаҳо меъёрҳои шартномаҳои байналмилалиро истифода мебаранд [39].

Ҳамин тариқ, давлат уҳдадор мешавад, ки барои дар ҳудуди худ аз ҷониби шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти татбиқкунандаи ҳуқуқ–субъектҳои қонунгузории миллӣ татбиқ намудани меъёрҳои дар шартнома пешбинишуда тамоми чораҳои заруриро андешад ва

мувофиқан, аз дигар давлатҳои узви шартнома низ ҳамин гуна амалҳоро талаб намояд.

Ҳуқуқи байналмилалӣ, чун қоида, муайян намекунад, ки кадом чораҳои мушаххас аз ҷониби давлатҳо бояд андешида шаванд. Ҳар як давлат ин масъаларо мустақилона ҳал мекунад. Аммо, дар ниҳояти кор, барои татбиқи меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ дар доираи салоҳияти миллӣ давлат бо иродаи ягонаи худ ба онҳо қувваи қонуни миллиро медиҳад. Дар баробари ин, бо андешаи Н. В. Миронов комилан розӣ шудан наметавон, ки мегӯяд «қоидаҳои шартномаи байналмилалие, ки мустақиман танҳо давлатро уҳдадор месозанд, барои шахсони ҳуқуқии миллӣ дар ҳолате, ки он дар ин ё он шакл аз ҷониби худи давлат муқаррар шуда бошад, ҳатмӣ шуда метавонанд» [137, с. 108]. Механизми чунин равандро қонунгузории миллии давлат пешбинӣ мекунад. Гап дар он аст, ки дар натиҷаи аз ҷониби давлат эътироф гардидан меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ ба ҳуқуқи миллӣ ворид карда мешаванд.

Сарфи назар аз бархӯрдҳои гуногун ба масъалаи ҳамкории ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ, аксар вақт дар бораи «татбиқи мустақим»-и аввалӣ ба муносибатҳои дохилӣ сухан мегӯянд. Дар боби ин масъала, ки оё шартномаи байналмилалӣ бевосита ба муносибатҳои дохилӣ дахл дорад, В. П. Звеков қайд мекунад, ки якчанд арзишҳо, бо вуҷуди ба ҳам наздик буданашон, метавонанд муайян карда шаванд: Аввалан, оё шартномаи байналмилалӣ дар ин мавридҳо ба ҷуз аз низоми ҳуқуқии миллӣ, бо қувваи худ, ҳамчун proprio vigore татбиқ мешавад? Сониян, дар ин мавридҳо шартномаи байналмилалӣ ҳамчун санади худиҷрошаванда, ки барои татбиқсозӣ барориши қарори дохилиро талаб намекунад,амал мекунад, ё ба тариқи дигар? Ниҳоят, солисан, табдилёбии шартномаи байналмилалӣ ба меъёрҳои дохилӣ шарти ҳатмии татбиқи қоидаҳои онҳо дар робита ба муносибатҳои дохилӣ аст? [107, с. 48]

Дар асоси ин М. М. Богуславский қайд мекунад, ки тибқи нуқтаи назаре, ки дар таълимоти мо ҳукмфармост, меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ

танҳо дар натиҷаи табдили он, яъне ба меъёри ҳуқуқи дохилӣ табдил ёфтан ба муносибатҳои дахлдор татбиқ мешавад [89, с. 48]. Гап дар сари он аст, ки аксар вақт мафҳуми «амали мустақим», «истифодаи мустақим»-и меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун маънои татбиқи мустақими меъёрҳои байналмилалӣ дар баробари низоми ҳуқуқии миллии давлат фаҳмида мешавад. Аммо ин маънои онро надорад, ки шартномаи байналмилалӣ ба санади ҳуқуқии миллӣ (махсусан санади қонунгузорӣ) табдил ёфта, сифати сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалиро гум мекунад. Дар ин бобат тазаккури И. Лукашук дуруст аст, ки «меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ тағйир наёфта, мақоми худро нигоҳ медорад ва ба мазмуни он мақоми меъёри ҳуқуқи миллӣ дода мешавад»[125, с 224]. С. А. Раҷабов низ чунин назар дорад ва бар ин бовар аст, ки «барои танзими муносибатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қоидаҳои дар ҳуқуқи байналмилалӣ мавҷудбуда бояд ба низоми ҳуқуқии кишвар бо тартиби муқаррарнамудаи он ворид карда шаванд, яъне ба мазмуни меъёр ё қоидаи байналмилалӣ мақоми меъёри ҳуқуқи миллӣ дода мешавад» [151, с. 131]. Дар робита ба ин, сарчашмаҳо дуруст қайд мекунанд, ки маҳз санади эътироф ё тасдиқи шартномаи байналмилалӣ аз ҷониби давлат маънои ба қисми ҷудонашавандаи қонунгузории миллӣ табдил ёфтани онро дорад [102, с. 703]. Аз ин рӯ, шартномаи байналмилалӣ хоҳ дар соҳаҳои ҳарбӣ, хоҳ сиёсӣ, хоҳ иқтисодӣ ё фарҳангӣ, чун қоида, сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалӣ боқӣ мемонад. Тафовут дар он аст, ки дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ шартномаҳо бештар ба рушди танзими якранги муносибатҳои муайяни (молумулкӣ ё ғайримолумулкии) дорои хусусияти ҳуқуқии хусусӣ нигаронида шудаанд ва дорои як навъ дастур оид ба қабули қарорҳои ҳуқуқӣ барои низомҳои миллии ҳуқуқии кишварҳое ҳастанд, ки дар созишномаи ҳуқуқии байналмилалӣ иштирок мекунанд. Гузашта аз ин, маҳз шартномаҳои байналмилалӣ имкон медиҳанд, ки меъёрҳои ягонаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ на танҳо ихтилофи

қонунҳо, балки хусусияти моддӣ низ ба вуҷуд оранд. Ин барои амалияиҳуқуқтатбиққуниии якранг ва дар натиҷа, рушди васеи робитаҳои иқтисодӣ ва дигар робитаҳои байни субъектҳои давлатҳои гуногун замина фароҳам меорад. «Чунин созишномаҳо, гуё дар масъалаи дахлдор ба меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ «роҳ кушода» медиҳанд ва равишҳои расидан ба ин дар ниҳоят аз ҷониби худи давлатҳо муқаррар карда мешаванд. Аслан фарқияти маълум метавонад омиле бошад, ки кадом субъектҳои ҳуқуқи дохилӣ мухотаби санади дахлдори давлат мебошанд» [76, с. 126 – 135], ки охиринро бояд дар ҳар сурат барои ҷорӣ ва татбиқи шартномаи байналмилалӣ дар соҳаи дохилӣ – мақомоти давлатӣ ё субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ қабул кунад. Аммо ҳангоми омӯзиши механизми амали шартномаҳои байналмилалие, ки ба сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тасниф шудаанд, хусусияти онҳоро сарфи назар кардан мумкин нест. Моҳияти онҳо аз он иборат аст, ки ба мисли дигар шартномаҳои байналмилалӣ дар назди субъектҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки онҳоро бастаанд, ӯҳдадориҳо ба вуҷуд оварда, онҳо меъёрҳоеро дар бар мегиранд, ки иҷрои онҳо дар ниҳоят дар соҳаи муносибатҳои байни шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад. «Ҳангоми ба низоми ҳуқуқии давлат дохил шудани чунин шартномаҳои байналмилалӣ қоидаҳои ин шартномаҳо вазифаҳои меъёрҳои ҳуқуқии дохилиро пайдо мекунанд ва метавонанд дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ бидуни тағйир додани моҳияти аслии онҳо, ҳамчун меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ боқӣ монда, татбиқ карда шаванд. Дар баробари ин, чунин баррасӣ, ки шартномаҳои байналмилалии ба истилоҳ ҳуқуқи оммавӣ танҳо барои татбиқи мақомоти давлатӣ пешбинӣ шудаанд ва шартномаҳои байналмилалии «ҳуқуқи хусусӣ» бошанд, дар муносибат ба шаҳрвандон ё шахсони ҳуқуқӣ эътибори ҳатмӣ доранд, нодуруст аст» [76, с. 126 – 135]. Таснифи муносибатҳои ҳуқуқии оммавӣ ва хусусӣ реша дар таърихи қадима дорад

ва яке аз аввалин таснифоти ҳуқуқ ба оммавӣ ва хусусӣ аз ҷониби ҳуқуқшиноси Рими қадим Улпиан пешниҳод гардидааст. Ба дидгоҳи ӯ, ҳуқуқи оммавӣ ба вазъияти давлати Рим тааллуқ дошта, ҳуқуқи хусусӣ ба манфиатҳои афроди алоҳида нигаронида шудааст. Ин тафриқа дар Рими қадим ду навъи ҳуқуқ – умумӣ ва хусусиро аз якдигар ҷудо мекард. Ин таснифот дар илми ҳуқуқ аз қадим эътирофи густурда пайдо кардааст, аммо набояд танҳо ба танзими вазъи ҳуқуқии давлат ё афрод маҳдуд шавад, балки аз дидгоҳи пайдоиш ва эътироф мавриди баррасӣ қарор гирад.

Аз нигоҳи пайдоиш, ҳуқуқ ба ду навъ ҷудо мешавад: ҳуқуқи табиӣ (фитрӣ ё хусусӣ), ки бо инсон ҳамзамон ва новобаста аз иродаи ӯ ба вуҷуд меояд, ва ҳуқуқи таҳмилӣ (позитивӣ ё оммавӣ), ки натиҷаи фаъолияти инсон аст. Ҳуқуқи табиӣ ҳуқуқҳои айнӣ (объективӣ) ва зеҳнӣ (субъективӣ)-ро, аз қабили ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ, ном, шаъну шараф, ташкили оила ва қобилияти ҳуқуқдорӣ дар бар мегирад. Ҳуқуқи таҳмилӣ бошад, бо пайдоиши давлат ҳамчун марҳилаи ниҳоии ташаккулаш дар ҷомеа зуҳур мекунад. Ин ду навъи ҳуқуқ бо ҳам пайванди ногусастанӣ дошта, дар танзим ва ҳифзи манфиатҳои инсон нақши муҳим бозиданд.

Ҳуқуқи хусусӣ (табиӣ) бо рушди ҷомеа аз таъсири унсурҳои ҳуқуқи таҳмилӣ (позитивӣ) дар амон нест. Масалан, ҳуқуқи ташкили оила, ки аз дидгоҳи табиӣ хусусӣ аст, аз ҷониби давлат эътироф шуда, мувофиқи манфиатҳои ҷомеа ҳифз ё маҳдуд мегардад. Имрӯз қонунгузории оилавӣ шартҳоеро, чун гузаштани ташхиси тиббӣ ё манъи издивоҷ миёни хешовандон, пешбинӣ мекунад, ки ин омезиши ҳуқуқи табиӣ бо унсурҳои таҳмилӣ аст.

Дар илми муосир андешаҳое мавҷуданд, ки таснифи ҳуқуқ ба оммавӣ ва хусусӣ на ҳамеша мувофиқ аст. Дар кишварҳои анъанаҳои ҳуқуқии англо-америкоӣ ин таснифот қабул нашудааст. Дар низомҳои ҳуқуқии мусулмонӣ ва одатӣ низ чунин тақсимот эътироф намегардад. Аз

дидгоҳи пайдоиш, ҳуқуқ ба ду паҳлу – табиӣ ва таҳмилӣ – ҷудо мешавад: ҳуқуқи табиӣ аз табиати инсон сарчашма гирифта, бо ӯ ҳамзамон зуҳур мекунад, дар ҳоле ки ҳуқуқи таҳмилӣ натиҷаи фаъолияти инсон аст. «Ҳуқуқи табиӣ фарогири ҳуқуқи фитрӣ ва хусусӣ буда, такмили он бо ҳуқуқи таҳмилӣ, ки ҳуқуқи оммавӣ ё давлатиро дар бар мегирад, вобаста аст.

Дар ҳарду маврид уҳдадориҳои тибқи шартномаи байналмилалиро танҳо давлатҳои узв ба дӯш мегиранд ва онҳоро тавассути амалӣ намудани амалҳои зарурии мақомоти салоҳиятдор ва шахсони мансабдори онҳо иҷро мекунанд» [73, С. 150-172]. Дар ин росто, чунон ки Н.Ю. Ерпилева дуруст қайд мекунад, аслан шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи хусусӣ муносибатҳои ҳуқуқиро бо иштироки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ – субъектҳои ҳуқуқи дохилӣ танзим мекунанд, вале уҳдадориҳо аз рӯи шартнома ба зиммаи давлатҳои узви он вогузор карда мешаванд, ки онҳо барои мутобиқ кардани қонунгузории дохилӣ ба уҳдадориҳои байналмилалӣ масъуланд [104, С. 46-47].

Ҳамаи гуфтаҳои боло чунин хулосаро равшан тасдиқ мекунанд, ки шартномаҳои байналмилалӣ дар аввал муносибатҳои байни давлатҳоро танзим мекунанд ва тавассути онҳо ба муносибатҳое, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ иштирок мекунанд, таъсири танзимкунанда мерасонанд, яъне шартномаҳои байналмилалие, ки аз ҷониби давлат эътироф шудаанд, дар қонунгузории миллӣ татбиқ карда мешаванд ва дар ҳамкорӣ бо онҳо муносибатҳои дахлдорро танзим менамоянд.

Ҳамин тариқ, бидуни радди куллии дурустии ақидаҳо дар бораи механизмҳои ворид намудани шартномаи байналмилалӣ дар соҳаи дохилӣ ва аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ иҷрои уҳдадориҳои дар шартнома зикршуда, ки мутобиқи гуфтаҳои боло маҳз ҳамин мавзуи онҳост, мо ба ин андеша, ки меъёрҳои дар шартнома мавҷудбуда меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ мебошанд ва ба ҷуз ин, онҳо ба

«мазмуни уҳдадории ҳуқуқи байналмилалӣ» шомил шудаанд, изҳори шубҳа мекунем. Агар дар шартнома меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мавҷуд набошад, пас маълум мешавад, ки тарафҳои шартнома (давлатҳо ё шахсони дигар) ҳеҷ уҳдадорӣ надоранд, зеро уҳдадории ҳуқуқии байналмилалӣ танҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муқаррар карда мешавад. Дар шартномаи ягонасозишуда рад кардани мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ маънои рад кардани асосҳоеро дорад, ки аз он уҳдадориҳои ҳуқуқии байналмилалии давлатҳои узв ба вуҷуд меоянд. Эътироф кардани ин ба таври худкор боиси рад кардани андешаи баёншуда дар бораи хусусияти ҳуқуқи мадании меъёрҳои дар шартномаи байналмилалӣ мавҷудбуда мегардад. Аз ҷумла, дар моддаи 3 Конвенсияи UNIDROIT/ICAO дар бораи кафолатҳои байналмилалӣ барои таҷҳизоти мобилӣ, ки дар Конфронси дипломатӣ аз 29 октябр то 16 ноябри соли 2001 дар Кейптаун қабул шудааст, чунин гуфта мешавад: «Конвенсия замоне татбиқ мегардад, ки агар дар лаҳзаи бастани созишномае, ки манфиатҳои байналмилалиро фароҳам меорад ё пешбинӣ менамояд, қарздор дар Давлатҳои Аҳдкунанда қарор дошта бошад». Шубҳае нест, ки ин меъёр бетардид ҳуқуқи байналмилалӣ буда, уҳдадории давлатҳои узв дар таъмини чунин вазъиятро (пеш аз ҳама дар танзими дохилӣ) муқаррар мекунад, то ки масъалаи доираи муқарраpоти конвенсия мувофиқи талаботи додашуда ҳал карда шавад. Дар мавриди меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ бошад, онҳо дар доираи салоҳияти мушаххаси ҳар як узви Конвенсия дар натиҷаи татбиқи чораҳои муқаррарнамудаи санадҳои қонунгузории дохилӣ ба вуҷуд меоянд. Аз ин лиҳоз, онҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҷузъи хусусияти мақсадноки шартномаи байналмилалӣ –ба даст овардани ягонагӣ дар танзими миллии ҳуқуқии муносибатҳои мушаххас ҳастанд.

Ба таври умум эътироф шудааст, ки меъёри ихтилофӣ меъёри моҳияти истинодӣ дошта буда, онро танҳо бо ҳама гуна меъёрҳои ҳуқуқии моддие, ки ба он истинод мекунад, истифода бурдан мумкин аст. Аз ин рӯ,

дар баробари меъёри моддӣ-ҳуқуқӣ, ки ба меъёри ихтилофӣ мансуб аст, он қоидаи муайяни рафтори аъзои муомилоти маданиро ифода мекунад [126, С. 288]. Ин маънои онро дорад, ки дар натиҷаҳалли масъалаи ихтилофӣ бояд ба муносибатҳои мушаххас татбиқ карда шавад, барои иштирокчиёни он қоидаи ягонаи рафторро ташкил диҳад, аммо меъёри ихтилофӣ наметавонад иҷрои талаботи меъёри моддиро уҳдадор созад. Дар ин муносибат ягонасозии меъёрҳои ихтилофӣ нақши муҳим мебозад.

Андешаи ягонасозии меъёрҳои ихтилофӣ дар зери таъсири тавсеаи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ки дар доираи қонунгузории дохилӣ танг шуда буд, ба вуҷуд омадааст. Меъёрҳои ихтилофӣ ва ё моддӣ дар ҳуқуқи миллии давлатҳои алоҳида гуногунанд. Илова бар ин, дар қонунгузории миллӣ оид ба бисёр масъалаҳои ихтилофӣ ягон муқаррарот вуҷуд надорад. Тарафдорони он бар ин андеша буданд, ки дар сурати мавҷудияти меъёрҳои ихтилофии якранг дар мавриди татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ вазъияти пешгӯи шаванда ва возеҳият ба вуҷуд меояд.

Гуфтаҳои боло гувоҳӣ медиҳанд, ки ягонасозӣ ҳамчун воситаи наздикшавӣ ва дар айни замон инкишофи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, шартномаҳои байналмилалӣ нақши асосӣ дорад.

Дарвоқеъ, бартарии усули ягонасозии ихтилофӣ дар он аст, ки он имкон медиҳад, дар шартномаи байналмилалӣ ҳамон як ихтилофӣ ҳуқуқӣ нисбат ба муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ифода карда шавад ва бо ин роҳ аз номуайянӣ дар муносибатҳои тарафҳо пешгирӣ гардад. Тарафҳо аллакай дар марҳилаи бастани муомилоти иқтисодии берунӣ медонанд, ки тибқи кадом меъёрҳои ихтилофӣ ҳуқуқи татбиқшаванда барои муносибатҳои дар шартнома инъикос нагардида муайян карда мешавад. Дар асоси ин онҳо метавонанд пешакӣ вижагиҳои ҳуқуқи ин ё он давлатро ба инобат гирифта, муқаррароти шартномаро мувофиқан ислоҳ кунанд. Мавҷудияти меъёрҳои ягонасозишудаи ихтилофӣ барои тарафҳо муайян кардани ин масъаларо осон мекунад, ки қонуни кадом кишвар ҳангоми

пешниҳоди даъво ба суди давлате, ки ин меъёрҳои ягонасозишударо қабул кардааст, метавонад татбиқ карда шавад.

Афзалиятҳои ин усул инчунин иборатанд аз; татбиқи мустақим танҳо нисбат ба аъзои муомилоти тиҷоратии байналмилалӣ; ин назар ба ягонасозии меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ раванди содатар аст; гузашта аз ин, тамоми як соҳаи ҳуқуқро метавон бо шумораи нисбатан ками муқаррарот танзим кард. Масалан, Конвенсияи Рим аз соли 1980 тақрибан аз 20 модда иборат аст дар ҳоле ки ягонасозии меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ дар доираи Иттиҳоди Аврупо ба маротиб калонҳаҷмтар аст; дар ИМА қисми Restatement Second, Law of Conflict of Laws, ки қоидаҳои меъёрҳои ихтилофиро барои шартномаҳои алоҳида муайян мекунанд, аз 36 модда ва қисмати Restatement Second, Law of Contracts, ки танҳо ба принсипҳои умумии ҳуқуқи шартномавӣ дахл доранд.

Сарфи назар аз он, ки меъёрҳои ягонасозишудаи ихтилофӣ истинодҳои якхелаи ихтилофиродар баробари низоми ҳуқуқи хориҷӣ ба вуҷуд меоранд, дар натиҷа онҳо танзими ягонаи ҳуқуқии муносибатҳоро бо унсури хориҷӣ таъмин намекунанд.

Яке аз нуқсонҳои ягонасозии меъёрҳои ихтилофӣ дар он аст, ки меъёри ихтилофӣ, ки дар шартномаи байналмилалӣ муқаррар шудааст, ба ҳуқуқи миллӣ, ки дар давлатҳои гуногун якхела нест, тааллуқ дорад ва илова бар ин, аз ҷониби судяҳои миллӣ ва арбитражҳои байналмилалӣ ба таври гуногун татбиқ карда мешаванд.Судяҳои миллӣ ба lex fori вобастаанд ва метавонанд танҳо меъёрҳои ихтилофии шартномаҳои байналмилалиро, ки дар онҳо кишварҳои дахлдор иштирок мекунанд, татбиқ кунанд; аммо арбитрҳо дар арбитражи байналмилалӣ озодии бештар доранд.

Камбудии дигари ягонасозии меъёрҳои ихтилофӣ аз ҷониби суд муқаррар намудани мазмуни ҳуқуқи хориҷӣ мебошад. Он метавонад ба таври оддӣ ҳал карда шавад, агар қонуни давлати хориҷӣ ба як низоми

ҳуқуқ тааллуқ дошта бошад ва мафҳумҳои шинос ва як забонро истифода барад. Вазъияти мураккабтар ҳамон вақт ба миён меояд, ки суд бояд ҳуқуқи давлатеро, ки ба оилаи ҳуқуқии дигар тааллуқ дорад, татбиқ намояд. Гирифтани маълумот дар бораи мундариҷа ва татбиқи қонунҳои хориҷӣ серхароҷот аст, мушкилот эҷод мекунад, вақтро мегирад. Агар парванда ба қадри кофӣ мураккаб бошад, ин мушкилот хеле зиёд мешаванд. Маҳз бо ҳамин сабабҳо ҷонибҳои баҳсбарангез дар суд ба татбиқи қонунҳои кишвари суд розӣ мешаванд. Камбудии дигари ҷиддӣ ин аст, ки судҳо аз татбиқи қонунҳои хориҷӣ худдорӣ мекунанд.

Дар асоси меъёри ягонаи ихтилофӣ қонуни миллии ин ё он кишвар мавриди истифода қарор мегирад, ки то ҳол муносибатҳои ҳуқуқии хусусии байналмилалиро дар доираи ҳуқуқи миллӣ боқӣ мегузорад.

Мушкилоте, ки марбут ба эътибор пайдо кардани шартномаҳои байналмилалие, ки дорои меъёрҳои ихтилофӣ дар масъалаҳои хариду фурӯши байналмилалӣ мебошанд: Конвенсияҳои Гаага аз солҳои 1955 ва 1958 ва эътиқоди умумӣ ба зарурати ноил шудан ба якрангии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар танзими ин навъи маъмултарини муомилоти тиҷоратии байналмилалӣ кӯшишҳоеро барои ягонасозии байналмилалии ҳуқуқии меъёрҳои моддӣ бедор сохт. Дар Конференсияи Гаага оид ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ 1 июли соли 1964 ду конвенсияи байналмилалӣ қабул карда шуданд: дар бораи Қонуни якранг оиди бастани шартномаҳои хариду фурӯши байналмилалии молҳо ва Қонуни якранг оиди хариду фурӯши байналмилалии молҳо.

Бояд гуфт, ки қабули ин конвенсияҳо ба ягонасозии меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ, яъне ба вуҷуд овардани меъёрҳои якранги ҳуқуқие, ки муносибатҳои дорои хусусияти ҳуқуқии моддиро танзим мекунанд, вобаста буд. Таҷриба нишон медиҳад, ки сарфи назар аз он, ки дар Конвенсияҳои Гаагаи соли 1964, қариб бори аввал имкон пайдо шуд, ки дар бораи муқаррароти моддӣ-ҳуқуқӣ оид ба бастан ва иҷрои шартнома

оид ба хариду фурӯши байналмилалии молҳо мувофиқат ба даст ояд, танзими байналмилалии хариду фурӯш ҷои сарчашмаи асосиро нагирифтаанд.

Усули ягонасозии моддӣ-ҳуқуқӣ камбудиҳо низ дорад, ки сабабҳои нокомии баъзе шартномаҳои байналмилалиро шарҳ медиҳанд, аз ҷумла: душвории мувофиқасозии қоидаҳои якранг, мавҷудияти низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ, ақидаҳои гуногун оид ба ҷанбаҳои муайяни муомилоти иқтисодии хориҷӣ; сатҳҳои гуногуни фарҳанги ҳуқуқӣ ва омодагии давлатҳо барои ворид намудани меъёрҳои дахлдор ба қонунгузории дохилӣ.

Ҳангоми таҳияи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба шартномаҳои хариду фурӯши байналмилалии молҳо (минбаъд Конвенсияи Вена) эродҳои давлатҳои гуногун нисбати ин ду шартномаи байналмилалӣ ба инобат гирифта шуд. Дар кори тайёрӣ ва қабули он на танҳо намояндагони кишварҳои ғарбӣ, балки кишварҳои Аврупои Шарқӣ, Россия, инчунин намояндагони кишварҳои рӯ ба тараққӣ иштирок доштанд. Нақши Конвенсияи Вена дар танзими хариду фурӯши байналмилалии молҳо пеш аз ҳама бо он муайян карда мешавад, ки ин муносибат заминаи муҳокимаи муқаррароти алоҳидаи лоиҳаро васеъ кардааст, ба намояндагони кишварҳои дорои низомҳои ҳуқуқӣ ва иҶумҳурии Тоҷикистон имоӣ-иқтисодии гуногун имкон дод, ки мавқеъи худро баён кунанд ва дар қабули шартномаи мутавозини байналмилалӣ, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои асосии фурӯшанда ва харидорро танзим мекунад, саҳм гузоранд.

Меъёрҳои ҳуқуқии моддии шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ дар натиҷаи ҳамкориҳои пуршиддати фарҳангӣ ва илмӣ рушди васеъ пайдо карданд. Чунин шартномаҳои умумиҷаҳонии бисёрҷониба меъёрҳои ихтилофиро дар бар намегиранд. Моликияти зеҳнӣ он соҳаи махсуси ҳамкории байналмилалиро ифода мекунад, ки дар

он шартномаи байналмилалӣ барои эътирофи ҳуқуқҳои комил берун аз сарҳад, дар давлати дигар зарур аст.

Дар китоби дарсии ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва тиҷоратии кишварҳои хориҷӣ А.С. Комаров дуруст қайд кардааст, ки «вобаста аз он ки ягонасозӣ то чӣ андоза дур меравад... бо вуҷуди ин, танзими воқеан ягонаи ҳуқуқӣ дастнорас мегардад, зеро дар ниҳояти кор аз таҷрибаи тафсир ва татбиқи меъёрҳои ягонасозишуда аз ҷониби судҳои ҳар як кишвар вобаста аст. Чунон ки таҷриба нишон медиҳад, дар ин марҳила якрангӣ ҳанӯз ба даст наомадааст» [92].

Шартномаи байналмилалӣ, ки дар танзими баъзе муносибатҳои ҳуқуқии байналмиллалии хусусӣ нақши калон мебозад, наметавонад танзими истисноии худашро талаб кунад. Камбудиҳои ягонасозии моддӣ-ҳуқуқӣ зарурати ҷустуҷӯи дигар воситаҳои муттаҳидкуниро ба миён овардааст, ки ин боиси таҳияи танзимгарони ғайришартномавӣ, воситаҳои «ҳуқуқи нарм» мегардад, ки сарфи назар аз хусусияти машваратӣ доштанашон ба танзими муносибатҳои ҳуқуқии байналмиллалии хусусӣ таъсири муайян доранд.

Ҳамин тариқ, шартномаи байналмилалӣ нақши калидиро дар инкишофи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебозад, зеро асоси ягонасозӣ (унификатсия)-и меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва воситаи наздикшавии меъёрҳои ҳуқуқии давлатҳои гуногун шартномаи байналмилалӣ баромад менамояд. Дар замони муосир муҳимияти рушди ҳуқуқи байналмилаии хусусӣ дар коркарди ягонаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар асоси шартномаи байналмилалӣ анҷом дода мешавад. «Ягонасози (унификатсия)-и ҳуқуқ дар як вақт дар ду низоми ҳуқуқ-ҳуқуки байналмилалӣ (бо бастани шартномаи байналмилалӣ) ва дар ҳуқуқи миллӣ (имплентатсия меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ) ба вуқуъ меояд, ки ҳамчун намуди раванди ҳуқуқэҷодкунӣ хоси давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад.

Ягонасози (унификатсия)-и меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ин ташкили меъёрҳои ҳуқуқ дар шакли шартномаи байналмилали бисёртарафа ва дутарафа мебошад» [76, с. 126 – 135].

Тартиб ва ҷараёни ворид намудани ва дар амал татбиқ намудани меъёёрҳои шартномаи байналмилалӣ аз тарафи давлат эътирофшударо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши танзими муносибатҳои фаромарзӣ муаллиф таҳлил намудааст, ки ин равандро дар се навъ пешбинӣ менамояд:

Якум, дар пуррагӣ меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ ворид намудани ва дар амал татбиқ намудани онҳо баъди эътироф шудан аз тарафи давлат мебошад, ки бидуни тағйирёбии мазмун ва дар ин ҷода пешниҳод дорад, ки ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Вена «Дар бораи шартномаи байналмилали хариду фуруши мол» аз 11 апрели соли 1980 дар танзими муомилоти байналмилалии тиҷоратӣ зарур медонад, зеро тарафҳои шартномаи байналмилалии хариду фуруши мол таалуқияти кишварҳои гуногунро доранд ва зарурати муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда ба чунин шартномаҳо меояд, ки баҳри танзими муомилоти байналмилалии тиҷоратӣ бо роҳи ягонасозӣ (унификатсия) дар асоси қабули шартномаи байналмилалӣ (агар Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи Вена «Дар бораи шартномаи байналмилали хариду фуруши мол» аз 11 апрели соли 1980 қабул намояд) татбиқ мегардад.

Дуюм, меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ ворид намудани ва дар амал татбиқ намудани онҳо баъди эътироф шудан аз тарафи давлат мебошад, ки бидуни тағйирёбии мазмун мафҳум ва категорияҳои асосӣ дар қонунгузии миллӣ сурат мегирад, чунончӣ ташакулёбии падидаи моликияти зеҳнӣ нақши марказиро санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ доранд ва падидаи мазкур дар қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикстон аз муқаррароти банди 8 моддаи 2 Конвенсияи таъсисдиҳандаи Созмони умумиҷаҳони моликияти зеҳнӣ аз соли 1967 сарчашма мегирад.

Сеюм, меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ ворид намудани ва дар амал татбиқ намудани онҳо баъди эътироф шудан аз тарафи давлат мебошад, ки бидуни тағйирёбии мазмун бо таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии алоҳида мутобиқ ба вазъ ва муҳити кишвар, ки уҳдадоиҳои байналмилалии хешро иҷро менамоянд сурат мегирад.

# БОБИ 2. НАҚШ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ШАРТНОМАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ МАДАНӢ-ҲУҚУҚӢ ВА ОИЛАВӢ-ҲУҚУҚӢ БО УНСУРИ ХОРИҶӢ.

## 2.1. Хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ.

Дар шароити муосир рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар асоси шартнома, ки қариб тамоми соҳаҳои муносибатҳои ҳуқуқии хусусиро дар бар мегирад ва бо унсури хориҷӣ мураккаб шудааст, аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Ин ба як қатор омилҳо вобаста аст:

Якум, шартномаҳои байналмилалӣ меъёрҳои дараҷаи олӣ нисбат ба тартиботи ҳуқуқии миллӣ буда, динамикаи муътадили муносибатҳои моликиятро бо унсури хориҷӣ таъмин мекунанд. Чунки дар айни замон онҳо меъёрҳое мебошанд, ки натиҷаи иродаи якҷояи давлатҳоро ифода мекунанд ва ба манфиатҳои онҳо бештар мувофиқанд.

Дуюм, зарурати ноил шудан ба сатҳи (дараҷаи) баланди ягонасозии ҳам меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ ва ҳам меъёрҳои ихтилофии ҳуқуқӣ пеш меояд, ки муносибатҳои маъмултарини ҳуқуқии дорои хусусияти байналмилалиро танзим мекунанд.

Сеюм, рушди тиҷоратӣ ва иқтисодии давлатҳо ба ҳам пайваста, робитаҳои фаромарзии аҳолӣ бештар динамикӣ ва гуногунрангтар мешаванд. Хулоса ин аст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ бидуни ҳамгироии иқтисодӣ бо дигар кишварҳо рушди минбаъдаи иқтисоди давлатҳо ғайриимкон ва ё хеле мушкил аст.

Аз ин рӯ, тамоми кишварҳое, ки чӣ ба муносибатҳои бозорӣ мегузаранд ва чӣ ба принсипҳои нақшавӣ бо механизмҳои бозорӣ мепайванданд, барои такмил ва рушди минбаъдаи иқтисодиёти худ кӯшиш мекунанд, ки ба раванди ягонаи ҳамгироӣ ворид шаванд. Дар баробари ин, дар соҳаи танзими ҳуқуқии муносибатҳо тадбирҳои дахлдори ҳамгироӣ амалӣ карда мешаванд. Ба ибораи дигар, сухан дар

бораи танзими муносибатҳои иқтисодӣ дар сатҳи байналмилалӣ дар ҳамбастагии зич бо принсипҳои ҳуқуқӣ меравад. Ниҳоят, чорум, меъёрҳои мураттабшудаи шартномаҳои байналмилалӣ ба такмили муносибатҳои дохилии иқтисодӣ ва мутаносибан ба танзими ҳуқуқии онҳо таъсири судманд мерасонанд, ки ба ҳамгироии шаклҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ бо иштироки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар хориҷ мусоидат мекунанд [133, с. 69].

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки «дар шароити муосир рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар асоси шартнома, ки қариб тамоми соҳаҳои муносибатҳои ҳуқуқии хусусиро дар бар мегирад ва бо унсури хориҷӣ мураккаб шудааст, аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Нақш ва аҳаммияти сарчашмаҳои дохилиро дар танзими муносибатҳои фаромарзӣ, ки мавзуи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошанд, табиист, ки дар муқоиса бо рушди заминаи меъёрии ҳуқуқие, ки дар натиҷаи қабули шартномаҳои байналмилалӣ ташаккул ёфтааст, арзёбӣ кардан мумкин аст» [75, с. 120-125].

Дараҷаи ягонасозӣ дар натиҷаи қабули шартномаҳои байналмилалӣ ҳар қадар баланд бошад, ин шартномаҳо ҳамон қадар муфассалтар ин ё он соҳаи муносибатҳоро танзим мекунанд. Гап дар сари он аст, ки ба раванди меъёрэҷодкунӣ дар дохили кишвар, бешубҳа, шартномаҳои байналмилалӣ, ки муқаррароти онҳо дар ин ё он шакл дар қонунгузории миллӣ татбиқ гардида, ҷузъи ҷудонашавандаи он мегарданд, таъсир мерасонад.

Масалан, дар моддаи 1 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки «санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Агар дар санади ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ғайр аз меъёрҳои пешбининамудаи

қонунгузории мадаӣ дигар қоидаҳоро муқаррар намояд, қоидаҳои санади ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, татбиқ карда мешавад» [2]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи афзалиятноки меъёрҳои шартномаҳои байналмилалиро нисбат ба муносибатҳои мадаӣ, аз ҷумла муносибатҳои мадание, ки бо унсури хориҷӣ мураккабанд, пешбинӣ менамояд. Аз нуқтаи назари охирӣ, татбиқи меъёрҳои ягонасозишудаи ихтилофӣ ва меъёрҳои ягонасозишудаи моддӣ, ки дар шартномаҳои байналмилалӣ муқаррар шудаанд, аҳаммияти амалӣ дорад.

Қобили зикр аст, ки «шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон нисбат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилии дорои меъёрҳои ҳуқуқи мадаӣ, яъне санадҳои қонунгузории мадаӣ мавқеи мустақилро ишғол мекунанд. Чунки бар хилофи санадҳои қонунгузории дохилӣ, шартномаи байналмилалӣ *созишномаи байни давлатҳо* оид ба мазмуни меъёрҳои шартномавӣ (яъне, мазмуни шартнома) ва дар бораи эътирофи меъёрҳои ҳуқуқӣ барои давлатҳои узви шартнома мебошад» [75, с. 120-125].

Дар баробари ин дар моддаи 1 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «қонунгузории мадаӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз ҳамин Кодекс ва дигар санадҳои меъёри и ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон,санадҳои ҳуқуқи байналмилаие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад» [2].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки «доираи муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо қонуни мадаӣ танзим мешаванд, чунон васеъ ва гуногунанд, ки аслан номгӯи мукаммали онҳоро овардан ғайриимкон аст» [158, с. 4].

Мутобиқи ин, дар мазмуни худ, мисли бисёр қонунҳо, шартномаҳои байналмилалӣ меъёрҳои гуногун доранд. Баъзе шартномаҳои байналмилалӣ ба таври махсус ба танзими муносибатҳои мадаӣ нигаронида шудаанд, дар ҳоле ки баъзеи дигар хусусияти мураккаб

доранд, ба он маъно, ки як қисми меъёрҳои шартномаро бешубҳа метавон ба меъёрҳое мансуб кард, ки ба танзими муносибатҳои маданӣ (ё ба таври дигар – ба танзим даровардани онҳо) нигаронида шудаанд ва қисмати дигар бошад ба танзими дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ марбутанд.

Дар соҳаи танзими муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ фаъолияти як қатор созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аҳаммияти асосӣ дорад.

Ҳамин тариқ, «зарурати рӯзафзуни такмили танзими ҳуқуқии тиҷорати байналмилалӣ, додани хусусияти ҷаҳонӣ ба ин раванд боиси он гардид, ки дар доираи Созмони Миллали Муттаҳид як ниҳоди махсус барои ягонасозии ҳуқуқи тиҷорати байналмилалӣ таъсис дода шавад. Дар ин маврид сухан дар бораи фаъолияти Комиссияи Созмони Миллали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи тиҷорати байналмилалӣ (UNCITRAL) меравад, ки 17 декабри соли 1966 дар асоси қатъномаи Маҷмааи Умумии Созмони Миллали Муттаҳид барои тавсеаи мутараққӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, махсусан бо мақсади мусоидат ба рушди тиҷорати байналмилалӣ таъсис ёфтааст» [101, с. 85].

Ҳамин тариқ, шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муомилоти иқтисодии хориҷӣ ҷои муҳимро ишғол мекунанд. Аз рӯи мазмун ва самт шартномаҳои байналмилалӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд;

Якум, созишномаҳои байналмилалӣ оид ба татбиқи муносибатҳои иқтисодӣ, ки муносибатҳои иқтисодиро амалӣ мегардонанд ва ба ин васила ба танзими муносибатҳои иқтисодии берунӣ таъсири назаррас мерасонанд.

Дуюм шартномаҳои байналмилалӣ, ки дар асоси онҳо меъёрҳои якранги моддӣ-ҳуқуқӣ ва ихтилофӣ, ки муомилоти иқтисодии хориҷиро танзим мекунанд, таъсис дода мешаванд.

Гап дар он аст, ки одатан муносибатҳои байналмилалӣ тавассути бастани шартномаҳо дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳои иқтисодӣ ташаккул меёбанд. Онҳо, чун қоида, моҳияти умумии бунёдӣ доранд,

хусусияти доираи васеи масъалаҳоро фаро мегиранд. Ба ин созишномаҳои байниҳукуматӣ оид ба тиҷорат, шартномаи дӯстӣ ва ҳамкории иқтисодӣ ва ғайра мисол шуда метавонанд. Ин шартномаҳои байналмилалӣ заминаи ҳуқуқии ташаккул ва рушди байни давлатҳо буда, барои рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар оянда шароити мусоид фароҳам меоранд. Дар асоси ин созишномаҳо доираи васеи масъалаҳое ҳал карда мешаванд, ки бевосита ба субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии байналмиллалии хусусӣ, дар ин маврид муомилоти иқтисодии хориҷӣ алоқамананд. Аслан, ин ба вазъи ҳуқуқии субъектҳое дахл дорад, ки ҳуқуқ доранд бо тарафҳои давлатҳои шартномавӣ муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ анҷом диҳанд. Дар баробари ин, онҳо низомҳоеро, ки ба субъектҳои ин кишварҳо дода мешаванд, муайян ва масъалаҳои тартиби содирот ва воридоти молҳо, тартиби пардохт, низоми ҳуқуқии фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро танзим мекунанд. Масъалаҳои номбаршуда ва дигар масъалаҳо бевосита ба субъектҳои муомилоти муомилоти байналмилалии тиҷоратӣ дахл доранд.

Бо назардошти ин ҳолат бояд қайд намуд, ки созишномаҳои мазкур барои субъектҳои муомилоти иқтисодии хориҷӣ барои бастани шартномаҳои гуногун шароити мусоид фароҳам меоранд, ки тавассути онҳо воридот ва содироти молу маҳсулоти барои истеъмол зарурӣ сурат мегирад. Дар баробари ин шартҳои амалиёти иқтисодии беруниро худи тарафҳо муайян мекунанд. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки «созишномаҳои дар боло зикршуда на танҳо барои бастани муомилоти иқтисодии хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меоранд, балки ба андозаи зиёд ба таҳияи маҷмуи шартҳои шартнома мусоидат мекунанд» [75, с. 120-125].

Дар баробари ин шартномаҳои байналмилалии гурӯҳи дувум мақсади дигар доранд. Ин гурӯҳи шартномаҳои байналмилалӣ меъёрҳои танзими якранги муомилоти иқтисодии хориҷиро бо давлатҳои аъзо

муқаррар менамояд. Зеро бо ёрии ин созишномаҳомеъёрҳои моддӣ ва ихтилофӣ ягонасозӣ карда мешаванд. Дар ин маврид шартномаи муҳимми байналмиллалии дорои хусусияти умумии Конвенсияи Венаи Созмони Миллали Муттаҳид аз соли 1980 дар бораи шартномаҳои хариду фурӯши байналмилалии молҳо мебошад, ки натиҷаи ягонасозии меъёрҳои ҳуқуқии моддиеро, ки муомилоти иқтисодии хориҷиро танзим мекунанд, ташкил медиҳад. Конвенсия масъалаҳои бастани шартномаи хариду фурӯши байналмилалии молҳо, ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва масъулияти тарафҳоро тибқи чунин созишнома танзим мекунад.

Ҳамин тариқ, Конвенсияи Вена нисбат ба шартномаҳои хариду фурӯши байналмилалии молҳо байни тарафҳое, ки корхонаҳои тиҷораташон дар давлатҳои гуногун қарор доранд, татбиқ мешавад:

а) вақте ки ин давлатҳо - Давлатҳои Аҳдкунанда мебошанд;

б) агар мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ қонунҳои Давлати Аҳдкунанда татбиқшаванда ҳастанд (банди 1 моддаи 1).

Аслан, чунин равиш дар Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид аз соли 1974 дар бораи муҳлати даъвои хариду фурӯши байналмилалӣ сабт шудааст, ки дар он гуфта мешавад, ки шартномаҳои хариду фурӯши байналмилалӣ эътироф карда мешаванд, агар ҳангоми бастани шартнома корхонаҳои тиҷоратии харидор ва фурӯшанда дар кишварҳои гуногун ҷойгир бошанд. Дар баробари ин, А. М. Мирзоев бо истинод ба «ҷойгиршавии пешниҳодҳои тиҷоратии ҷонибҳо дар кишварҳои гуногун» пешниҳод менамояд, ки «ҷойгиршавии макони асосии тиҷорати ҷонибҳо дар давлатҳои гуногуни дорои низомҳои ҳуқуқии гуногун» фаҳмида шавад [51, с. 11].

Аз ин бармеояд, ки Конвенсияи соли 1980 бевосита ба шартномаҳои хариду фурӯши молҳо байни тарафҳое дахл дорад, ки корхонаҳои тиҷораташон дар давлатҳои узви Конвенсия ҷойгиранд. Дар баробари ин, агар маҳалли фаъолияти яке аз тарафҳои шартномаи тиҷоратӣ дар

қаламрави давлати узви Конвенсия воқеъ набошад, пас чунин шартнома бояд танҳо бо мувофиқаи тарафҳо ё бинобар меъёрҳои ихтилофӣ амал кунад. Дар бораи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ оид ба муносибатҳои байни субъектҳои ҳуқуқии давлатҳои иштирокчӣ ба миён омада, инчунин давлатҳое, ки чунин конвенсияро имзо ва ё гузашта аз ин тасвиб накардаанд, Н. Г. Вилкова таъкид мекунад, ки «аз нуқтаи назари таъсири санадҳои ягона ба ҳолати қонунгузорӣ, дар се ҳолат чунин вазъият ба вуҷуд меоянд:

Якум, ҳангоми татбиқи қоидаҳои Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид аз соли 1980 оид ба хариду фурӯши байналмилалии мол, мутобиқи банди 1 (б) моддаи 2, вақте ки муқаррароти Конвенсияи мазкур дар асоси ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бояд ба муносибатҳои тарафҳои шартномаи хариду фурӯш татбиқ карда шаванд, ҳатто агар корхонаҳои тиҷоратии онҳо дар кишварҳое, ки онро тасдиқ кардаанд, ҷойгир набошанд. Чунин тартиби татбиқ дар Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид оид ба лизинги байналмилалии молиявӣ, ки 28 майи соли 1988 дар Оттава ба имзо расид, пешбинӣ шудааст.

Дуюм замоне рух медиҳад, ки аз давлатҳои узви Конвенсияи байналмилалӣ талаб карда мешавад, ки дар қонунгузории худ як меъёри ҳуқуқиеро, ки ба қоидаҳои чунин конвенсия мувофиқат мекунанд, муқаррар кунанд. Ҳолати сеюм вақте рух медиҳад, ки давлатҳо қоидаҳои конвенсияҳои байналмилалиеро, ки узви онҳо ҳастанд (масалан, Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид аз соли 1980 дар бораи шартномаҳои хариду фурӯши байналмилалии молҳо), ё нестанд, инчунин қоидаҳои қонунгузории хориҷиро (қабули Кодекси мурофиавии Фаронса ва Кодекси тиҷоратии Фаронса, ҳамчунон Кодекси мурофиавии Олмон ва Кодекси тиҷоратии Олмон аз ҷониби кишварҳои хориҷӣ) мепазиранд» [94, с. 90-91].

Ба ин нуқта таваҷҷуҳ кардан лозим аст, ки дар ҳолатҳои татбиқи шартномаҳое, ки дар бораи доираи амали онҳо (пеш аз ҳама онҳое, ки муносибатҳоро бо унсури хориҷӣ танзим мекунанд) муқаррароти возеҳ доранд, ба меъёрҳои қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон зиддият ё ихтилоф вуҷуд надорад. Мисоли он муқаррароти Конвенсияи Вена дар соли 1980 мебошад [75, 120-125].

Дар қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳдҳое, ки ба доираи Конвенсияи Вена дохил мешаванд, пеш аз ҳама бо ҳуқуқе, ки тарафҳо интихоб кардаанд (қисми 1 моддаи 1334 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон) ё дар ҳолати набудани созишномаи тарафҳо, тибқи ҳуқуқи алоқаи нисбатан зичдошта (қ. 2 моддаи 1334 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон) танзим карда мешавад. Дар натиҷа саволе ба миён меояд: оё байни муқаррароти Конвенсияи Вена ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди танзими шартномаҳои байналмилалии хариду фурӯш ягон тазод ҷо дорад? Фарз мекунем, ки тарафҳои чунин созишнома ҳуқуқи Тоҷикистонро ба сифати татбиқшаванда интихоб мекунанд, ки дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври худкор ба Конвенсия муроҷиат мекунад. Дар ин маврид дар байни Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конвенсияи Вена аз соли 1980 ягон зиддият ё ихтилоф вучуд надорад. Ҳарду санад шартномаҳои байналмилалии хариду фурӯшро танзим мекунанд ва Конвенсия (дар банди 1 моддаи 1) пас аз интихоби ҳуқуқи миллии татбиқшаванда татбиқ карда мешавад. Ба ин муносибат масъалаи доираи татбиқи шартномаҳои байналмилалиро баррасӣ намуда, М. Г. Розенберг менависад, ки «чӣ тавр доираи татбиқи шартномаи байналмилалиро муайян кардан мумкин аст – бо дастурамали дар он мавҷудбуда ё бо далели эътирофи он, ки муносибатҳои ҳуқуқии мадании мушаххас бояд бо меъёрҳои ҳуқуқии давлати муайян танзим карда шаванд? Дар идома муаллиф чунин мешуморад, ки доираи татбиқи чунин шартномаҳои байналмилалӣ аз рӯи дастурҳои дар онҳо мавҷудбуда

муайян карда мешавад, на аз рӯи он, ки оё ҳуқуқи Русия бояд ба муносибатҳои шартномаи мушаххаси ҳуқуқи маданӣ татбиқ карда шавад ё не» [153, с. 32].

Саволи дигар: оё ҳолатеро, ки масалан ба муносибатҳои тарафҳо на меъёрҳои қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун қонуне, ки тарафҳо интихоб кардаанд, балки меъёрҳои Конвенсия татбиқ мешаванд, ҳамчун ҳолати зиддиятнок баррасӣ кардан мумкин аст ё не? Эҳтимолан чунин нест, зеро миёни танзими махсус ва танзими умумӣ ихтилофро набояд ҷуст. Дар ин маврид Конвенсияи соли 1980 танзими махсуси муносибатҳоро муқаррар мекунад, ки дар акси ҳол бо қонунгузории миллӣ, дар мавриди мо қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешуд. Гузашта аз ин, чунин танзими махсус аз иштироки давлат дар Конвенсия бармеояд. Бо ҳамроҳ шудан ба Конвенсия, қонунгузори миллӣ чунин мешуморад, ки як соҳаи муайяни муносибатҳо (шартномаҳои байналмилалии хариду фурӯш) аз ҷониби Конвенсия - танзимгари махсуси байналмилалӣ танзим карда мешавад.

Ҳамин тариқ, Конвенсия танзими махсуси муносибатҳои маданиро дар муқоиса бо меъёрҳои қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст ва байни муқаррароти он ва қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуди зиддиятҳо истисност. Конвенсия ба муносибатҳои дахлдор мувофиқи дастуру талаботи худаш татбиқ карда мешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми татбиқи Конвенсия зарурати истинод ба ин ки, конвенсия«қоидаҳои дигар»-ро муқаррар мекунад, нест. Ин ба он вобаста аст, ки шартномаҳои байналмилалии эътирофшуда ҷузъи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Аммо ин воқеият маънои онро надорад, ки меъёрҳои Конвенсия ва қонунгузории маданӣ дар як сатҳ қарор доранд. Табиати онҳо гуногун аст. Аммо ин ҳолат муқоисаи онҳоро ҳамчун танзимгарони умумӣ (қонунгузории маданӣ) ва махсус (меъёрҳои Конвенсияи соли 1980) ғайриимкон намесозад.

Дар робита ба мисоле, ки баррасӣ кардем, метавонем бо истидлолҳои Б. И. Нефедов дар ин бобат розӣ шавем, ки: масъалаи ихтилофро «на аз рӯи афзалияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба меъёрҳои дохилӣ, балки дар ҳолати номувофиқатии меъёрҳои умумӣ ва махсус, ки ҳалли ихтилофоти байнашон аз чӣ гуна меъёр будани онҳо – шартномаи байналмилалӣ ё қонунгузории дохилӣ вобаста нест» [140, с. 283], баррасӣ кардан лозим аст.

Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло чунин хулоса баровардан мумкин аст: татбиқи дар муқоиса ба қонунгузории дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятноки шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки доираи амалашон дақиқ муайян шудааст, нисбат ба муносибатҳои маданӣ на бо он муайян карда мешавад, ки онҳо қоидаҳои дигари дар қонунгузории маданӣ пешбининашударо муқаррар мекунанд, балки аз он сабаб аст,онҳо шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мувофиқи доираи татбиқашон амал мекунанд. Зеро чунин созишномаҳо аслан табиати ҳуқуқии байналмилалиро гум намекунанд ва бо вуҷуди ба қонунгузории дохилӣ дохил нашудан, ҷузъи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон гашта, танзими махсуси ҳуқуқиро амалӣ намуда, ҳамчун танзимгари махсус (-и маншаи байналмилалӣ дошта) баромад мекунанд.

Ҳамин тариқ, «муқаррароти қонунгузории муосир оид ба татбиқи шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, бояд дар ҳамбастагӣ бо қоидаҳои худи шартномаҳо оиди доираи амалашон, ки барои татбиқашон дар муносибатҳои маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамчун асоси «ибтидоӣ» (пас аз асоси конститутсионӣ) ҳисобида шаванд, баррасӣ гарданд» [75, с. 120-125].

Дар асл, ин муқаррарот аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бармеояд.

Дар ин ҷо зикр кардан бамаврид аст, ки ҳангоми баррасии масъалаи афзалият миёни шартномаи байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ ду намуди муносибатҳои байни онҳоро, ки ба шакл ва мазмун марбут аст, фарқ кардан лозим аст. Ин меъёри ҳуқуқӣ ҳангоми муайян кардани афзалияти миёни шартномаи байналмилалӣ ва қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи муносибатҳо аз рӯйи мазмуни «меъёри ҳуқуқии моддии шартномаи байналмилалӣ – меъёри ихтилофии қонунгузории миллӣ» муҳим мегардад. Дар ин мавриди ин масъала на танҳо аҳаммияти илмӣ-амалӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ дорад. Масалан, ҳангоми муайян кардани ҳуқуқ, чун қоида, меъёри ихтилофӣ истифода мешавад, зеро он ҳуқуқи татбиқшавандаро дар робита ба муносибати мушаххас муайян мекунад. Ҳангоми ба миён омадани ин гуна муносибатҳо саволе ба миён меояд: дар ҷараёни интихоби ҳуқуқи амалкунанда пешбинӣ намудани меъёр дар мавриди афзалияти меъёри моддӣ-ҳуқуқие, ки дар шартномаи байналмилалӣ муқаррар шудааст, нисбат ба меъёрҳои ихтилофие, ки дар қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, то чӣ андоза муҳим ва амалан зарур аст? Зеро масъалаи афзалияти шартномаи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ, сарфи назар аз ҳолатҳое, ки дар қонунгузории миллӣ кадом меъёрҳо пешбинӣ шудаанд, ба манфиати шартномаи байналмилалӣ ҳал мешаванд. Ба ибораи дигар, масъалаи афзалияти шартномаи байналмилали нисбат ба қонунгузории миллӣ, аз як тараф, аслан ба мувофиқат доштани мазмуни шартномаи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ ба ҳамдигар вобаста нест. Ҳамин аст, ки ба гуфтаи Ф. Сулаймонов, «ҳатто дар сурати номутобиқатии муҳтавои шартномаи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ, дар асоси қоидаи умумӣ дар бораи афзалияти шартномаи байналмилалӣ нисбат ба қонунгузории миллӣ, масъала ба манфиати шартномаи байналмилалӣ ҳал карда мешавад» [160, с. 118]. Маълум мешавад, ки дар ҳар сурат ҳангоми муайян кардани афзалият байни категорияҳои шартномаи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ шакл аз мазмун болотар хоҳад буд. Аммо агар

тасаввур кунем, ки шартномаи байналмилалӣ ва қонунҳои миллӣ шартан ҳамчун унсурҳои алоҳидаи низоми ягонаи ҳуқуқӣ ҳисоб карда мешаванд, ин масъала ба таври дигар ҳалли худро меёбад. Дар сурате ки дар шартномаи байналмилалӣ меъёри моддӣ-ҳуқуқӣ ва дар қонунгузории миллӣ, дар ин маврид дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри ихтилофӣ бобати ҳамон як муносибат муқаррар шуда бошад, ҳангоми танзими ин муносибати мавриди назар ихтилоф ба миён меояд.

Масъалаи дигари муҳим дар заминаи таҳқиқоти мо нақши шартномаи байналмилалӣ дар танзими масъалаҳои моликияти зеҳнӣ мебошад. Ин ҳолат бо омилҳои зерин шарҳ дода мешавад. Гап дар он аст, ки моҳияти умумие, ки таърихан ба ҳама ҳуқуқҳои комил хос аст, маҳдудияти сарҳадии онҳост. Онҳо дар ҳудуди давлате, ки ҳамон ҷомувофиқи қонунҳои он ба вуҷуд омадаанд, амал мекунанд, яъне, аслан хусусияти фаромарзӣ надоранд. Барои эътирофи онҳо дар тарафи дигари сарҳад – барои бартараф кардани таъсири ҳудудии ҳифзи ҳуқуқҳои комил – созишномаи байни давлатҳои дахлдор, яъне шартномаи байналмилалӣ зарур аст. Дар акси ҳол, ихтироот, тамғаҳои молӣ, асарҳои илмӣ ё адабӣ, ки дар як кишвар ҳифз шудаанд, метавонанд дар кишварҳои дигар озодона истифода ё нашр шаванд.

Одатан, дар ҳуқуқи байналмилалии хусусии муосир объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ва патентӣ ба як гурӯҳи умумӣ, ки «моликияти зеҳнӣ» номида мешаванд, муттаҳид шудаанд.

Дарвоқеъ, таърифи «моликияти зеҳнӣ» дар Конвенсияи Стокҳолм аз соли 1967, ки Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳниро таъсис додааст, ба таври умум пазируфта шудааст. Ҳамин тавр, «тибқи моддат 2-и ҳамин шартномаи байналмилалӣ, «моликияти зеҳнӣ ҳуқуқҳои марбут ба асарҳои адабӣ, ҳунарӣ ва илмӣ; фаъолияти ҳунармандон, сабтҳои овозӣ, барномаҳои радио ва телевизион; ихтироот дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон, кашфиёти илмӣ; намунаҳои ҳунарӣ; тамғаҳои молӣ, тамғаҳои хидматрасонӣ, номҳои тиҷоратӣ, нишонаҳои тиҷоратӣ; ҳимоя

аз рақобати беинсофона, инчунин тамоми ҳуқуқҳои дигари марбут ба фаъолияти зеҳнӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, илмӣ, адабӣ ва ҳунариро дар бар мегирад» [30].

Истилоҳи «моликияти зеҳнӣ» баъдан дар қонунгузории дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ки узви Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ мебошад) ва дар қонунгузории як қатор кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи мавриди истифода қарор гирифт. Ҳамин тавр, мувофиқи банди 3 моддаи 40 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти зеҳнӣ бо қонун ҳифз карда мешавад.

Қобили зикр аст, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 13 ноябри соли 1998 ҳуқуқи комил ҳуқуқи ки ба муаллиф (муаллифон) тааллуқдошта аст, ки асар тавассути меҳнати эҷодии ӯ (онҳо) офарида шудааст ва ҳеҷ як шахси дигар бидуни иҷозатномаи дахлдор, ғайр аз ҳолатҳои муқаррарнамудаи Қонун, наметавонад аз он истифода кунад. Дуруст таъкид шудааст, ки хусусияти истисноии ҳуқуқи муаллиф дар он аст, ки танҳо худи муаллиф (ё вориси ӯ) метавонад дар бораи татбиқи ваколатҳои ҳуқуқи муаллиф вобаста ба истифодаи онҳо қарор қабул кунад [157, с. 190]. Аз ин рӯ, моҳияти истисноӣ аз он иборат аст, ки ин ҳуқуқ дар асоси қонун комилан ба муаллиф ё дигар соҳиби истифодаи объекти ғайримоддии ҳифзшаванда тааллуқ дорад.

Ҳамин тариқ, дар ин маврид Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» на мафҳуми «моликияти зеҳнӣ», балки ҳуқуқҳои комилро истифода мебарад. Аммо ибораи моликияти зеҳнӣ, аниқтараш ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ дар моддаҳои 1235 - 1251 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад. Ҳамин тавр, тибқи моддаи 1125-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти зеҳнӣ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва (ё) шахсии ғайримолумулкӣ нисбат ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, воситаҳои

фардикунонии иштирокдорони муомилоти маданӣ, фардикунонии мол, кор ё хидматрасонӣ (воситаҳои фардикунонӣ) ва ҳамчунин объектҳои дигари ба онҳо баробаркардашуда мебошанд. Ба назари мо чунин менамояд, ки ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ ин ҳуқуқҳои зеҳнӣ мебошад, ки ҳуқуқҳои комилро, ки ҳуқуқи моликият аст ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва дигар ҳуқуқҳоро дар бар мегирад. Дар ин масъала мо ба фикри А. П. Белов дар ин бора розӣ ҳастем, ки «ҳуқуқҳои комил ҳуқуқҳои моликият ва мутлақ ба натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ мебошанд, ки мазмуни он ҳуқуқи истифодаи объект бо салоҳдиди худ, ихтиёрдории он, инчунин пешгирии истифодаи ғайриқонунӣ аз ҷониби ҳамаи ашхоси сеюм мебошад»[86, с. 452].

Тавре ки мо ҳангоми шарҳи моддаи 1235-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мебинем, мафҳуми «моликияти зеҳнӣ», ба таври парадоксалӣ ба ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ дахл дорад. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки дар моддаҳои 1235 ва 1236 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «моликияти зеҳнӣ» ҳамчун объект оварда шавад.

Бояд қайд кард, ки мафҳуми «моликияти истисноӣ» нисбат ба чунин мафҳумҳое, ки дар қонунгузорӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ истифода мешаванд, ба мисли «моликияти адабӣ ва ҳунарӣ» ва «моликияти саноатӣ» маънои шартӣ ва умумӣ мебошад. Охирӣ мутаносибан ҳуқуқи муаллифро дар назар дорад, ки амали он ҳамчунон ба натиҷаҳои эҷодиёти илмӣ («моликияти илмӣ») ва ҳуқуқи патентӣ дар якҷоягӣ бо қонунгузории ҳамсон оид ба ҳифзи воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни муомилоти маданӣ ва маҳсулоти (кор, хидматрасонӣ)-и тавлидкардаи онҳо дахл дорад. Аммо, тавре ки зикр гардид, ин ду ҷузъ тамоми мазмуни мафҳуми «моликияти зеҳнӣ»-ро фаро намегиранд [103, с. 316].

Ин ду гурӯҳи моликияти зеҳнӣ ба ду намуди танзими ҳуқуқӣ дахл доранд. Дар асоси ин, дар сатҳи байналмилалӣ инҳо шартномаҳои

байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи муаллифӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи моликияти саноатӣ мебошанд.

Бояд қайд кард, ки ҳуқуқҳои ба муаллиф тааллуқдошта одатан ба ғайримолумулкӣ ва молумулкӣ тақсим мешаванд. Ҳуқуқҳои ғайримолумулкии муаллиф бо шахсияти муаллиф зич алоқаманд буда, ба шахсони дигар намегузаранд ва ҳеҷ гуна моҳияти иқтисодӣ надоранд. Дар ҳоле ки ҳуқуқи молумулкӣ дорои хусусияти моддӣ буда, хусусияти гузарандагӣ дорад.

Дар шароити муосир ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он муҳим мегардад. Шартномаи байналмилалӣ дар ин ҷо ҳамчун воқеияти объективӣ зоҳир мегардад, ки дар натиҷаи зарурати ба даст овардани ҳимояи ҳуқуқҳои комил ва эътирофи ин ҳуқуқҳо дар хориҷа ба миён омадааст. Хусусияти ҳудудӣ ва объективии ҳуқуқи муаллифӣ шартномаи байналмилалиро на танҳо матлуб, балки манбаи зарурии танзими ҳуқуқӣ мегардонад ва аҳаммияти асосӣ дорад, ки бидуни он ҳифзи байналмилалиро таъмин кардан мумкин нест.

Дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ шартномаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдои оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ (ТРИПС) аҳамияти муайян доранд. Ин созишнома дар доираи Созмони Умумиҷаҳонии Тиҷорат қабул шудааст ва пешбинӣ мекунад, ки кишварҳои узв меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқии Конвенсияи Бернро ба истиснои қоидаҳо дар бораи ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ (ҳуқуқи муаллифӣ, ҳуқуқ ба дахлнопазирӣ, ҳуқуқ ба ном) татбиқ мекунанд. Ба ибораи дигар, Созишномаи бисёрҷониба оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ (ТРИПС) (аз 1 январи соли 1995 эътибор пайдо кардааст) васеътарин фарогирии моликияти зеҳниро дорад. Он барои ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар тиҷорати байналмилалӣ қабул шудааст. Мавзуи шартномаи мазкур инҳоянд: ҳуқуқҳои муаллифӣ ва вобаста ба он, тамғаҳои молӣ,

нишондодҳои истеҳсоли мол, намунаҳо ва тарҳҳои саноатӣ, ихтироот, топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ, ҳифзи сирри саноатӣ, маълумоти махфӣ. Дар баробари ин, Созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдои оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ (ТРИПС) барномаҳои компютерӣ ва маҷмуаҳои маълумотро ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллиф дар бар мегирад. ТРИПС инчунин муқарраротеро дар бар мегирад, ки шартҳои шартномаҳои литсензиониро, ки қоидаҳои зиддиинҳисорирο вайрон мекунанд, назорат мекунанд. Бо назардошти ин, 2 марти соли 2013 Ҷӯмҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони иумумиҷаҳонии тиҷорат гардид.

Дар ин бора Сидиқов Д. А. қайд мекунад, ки низоми объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ мутобиқи ТРИПС, сарфи назар аз якрангияти умумӣ бо низоми объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнии Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, як қатор фарқиятҳои назаррас дорад. Аввалан, ТРИПС дар низоми объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бар хилофи муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 153) категорияи «сирри хидматӣ»-ро пешбинӣ намекунад (дар моддаи 165 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масоилро ҳал шудааст, яъне аз мафҳуми сири тиҷоратӣ сири хизматӣ истисно гаштааст); сониян, ТРИПС ба рақобати беинсофона таваҷҷуҳи хоса медиҳад, ки пас аз татбиқи он дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд як қатор саволҳои назариявӣ ва амалиро, аз ҷумла дар мавриди ҳамчун объекти ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ эътироф кардан ва гардиши минбаъдаи ҳуқуқӣ-мадании рақобат ба миён оранд; солисан, тибқи меъёрҳо ва дастурамалҳои ТРИПС на ҳамаи иттилоотро объекти ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ эътироф кардан мумкин аст [57, с. 10]. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки Шартномаи ТРИПС бар хилофи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳниро хеле васеъ мекунад.

Аз ҷумла, тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 153) сирри хизматӣ дар баробари сирри тиҷоратӣ ҳамчун ашё ҳифз карда мешавад. Аммо бояд гуфт, ки сирри хизматӣ дар доираи қонунҳои ҷамъиятӣ ҳифз карда мешавад ва омехта кардани он бо объектҳои ҳуқуқи маданӣ мувофиқ нест. Бинобар ин, дуруст аст аз Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 165) хориҷ намудани категорияи «сирри хидматӣ» мувофиқи матлаб буд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи масъалаҳои «муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ бо унсури хориҷӣ дар сатҳи шартномаҳои байналмилалии универсалию минтақавӣ бо Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар натиҷа ошкор намудани хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳо аз муносибатҳои фаромарзии оилавии дигар давлатҳо дар он аст, ки ҳамагуна шартномаи байналмилалӣ танҳо баъди тасдиқ (ратификатсия)-и Маҷлиси намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қонунгузории миллӣ ворид ва татбиқ карда мешавад, новобаста аз он кӣ чунин шартномаҳои

байналмилалӣ имзо, ҳамроҳ, қабул ва ё дигар тарзи эътирофро Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштааст. Чункӣ тибқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон “Дар бораи шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” шартномаҳое, ки мавзӯи онҳо ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд мебошад ҳатман аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳури Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад ва дар ин ҷода шартномаҳои байналмилалӣ дар бахши оила истисно нестанд» [77, с. 641-649].

# БОБИ 3. ХУСУСИЯТҲОИ ШАРТНОМАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ-ҲУҚУҚӢ ВА МУРОФИАВӢ-МАДАНӢ БО УНСУРИИ ХОРИҶӢ.

## 3.1. Хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ.

Дар шароити муосир шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ ҷои махсусро ишғол мекунанд. Дар соҳаи мавриди баррасии мо ҳамаи шартномаҳои байналмилалӣ хеле мушаххасанд. «Мутобиқан, меъёрҳои байналмилалие, ки ба воситаи онҳо ягонасозии танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ амалӣ карда мешавад, дар доираи созмонҳои байналмилалии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ки пурра ё қисман бо мушкилоти танзими байналмилалии меҳнат машғуланд, таъсис дода мешаванд» [83, с. 75].

Дар сатҳи байналмилалӣ як зумра санадҳои ҳуқуқии дорои хусусияти умумибашарӣ қабул шудаанд, ки ба таври муайян ба танзим ва ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ равона гардидаанд. «Дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ сатҳи ҷаҳонӣ, нақши калидиро созишномаҳои байналмилалӣ, хусусан конвенсияҳое мебозанд, ки таҳти сарпарастии Созмони Байналмилалии Меҳнат ва дар чаҳорчӯби фаъолияти Созмони Миллали Муттаҳид таҳия ва қабул мегарданд. Аз ҷумла, дар доираи фаъолияти Созмони Байналмилалии Меҳнат як қатор конвенсияҳои байналмилалӣ қабул шудаанд, ки ба танзими вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва муносибатҳои меҳнатии онҳо бо корфармоён ва давлатҳои қабулкунанда бахшида шудаанд» [78, с. 60-63].

Меъёрҳои тазимкунандаи ҳуқуқу уҳдадориҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар як зумра санадҳои байналмилалии эътирофшуда, аз ҷумла дар Конвенсияи Созмони Байналмилалии Меҳнат аз соли 1949 №97 дар бораи муҳоҷирони меҳнатӣ ва Конвенсия аз соли 1975 №143 дар бораи сӯиистифода дар соҳаи муҳоҷират ва таъмини баробарии муносибат ва

имкониятҳо нисбат ба муҳоҷирони меҳнатӣ инъикос ёфтаанд. Ин ҳуҷҷатҳо масъалаҳои муҳими ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатиро дар бар мегиранд ба монанди: таърифи “ҳуқуқии муҳоҷриатӣ”, таъмини баробарӣ ва набудани табъиз нисбат ба муҳоҷирон новобаста аз миллат, нажод, ё пайдоиш; мусоидат ба равандҳои расмии муҳоҷират; пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва қочоқи инсон; ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва иҷтимоии муҳоҷирон, инчунин тазими ҳамкории байни хадамоти шуғли кишварҳо ва дигар сохторҳои марбут ба муҳоҷират. Бо вуҷуди ин, муқаррароти зикршуда ба ҳамаи шаклҳои муҳоҷирати меҳнатӣ татбиқ намешванд. Аз ҷумла муҳочирати сарҳадӣ ва ҳимояи ҳуқуқии ҳамаҷонибаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо берун аз доираи татбиқи мустақими конвенсияҳо боқӣ мондаанд.

Дар робита ба ин, қабули Конвенсия аз 18 декабри соли 1990 оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо, ки таҳти сарпарастии Созмони Миллали Муттаҳид қабул шуда буд, дар масъалаи таҳкими байналмиллалии ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ нуқтаи гардиш гардид. Конвенсия аз соли 1990 дар бораи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо як шартномаи фарогири байналмилалӣ мебошад, ки ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатиро танзим мекунад. Конвенсия аз 18 декабри соли 1990 дар бораи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо дорои таваҷҷӯҳи махсус ба ҳуқуқҳои меҳнатии онҳо мебошад. Бояд гуфт, ки Конвенсияи мазкур пеш аз ҳама ба ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ нигаронида шудааст. Ҳадафи аслии он эҷоди як низоми муассири ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ва ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ дар ин самт мебошад. Ҳамин тавр, Н. П. Азаров ин созишномаҳоро муқоиса намуда изҳор медорад, ки: «Конвенсия барои муҳоҷирон ҳуқуқҳои нав эҷод намекунад, балки ба таъмини муносибати

баробар ва шароити баробари кор барои муҳоҷирон ва шаҳрвандони кишвари мизбон нигаронида шудааст» [61, с. 52].

Бояд гуфт, ки Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид дар соли 1990 ба назари мо дар масъалаи муайян кардани вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ як созишномаи хеле пешрафта ба назар мерасад. Мисоли равшани ин таърифи истилоҳи «муҳоҷири меҳнатӣ» мебошад, ки барои татбиқи қонунгузории миллии давлатҳои иштирокчӣ гузинаи беҳтарин мебошад. Мутобиқи моддаи 2 Конвенсия, «муҳоҷири меҳнатӣ» шахсе мебошад, ки дар давлате, ки ӯ шаҳрванди он нест, ба фаъолияти пардохтшаванда машғул хоҳад буд, ҳаст ва ё будааст.

Ҳамзамон, Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид аз соли 1990 оид ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва наздикони онҳо маҷмӯи васеи ҳуқуқҳоро таъмин менамояд. Аз ҷумла, моддаи 1 Конвенсияи мазкур муқаррар мекунад, ки меъёрҳои санад ба ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо, сарфи назар аз миллат, ҷинс, забон, вазъи иҷтимоӣ, ақидаҳои сиёсӣ ва дигар ақидаҳо татбиқ мегарданд. Ин маънои онро дорад, ки принсипи манъи табъиз ҳамчун яке аз принсипҳои асосии ҳифзи байналмилалии ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар моддаи 1 Конвенсия омадааст, дарк ва ниёзи таҳиягаронро дар бораи аҳаммияти баланди татбиқи он аз ҷониби давлатҳои узв нишон медиҳад.

Хусусияти дигар ин аст, ки Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид аз соли 1990 барои муҳоҷирони меҳнатӣ тартиби (реҷаи) миллиро аз рӯи ҳуқуқҳои онҳо дар ин соҳа дар асоси баробар бо шаҳрвандони дохилии давлате, ки муҳоҷирро бо кори кироя таъмин кардааст муқаррар мекунад, аз ҷумла дастрасӣ ба низомҳои маҳаллии роҳнамоии касбӣ, таҳсилот, шуғл, амнияти миллӣ ва ғайра, ки дар ин давлат тибқи қонунгузории дохилии он мавҷуд аст.

Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид аз соли 1990 дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо ҳамчун

санади ҳуқуқии байналмиллалӣ, ки дар танзими амалии муносибатҳои муҳоҷират нақши муҳим дорад, бо мушкилоти хеле ҷиддӣ рӯбарӯ аст. Яке аз масъалаҳои асосӣ ин мушкили иҷрои сусти муқаррароти он дар сатҳи дохилӣ, инчунин мушкилоти эътирофи он аз ҷониби як қатор давлатҳое мебошад, ки аз меҳнати муҳоҷирон фаъолона истифода мебаранд. Ба ибораи дигар, яке аз мушкилоти муҳимро раванди басо мушкили тасвиб аз ҷониби кишварҳои узви Созмони Миллали Муттаҳид, бахусус он кишварҳое номидан лозим аст, ки асосан аз меҳнати муҳоҷирон истифода мебаранд.

Аз ин рӯ, созишномаҳои минтақавӣ ва дуҷониба дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар ин замина нақши муҳим доранд. «Дар байни созишномаҳои байналмилалии дорои хусусияти минтақавӣ дар сатҳи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи, пеш аз ҳама бояд Созишномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи аз соли 1994 оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ зикр гардад» [114, с. 605]. Дар ин маврид бо истидлолҳои Н. Зинченко бояд розӣ шуд, ки қайд мекунад «хусусияти равандҳои муҳоҷират, ки дар фазои пасошуравӣ рух медиҳанд, пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки дар замони мавҷудияти як давлати ягона онҳо таҳти таърифи муҳоҷирати дохилӣ қарор доштанд. Ҳоло дигар ин равандҳои муҳоҷирати беруна аст, ки дар байни кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи дар пасманзари мубодилаи фаъоли муҳоҷирати хориҷии одамон байни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар давлатҳо ба амал меоянд» [47, с. 110].

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳадафи асосии Шартномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи дар ин самт инҳо мебошанд: 1. Муттаҳид сохтани қонунгузории давлатҳои иштирокчӣ, ки бо сабаби пошхӯрии давлати ягонаи иттифоқӣ фарқияти назаррас доранд; 2. Фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба давлате, ки ба

қувваи корӣ ниёз дорад; 3. Кӯмак ба коргарон дар амалӣ намудани ҳуқуқҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи онҳо ба меҳнат.

Дар байни шартномаҳои байналмилалӣ муҳимтаринаш созишномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи аз соли 1994 оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад, ки самтҳои асосии ҳамкории давлатҳоро дар соҳаи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ танзим менамояд. Барои муҳоҷири меҳнатӣ муқаррароти Шартнома муҳим аст, ки тибқи он ҳар як тарафи узв дипломҳо, шаҳодатномаҳо дар бораи таҳсилот, санадҳо дар бораи додани дониш, категория, тахассус ва санадҳои дигаре, ки барои анҷом додани фаъолияти меҳнатӣ заруранд ва бо тартиби муқарраршуда дар қаламрави кишвари вуруд тасдиқ карда шудаанд, тарҷумаи онҳоро ба забони давлатии кишвари кор ё русӣ, (бе қонуникунонӣ) эътироф мекунанд. Мутобиқи Шартнома фаъолияти меҳнатии корманд бо шартномаи (қарордоди) меҳнатии аз ҷониби корфармо ба забони давлатии тарафи кор басташуда ба расмият даровarda шуда, то ба кор омаданаш ба корманд супорида мешавад. «Дар баробари ин, ҳангоми қатъи шартномаи меҳнатӣ бинобар барҳам додан ё азнавташкилдиҳии корхона (ташкилот ва муассисаҳо), кам шудани шумора ё штати коргарон муҳоҷири меҳнатӣ тибқи қонунгузории Тарафи ба кор таъминкунанда ба имтиёзҳо ва ҷубронпулиҳо барои коргарони озодшуда дар асосҳои зикршуда ҳуқуқ дорад ва баргардонидани муҳоҷирони меҳнатӣ ба Тарафи хуруҷ аз ҳисоби корфармо анҷом дода мешавад» [78, 60-63].

Хусусияти навбатии Созишномаи соли 1994 ин аст, ки «ҳуқуқҳои муҳоҷирони корӣ муқаррар карда намешавад, балки танҳо истинод ба санадҳои байналмилалӣ ва муқаррароти дахлдори кишварҳои ширкаткунанда сурат мегирад. Аз ин бармеояд, ки Созишномаи муҳоҷирати меҳнатии соли 1994 тавассути меъёрҳои бланкетӣ бо истинод ба дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ё қонунгузории миллӣ, истифодаи васеъи усули ихтилофии танзимро таъмин менамояд» [44, с. 56].

Масалан, масъалаҳои таъмини нафақаи кормандон ва аъзои оилаи онҳо, тибқи моддаи 9-и санади мавриди омӯзиш, тавассути Созишнома аз 13 марти соли 1992 дар бораи кафолатҳои ҳуқуқҳои шаҳрвандони давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи дар соҳаи таъмини нафақа ва созишномаҳои дуҷониба танзим карда мешаванд.

Қоидаи истиноди м. 6 низ умумӣ аст, ки тибқи он коргарон аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қонунгузории меҳнати тарафи шуғлдиҳанда истифода мебаранд ва интихоби низоми ҳуқуқиро нисбат ба муҳоҷири меҳнатӣ ба салоҳдиди қонунгузори миллӣ мегузоранд.

Зимнан, Конвенсия дар бораи вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо аз 14 ноябри соли 2008 дар низоми санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи мавқеи асосиро ишғол мекунад.

Конвенсияи соли 2008 дар бораи вазъи ҳуқуқии коргарони муҳоҷир ва аъзои оилаҳои онҳо қисман барои иҷрои муқаррароти муайяни Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид пешбинӣ шудааст. Аз ин лиҳоз, изҳороти Р. Ш. Давлетгилдеев дар ин бора ҷолиб аст, ки «Конвенсияи соли 2008 дар бораи вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо дар сабаби он аст, ки ба як намунаи минтақавии Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид дар бораи ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо табдил ёбад. Аммо барои дурусттар дарк кардани моҳияти масъала муқаррароти асосии ду конвенсияи номбурдаро таҳлил кардан лозим аст. Ҳамин тариқ, дар конвенсияҳои баррасишаванда қисмҳои аввал ба доираи татбиқ ва таърифҳо бахшида шудаанд» [44, с. 168]. Аммо Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи аз соли 2008 дар бораи вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо «мафҳумҳои зеринро, ки ба матни Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид аз соли 1990 дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои онҳо дохил карда шудаанд, «дар бар намегирад: истилоҳи

«баҳрнишин», ки моҳигиронро низ дар бар гирифта, маънои муҳоҷири меҳнатиеро дорад, ки барои кор дар киштии дар кишвари ғайри шаҳрвандии ӯ дар қайд буда, ба кироя гирифта шудааст; истилоҳи «коргаре, ки дар иншооти собити наздисоҳилӣ кор мекунад»коргарони муҳоҷиреро ифода мекунад, ки дар як иншооти наздисоҳилӣ таҳти тобеияти давлате кор мекунанд, ки ӯ шаҳрванди он нест; истилоҳи «коргаре, ки кораш ба тағйири макон алоқаманд аст» муҳоҷири меҳнатиеро ифода мекунад, ки одатан дар як давлат зиндагӣ карда, аз рӯи хусусияти кори худ маҷбур мешавад, ки ба дигар давлат ё давлатҳо ба муддати кӯтоҳ сафар кунад; истилоҳи «коргари лоиҳа» маънои муҳоҷири меҳнатиеро дорад, ки ба давлати кори кироя ба муддати муайян барои кор танҳо дар лоиҳаи мушаххасе, ки дар ин Давлат аз ҷониби корфармои ӯ амалӣ карда мешавад, қабул карда шудааст; истилоҳи «коргари кирояи ҳадафманд»»[22].

Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи дар бораи вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо аз соли 2008, ба монанди Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид аз соли 1990, доираи шахсонеро муайян мекунад, ки муқаррароти ин шартномаҳо нисбати онҳо татбиқ намегарданд. Конвенсияҳои Созмони Миллали Муттаҳид ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи ба гурезаҳо дахл надоранд.

Бояд қайд кард, ки Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи аз соли 2008 дар бораи вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо муқарраротерофаро гирифтааст, ки тибқи он ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо метавонанд ба маҳдудиятҳои пешбининамудаи қонунгузории тарафҳо, ба хотири таъмини амнияти миллӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ ё ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои дигарон дучор гарданд. Бо вуҷуди ин, м. 26 Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид аз соли 1990, ба андешаи мо, меъёри оқилонатареро пешбинӣ мекунад: «. . . Ба амалисозии ин

ҳуқуқҳо ба ғайр аз маҳдудиятҳое, ки қонун пешбинӣ кардааст ва барои таъмини манфиатҳои амнияти миллӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ё ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсони дигар дар ҷомеаи демократӣ зарур аст, ҳеҷ гуна маҳдудият гузоштан мумкин нест». Мутаассифона, на Созишномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ аз соли 1994 ва на дар Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи дар бораи вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо аз соли 2008 меъёрҳои ихтилофӣ дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ пешбинӣ нашудаанд. Дар ҳоле, ки дар моддаи 3 Конвенсия оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда ба ӯҳдадориҳои шартномавӣ, ки аз ҷониби давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо дар Рум 19 июни соли 1980 баста шудааст, ба сифати истиноди асосии ихтилофӣ барои шартномаи меҳнатии инфиродӣ ҳуқуқи кишваре муайян карда мешавад, ки коргар одатан онҷо фаъолияти худро анҷом медиҳад, ҳатто агар муваққатан дар кишвари дигар кор карда истода бошад. Дар асоси пажӯҳиши суратгирифта натиҷагирӣ мешавад, ки сарфи назар аз кори фаъоли иттиҳодияҳои минтақавӣ, таҷрибаи мусбат ва усулҳои муассири танзим на ҳамеша дар ташаббусҳои минтақавӣ инъикос ёфтаанд, ки метавонанд боиси ихтилофи меъёрҳои меҳнат дар сатҳҳои гуногун шаванд.

Ҳамзамон ҳамкориҳои дуҷониба дар танзими ҳуқуқии байналмилалии муҳоҷирони корӣ нақши бузург доранд. Ҳамин тариқ, айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин кишварҳо, аз қабили Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Беларус шартномаҳои монанд дорад. Ин аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, маъмулан созишномаҳои байналмилалии дуҷониба воситаи муҳими танзими ягона дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд.

Гуфтаҳои боло гувоҳӣ медиҳанд, ки чунин тадбирҳо ҳифзи самараноки иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатиро таъмин мекунанд

ва ба танзими устувори муносибатҳои меҳнатӣ бо корфармоён дар кишварҳои шартномавӣ мусоидат мекунанд, ки ба онҳо ҳамоҳангӣ ва тартибот мебахшад.

Ҳамин тариқ, «субъектҳои фаъоли муносибатҳои меҳнатии фаромарзӣ асосан муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаи онҳо дар қаламрави кишварҳои гуногун баромад мекунад бо чунин назардошт баррасию таҳлили шартномаҳои байналмилалии универсалӣ, аз ҷумла Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаи онҳо" аз 18 декабри соли 1990 баҳри муайян кардани ин раванд дар қонунгузории миллӣ муҳим аст» [78, с. 60-63]. Дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи соли 1994 Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ қабул шуд, ки меъёрҳои он асосан бланкетӣ буда, кафолати ҳуқуқӣ ва таъмини нафақаро барои муҳоҷирони меҳнатӣ ба дигар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунҳои давлатҳо ҳавола мекард, ки чунин вазъ мушкилиҳоро дар танзими вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳифзи манфиатҳои онҳо эҷод мекард. Бо чунин назардошт дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи дар асоси Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид соли 1990, 14 ноябри соли 2008 Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи "Дар бораи вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаи онҳо" қабул шуд, ки новобаста аз он, ки дар ҳарду Конвенсия муқаррарот оид ба вазъи ҳуқуқии меҳнатии гурезаҳо пешбинӣ нашудааст, фазои ҳуқуқиро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи дар бахши муҳоҷирати меҳнатӣ фароҳам овардаанд, ки амалишавии чунин фазои ҳуқукӣ дар қаламрави Тоҷикистон ҳамчун узви Созмони Миллали Муттаҳид ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи истисно нест. «Раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар асоси Созишномаҳои дуҷонибаи байналмилалӣ танзим мешавад, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия Созишнома бо номи

“Дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷуимҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Росссия ва шаҳрвандони Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” 16 октябри соли 2004 ба имзо расонида шуд, ки бо чунин Созишномаҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳуриҳои Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон ва дигар кишварҳо ба имзо расида аст, ки фазои ҳуқуқиро дар танзими муносибатҳои фаромарзии меҳнатӣ ташкил менамоянд» [78, с. 60-63].

## 3.2. Нақш ва хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои мурофивӣ-мадании фаромарзӣ.

Вусъати назаррасиҳ фаъолияти иқтисодии хориҷии байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии кишварҳои гуногун, таҳкими нақш ва аҳаммияти мақомоти судиро дар ҳалли баҳсҳои байналмилалии тиҷоратӣ пешакӣ муайян кард. «Дар натиҷа салоҳияти судҳо оид ба ҳалли баҳсҳои маданӣ ва дигар масъалаҳои хусусияти ҳуқуқии хусусиро ҳуқуқи байналмилали хусусӣ, аз ҷумла қоидаҳои мурофиаи мадании байналмилалӣ танзим менамояд. Ин аз он сабаб аст, ки дар ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ амалҳои ғайриҳуқуқӣ уҳдадориҳои дорои хусусияти ҳимояи ҳуқуқӣ доштаро ба вуҷуд меоранд. Дар натиҷа муносибате ба вуҷуд меояд, ки дар он ҳуқуқвайронкунанда уҳдадор аст ҳуқуқи поймолшударо барқарор намояд ва тарафи дигар ҳақ дорад инро талаб намояд. Аз ин рӯ, ҳуқуқи поймолшуда бояд тавассути суд ё арбитраж ҳифз карда шавад» [133, с. 673]. Дар ин маврид сухан дар бораи тартиби ҳалли баҳсҳои ҳуқуқии байналмилалии хусусӣ дар судҳои давлатӣ ва арбитражи тиҷоратӣ меравад. Бояд дар назар дошт, ки «мафҳуми «байналмилалӣ» нисбат ба мурофиаи маданӣ ба мисли мафҳуми «ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» шартӣ аст. Он бо раванди муайяни мадании «байнидавлатӣ» алоқаманд набуда, танҳо «маҷмуи масъалаҳои дорои хусусияти мурофиавиеро, ки бо ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони хориҷӣ дар суд алоқаманданд», ифода мекунад

ва бо истифода аз меъёрҳои миллии мурофиавӣ ҳал карда мешавад» [101, с. 564].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои мурофиавии маданӣ бо унсури хориҷӣ бо қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ танзим карда мешаванд.

Масалан, барои танзими ин муносибатҳо бо иштироки субъектҳои хориҷӣ, муқаррароти моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёдӣ мебошад, ки мутобиқи он: «санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар» [1] мебошанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мисли дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои мурофиавии байналмилалии маданӣ иштирок мекунанд. Б. А. Сафарзода роҷеъ ба масъалаҳои стандартҳои байналмилали дар соҳаи ҳуқуқи инсон пурра таҳлил намуда, қайд менамояд: «Барои он ки санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ пурра ба низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ шомил шаванд, кӯшишҳои на танҳо ҳуқуқшиносони соҳаи байналмилалӣ, балки мутахассисони соҳаи конститутсионӣ, маданӣ, ҷиноятӣ ва мурофиавӣ, инчунин намояндагони дигар соҳаҳои илми ҳуқуқ заруранд» [155, с. 183]. Дар баробари ин, сарчашмаи асосӣ - Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 ва Кодекси мурофиавии иқтисодӣ аз 5 январи соли 2008 мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки судҳои салоҳияти умумӣ тибқи моддаи 24 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳсҳои марбут ба шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, ташкилотҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба қобилияти ҳуқуқии онҳо, муайян кардани тобеияти парвандаҳо, эътироф ва иҷрои қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ ва монанди инҳоро баррасӣ мекунанд. Дар ҳоле ки судҳои иқтисодӣ ҳамчун судҳои дорои салоҳияти умумӣ баҳсҳои дорои хусусияти шабеҳро бо иштироки ташкилотҳои

хориҷӣ ва байналмилалӣ, шаҳрвандони хориҷие, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, ташкилотҳои дорои сармояи хориҷӣ, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, баррасӣ менамояд. Агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, арбитражҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи тарафҳо баҳсҳоеро, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии иқтисодии маданӣ бармеоянд, баррасӣ мекунанд.

Дар ин росто, шартномаҳои байналмилалие, ки муносибатҳои мурофиавии байналмилалиро оид ба баррасии баҳсҳои ҳуқуқи хусусии бо унсури хориҷӣ мураккабтар танзим мекунанд, нақши муҳим мебозанд.

Бояд қайд кард, ки маҳз дар шартномаҳои байналмиллалӣ масъалаҳои муайянсозии салоҳияти байналмилалиро метавон ҳал кард, ки ин мушкили ихтилофи салоҳиятро аз байн мебарад. «Одатан, қоидаҳои ёрии ҳуқуқӣ механизми ҳамкории судҳоро ҳангоми баррасии парвандаи мушаххас (пешниҳоди далелҳо, мусоҳиба бо шоҳидон ва ғ. ) фароҳам меоранд. Мавҷудияти шартномаи байналмилалӣ тартиби муайяни пешгӯии ҳамкории судҳоро ба вуҷуд меорад, ки он аз вазъияте, ки дар он расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба таври якҷониба, аз рӯи қоидаҳои дар қонунгузории мурофиавии миллӣ мавҷуд буда иҷозат дода мешавад, фарқ мекунад. Дар натиҷа, масъалаҳои асосие, ки аз рӯи онҳо шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии мурофиавӣ (минбад ҲБМ) баста мешаванд, ба муқаррар намудани қоидаҳо оид ба эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судӣ ва арбитражи хориҷӣ дахл доранд» [175, с. 23]. Азбаски имкони пешниҳоди даъво ба суди миллӣ нисбати шаҳрванди хориҷӣ, ташкилоти хориҷӣ ба самаранокии мурофиаи судӣ мусоидат намекунад, агар ҳалномаҳои содиршуда хусусияти қатъии ҳудудӣ дошта бошанд.

Аҳаммияти махсуси шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо зарурати ягонасозии меъёрҳои моддӣ шарҳ дода мешавад, чунки меъёрҳои мурофиавии давлатҳо бо як қатор сабабҳо аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд. Аз ин сабаб, он дар соҳаи масъалаҳои мурофиавӣ дар сатҳи умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ рушди назаррас ба даст овард. Чунин бархӯрд ба таҳлили нақши шартномаи байналмиллалӣ нисбат ба инъикоси чунин масъалаҳо, аз қабили ҳудуди салоҳияти байналмилалӣ, эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судӣ, арбитражӣ ва ғ. мувофиқтар ба назар мерасад. Маҳз бо ёрии шартномаи байналмилалӣ байни мақомоти адолати судии миллӣ (ки парвандаҳои марбут ба шаҳрванди хориҷиро баррасӣ мекунанд), инчунин байни мақомоти миллӣ бо байналмилалӣ, ки парвандаҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии давлатҳои гуногунро баррасӣ мекунанд, робита ва ҳамкории мутақобила кардан мумкин аст.

Дар баробари ин, Т. Н. Нешатаева қайд мекунад: «мурофиаи байналмиллалии маданӣ ҳамчун «як ниҳоди мураккаби ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки робита ва таъсири мутақобилаи расмиёти миллӣ ва байналмилалиро, ки дар қоидаҳои мурофиавӣ, ки ба ҳимоя ва муқаррар кардани ҳуқуқҳои маданӣ нигаронида шудаанд, танзим мекунад» [142, с. 368].

Бояд гуфт, ки дар шартномаҳои байналмиллалӣ ягонасозӣ на танҳо ба танзими моддӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ, балки ба танзими ихтилофӣ низ дахл дорад. Таҷрибаи шартномавӣ мисолҳои кофии танзими мураккабро медиҳад,вақте ки як шартномаи байналмилалӣ меъёрҳоро ҳам оид ба масъалаҳои ҲБМ ва ҳам меъёрҳои ягонасозишудаи ихтилофӣ дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, дар айни замон Конфронси Гаага оид ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар таҳияи шартномаҳои байналмилалӣ, ки ба ягонасозии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, аз ҷумла дар соҳаи мурофиаи мадании байналмилалӣ нигаронида шудааст, мавқеи сазоворро

ишғол мекунад. Ба шарофати Конфронси Гаага оид ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муҳимтарин шартномаҳои байналмилалӣ, ба монанди Конвенсияи Гаага оид ба мурофиаи мадании соли 1954, Конвенсияи Гаага дар бораи бекор кардани талаботи қонунигардонии санадҳои расмии хориҷӣ аз солҳои 1961, 2001 омода карда шуданд. Ба гурӯҳи конвенсияҳои Гаага дар соҳаи мурофиаи маданӣ, инчунин дигар шартномаҳои байналмилалӣ дохил мешаванд, ки масъалаҳои салоҳият, эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои хориҷӣ, дар соҳаи алимент ва уҳдадориҳои алиментиро танзим мекунанд. М. М. Богуславский дар бораи конвенсияҳои Гаага сухан ронда, қайд мекунад, ки «аҳаммияти онҳо пеш аз ҳама чунин шарҳ дода мешавад, ки салоҳияти мақомоти судӣ дар соҳаи парвандаҳои маданӣ бо қоидаҳои ин ё он кишвар маҳдуд карда шуда, танҳо тавассути созишномаҳои байналмилалӣ метавонад ба истилоҳ кӯмаки ҳуқуқӣ, иҷрои муроҷиатномаҳо, эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судӣ амалӣ карда шавад»[90, с. 373].

Дар асоси ин, қайд кардан ба маврид аст, ки «самти дигари танзими ҳуқуқи байналмилалиро дар соҳаи мурофиаи маданӣ Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид аз 10 июни соли 1958 дар бораи эътироф ва иҷрои қарорҳои арбитражи хориҷӣ (минбаъд Конвенсияи Ню-Йорк) ташкил медиҳад, ки муҳимияти ин конвенсия ягонасозии эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражи хориҷӣ ба ҳисоб мервад» [76, с. 135]. Ба гуфтаи Ш. Менглиев, «Конвенсияи Ню-Йорк аслан ба ҷои Конвенсияи қаблии Женева дар бораи иҷрои ҳалномаҳои арбитражи хориҷӣ аз 23 сентябри соли 1923 иваз карда шуд, зеро аксарияти кишварҳои узви Конвенсияи Женева ба Конвенсияи Ню-Йорк ҳамроҳ шуданд» [131, с. 100]. 31 майи соли 2012 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид оид ба эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражи хориҷӣ аз 10 июни соли 1958 ҳамроҳ шуд. Аммо Ҷумҳурии Тоҷикистон тазаккур дод, ки дар навбати аввал Конвенсияи мазкурро барои баҳсҳо ва ҳалномаҳои арбитраж, ки пас аз эътибор пайдо кардани Конвенсияи

мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд ва дар қаламрави дигар Давлатҳои Аҳдкунанда бароварда шудаанд, қабул мекунад; дувуман, Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи мазкурро нисбат ба баҳсҳои марбут ба амволи ғайриманқул қабул намекунад.

Муҳим он аст, ки аз замони қабули Конвенсияи Ню-Йорк дар амалияи ҷаҳонии татбиқи он равишҳои муқарраршудаи тафсири муқаррароти он таҳия гардида, дар кишварҳои пешрафтаи ғарбӣ қоидаҳои якранги татбиқи механизмҳои ҳуқуқии он таҳия шудаанд ва ин амалия инкишоф ёфта, такмил меёбад. Бояд гуфт, ки дар натиҷаи қабули Конвенсияи Ню-Йорк зарурати ба инобат гирифтани хусусиятҳои махсуси арбитражи тиҷоратии байналмилалӣ дар сатҳи миллӣ ба миён омад. Ҳамин тариқ, абзори «ҳуқуқи нарм» – Қонуни намунавии UNCITRAL дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ аз соли 1985 барои қабули низомҳои ҳуқуқии миллӣ тавсия карда шуд. Санади мазкур, ки вижагии ҳуқуқии он хусусияти машваратӣ дорад, барои мусоидат ба давлатҳо дарислоҳот ва навсозии қонунгузории онҳо дар бораи тартиби арбитраж пешбинӣ шудааст.

Мутаносибан, Конвенсияи Ню-Йорк нисбат ба эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ, ки дар қаламрави давлате, ки эътироф ва иҷрои чунин ҳалнома дархост карда мешавад, татбиқ мешавад. Илова бар ин, он ба ҳалномаҳои арбитражие дахл дорад, ки дар давлате, ки дар он эътироф дархост карда мешавад, ҳалномаҳои дохилӣ ҳисобида намешаванд. Масалан, дар Олмон ва як қатор дигар кишварҳо, агар ҳалномаи арбитраж мувофиқи ҳалномаҳои мурофиавии давлати хориҷӣ (яъне, қоидаҳои дигар ба фарқ аз кишвари суд) бароварда шуда бошад, он ба ҳалномаи ватанӣ табдил намеёбад. Дар Иёлоти Муттаҳида, ҳалномаи арбитраж, ки дар қаламрави ин иёлот бароварда шудааст, ҳамчун як ҳалномаи арбитражӣ эътироф карда намешавад, агар ҳадди аққал яке аз тарафҳо амрикоӣ набошад ё ҳатто агар ҳарду тараф амрикоӣ бошанд,

аммо шартномае, ки дар атрофи он баҳс сурат мегирад,иҷрои уҳдадориҳоро берун аз Иёлоти Муттаҳидаро пешбинӣ кунад.

Дар баробари ин, Конвенсияи Ню-Йорк қоидаеро муқаррар мекунад, ки ҳар як давлат ҳангоми имзо кардан, тасдиқ кардан, ба ин Конвенсия ҳамроҳ шудан ва ё баъдан метавонад дар бораи амали мутақобил тазаккури махсус муқаррар кунад. Ба ибораи дигар, банди 3 моддаи 1 Конвенсияи Ню-Йорк ба ҳар як давлат ҳуқуқ медиҳад, ки пас аз тасвиб, имзо ё ҳамроҳшавӣ изҳорот диҳад, ки қоидаҳои худро танҳо нисбати қарорҳои қабулшуда дар қаламрави давлати дигари узв татбиқ мекунад. Ин маънои онро дорад, ки он Конвенсияи Ню-Йоркро нисбат ба эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ танҳо дар қаламрави дигар давлати узви ин Конвенсия татбиқ хоҳад кард. Аз ин рӯ, ҳалномаҳои арбитражӣ, ки арбитражи тиҷоратии дигар давлатҳо қабул кардаанд, метавонанд танҳо дар асоси амали мутақобил иҷро карда шаванд.

Қайд кардан муҳим аст, ки аз замони эътибор пайдо кардани Конвенсияи Ню-Йорк чунин мушкилот, ба монанди ҳамкории суд ва арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ҳалли ҳуқуқӣ пайдо кард. Мутобиқи банди 1 м. 2 Конвенсия, Давлатҳои Аҳдкунанда уҳдадор шудаанд, ки созишномаҳои тарафҳои муомилоти тиҷоратии байналмилалӣ дар бораи ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ пешниҳод кардани баҳсҳои ба миёномадаро эътироф кунанд. Давлати Аҳдкунанда, агар аз рӯи масъалае, ки тарафҳо созишномаи арбитраж бастаанд, даъво гирифта бошад, бояд бо дархости яке аз тарафҳо тарафҳоро ба арбитраж фиристад, агар муайян насозад, ки созишнома беэътибор шудааст, қувваашро гум кардааст ва ё наметавонад иҷро гардад.

Бояд қайд кард, ки Қонуни Намунавии UNCITRAL баъзе муқаррароти Конвенсияи Ню-Йоркро пурра мекунад, ин, масалан, ба маҳдуд кардани доираи дахолати судҳои давлатӣ ба баҳсҳое дахл дорад, ки аз ҷониби арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ҳал мешаванд ё бояд

ҳал карда шаванд. Бояд гуфт, ки бисёр давлатҳо аз Қонуни Намунавии UNCITRAL аз соли 1985 истифода бурда, қонунҳои миллии худро дар асоси он таҳия намуданд, аз ҷумла, соли 1993 дар Русия Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» қабул карда шуд. Қонунгузорӣ дар асоси ин Қонуни намунавӣ, ки дар зиёда аз 44 давлат, ба монанди Конвенсияи Аврупо қабул шудааст, созишномаҳо, мурофиаҳо ва ҳалномаҳои арбитражиро танзим мекунад.

Тахмин задан мумкин аст, ки сабаби ин мавҷудияти аввалии Конвенсияи умумиҷаҳонии Ню-Йорк буд. Гузашта аз ин, бисёр давлатҳо аз Қонуни Намунавии UNCITRAL аз соли 1985 истифода бурда, қонунҳои миллии худро дар асоси он таҳия намуданд, аз ҷумла, 18 марти соли 2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» қабул карда шуд.

Чунин мешуморем, ки Конвенсияи Ню-Йорк намунаи олии ягонасозии байналмилалии эътироф ва иҷрои қарорҳои арбитражҳои хориҷӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, он тартиби якранги чунин эътироф ва иҷроро ба вуҷуд намеорад - онҳо мувофиқи қоидаҳои мурофиавии давлате, ки дар он эътироф ва иҷро дархост карда мешавад, амалӣ карда мешаванд. Ягонасозии қоидаҳо оид ба чунин тартиб дар доираи шартномаи умумиҷаҳонии байналмилалӣ аз сабаби тафовути шадиди меъёрҳои мурофиавии давлатҳо имконнопазир аст. Ба андешаи мо, маҳз ҳамин воқеият дар айни замон иштироки чунин шумораи зиёди давлатҳоро дар Конвенсияи Ню-Йорк, аз ҷумла як қатор кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи муайян мекунад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи Ню-Йорк танҳо барои эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии давлатҳои аъзои ин Конвенсия эътибор дорад ва нисбати ҳалномаҳои арбитражии давлатҳои дигар бошад, он танҳо дар асоси амали мутақобил татбиқ карда мешавад. Далели ин қисми 1 моддаи 398 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии

Тоҷикистон мебошад, ки тибқи он ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф ва татбиқ карда мешаванд, агар ин дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофшуда пешбинӣ шуда бошад. Дар баробари ин м. 53 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ», ки 18 марти соли 2015 қабул карда шудааст, муқаррар менамояд, ки: «ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф ва иҷро карда мешаванд, агар ин дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон пешбинӣ шуда бошад»[6]. Дар баробари ин, моддаи 53 қонуни мазкур муқаррар карда шудааст, ки: «ҳалномаҳои арбитражи хориҷӣ, новобаста аз он ки дар кадом давлати хориҷӣ қабул шудаанд, мутобиқи қонунгузории мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, эътироф ва иҷро карда мешаванд»[6]. Чунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, маҳз Конвенсияи Ню-Йорк мебошанд. Дар робита ба ин, дуруст таъкид мешавад, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба қонунҳо на афзалияти умумӣ, балки афзалияти татбиқ доранд, ки маънои истисноро барои як ҳолати муайян ё боздоштани волоияти қонунро дар давоми амали шартномаи байналмилалӣ дорад.

Мутобиқи гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки чун ҳамеша, масъалаҳои мубрами эътироф ва иҷрои қарорҳои арбитражҳои хориҷӣ, ки Конвенсияи Ню-Йорк танзим мекунад, афзалияти зарурии танзими байналмилалиро аз сабаби зарурати бартараф кардани хусусияти ҳудудии онҳо талаб мекунанд.

Аз як тараф, шартномаҳои байналмилалии амалкунанда дар танзими масъалаҳои салоҳият, эътироф ва иҷрои қарорҳои хориҷӣ нақши калон доранд, аз тарафи дигар, рушди муомилоти иқтисодӣ метавонад

зарурати таҳияи механизмҳои нави ҳамкории мақомоти судиро бо мақсади зудтар ва самараноктар расонидани ёрии ҳуқуқӣ, тағйир додани расмиёти судиро бо мақсади дастгирӣ ва ҳифзи ин гардиш ба вуҷуд орад.

Дар натиҷа маълум шавад, ки муқаррароти ягон шартномаи байналмилалии мавҷуда ба қадри кофӣ муассир нестанд. Сабаби ин метавонад мушкилот дар ҳамоҳангсозии муносибатҳои гуногуни давлатҳо ба ниҳодҳои асосии ҳуқуқӣ бошад.

Конвенсияи соли 1965 дар бораи ба хориҷа фиристодани санадҳои судӣ ва ғайрисудӣ оид ба масъалаҳои шаҳрвандӣ ва тиҷоратӣ, ба ақидаи аксарияти кишварҳои имзокунанда, ҳатмӣ ва истисноӣ нест. Тавре А. П. Светланов қайд мекунад, «Баръакс, он қоидаҳои ихтиёриро оид ба роҳҳои гуногуни имконпазири пешниҳоди санадҳои судӣ дар хориҷа муқаррар мекунад, ки онҳоро мустақиман ё тавассути дархости хаттӣ истифода бурдан мумкин аст. Бо вуҷуди ин, бояд дар назар дошт, ки бисёр давлатҳо тазаккур додаанд, ки усулҳои муайяни пешниҳоди санадҳои судиро, ки Конвенсия пешбинӣ кардааст, истисно мекунанд. Дар соҳаи пешниҳоди санадҳои судӣ дар хориҷа дар ягонасозии ҳуқуқҳо пешравиҳои кам ба даст оварда шудаанд, зеро ҳар як кишвар усулҳои худро дорад; илова бар ин, тамоюли зиёд пешниҳоди сохтаи дохилидавлатӣ ба хотири пешгирӣ аз пешниҳод дар хориҷа вуҷуд дорад. Ин амалия аввал дар мурофиаи судӣ ва сипас дар расмиёти эътироф саволу мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд меорад»[156, с. 104-105].

Тақрибан ҳамин вазъият нисбат ба Конвенсия аз соли 1970 дар бораи гирифтани далелҳо дар хориҷа оид ба масъалаҳои шаҳрвандӣ ва тиҷоратӣ ба амал омадааст. «Кишварҳои имзокунанда саъй мекунанд, ки далелҳоро мувофиқи муқаррароти миллии худ ҷамъоварӣ кунанд ва то ҳадди имкон аз дархостҳои хаттӣ ба мақомоти дигар давлатҳо худдорӣ намоянд. Мушкили муносибатҳои байни қоидаҳои миллӣ оид ба ҷамъоварии далелҳо дар хориҷа ва масъалаҳои таъмини соҳибихтиёрии

давлат то ҳол ҳалли худро наёфтааст. Ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари амалӣ ин конвенсияҳоро ҳамчун шартномаҳои байналмилалии дорои хусусияти ягонасози дошта тасниф кардан душвор аст» [19].

Дар баробари созишномаҳои умумиҷаҳонӣ, созишномаҳои байналмилалии минтақавӣ, ки ба масъалаҳои мурофиавӣ дахл доранд, мавҷуданд. Ба сифати чунин шартномаҳои минтақавии шартномаҳои басташудаи миёни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи, аз ҷумла Конвенсия аз 22 январи соли 1993 оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дар парвандаҳои шаҳрвандӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии он ва Конвенсияи Минск аз 22 январи соли 1993 оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дар парвандаҳои шаҳрвандӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ мебошанд. Дар байни муҳимтарин принсипҳои конвенсионии муайян кардани салоҳияти байналмилалӣ, Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи, ки аз соли 1993 қабул карда шудааст, «принсипи муносибатҳои миллӣ ва принсипи маҳдуд кардани салоҳияти ҳудудиро дар асоси меъёри маҳалли зисти ҷавобгар муайян мекунад»[23]. Ҳамин тариқ, тибқи м. 1 Конвенсияи Минск: «шаҳрвандони ҳар як тарафҳои аҳдкунанда, инчунин шахсоне, ки дар қаламрави он зиндагӣ мекунанд, дар қаламрави тамоми тарафҳои дигари аҳдкунанда дар робита ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкии худ аз ҳамон гуна кӯмаки ҳуқуқӣ истифода мебаранд, ки шаҳрвандони худи ин тарафи аҳдкунанда бархӯрдоранд» [23].

Конвенсияи мазкур дар баробари дигар масъалаҳо қоидаҳои муайян кардани салоҳияти судҳоро оид ба категорияҳои гуногуни парвандаҳои мадании фаромарзӣ дар бар мегирад. Масалан, м. 20 Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи аз соли 1993 қоидаҳои анъанавии умумии салоҳиятро дар бар мегирад: даъвоҳо нисбати шахсоне, ки дар қаламрави яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ҷои истиқомат доранд, сарфи назар аз шаҳрвандии онҳо, ба судҳои он Тарафи Аҳдкунанда пешниҳод карда

мешаванд, даъвоҳо дар бораи шахсони ҳуқуқӣ бошад, ба судҳои Тарафи Аҳдкунанда, ки дар қаламрави он мақоми идораи шахси ҳуқуқӣ, намояндагӣ ё филиали он ҷойгир аст, пешниҳод карда мешаванд.

Дар ҳамин ҳол, «шартномаҳои байналмилалие, ки салоҳияти судҳо оид ба парвандаҳои мадании фаромарзиро ба танзим медароранд, бояд Созишномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи аз соли 1992 дар бораи тартиби ҳалли баҳсҳои марбут ба фаъолияти иқтисодӣ зикр карда шавад» [101, с. 577]. Қайд кардан бамаврид аст, ки қоидаи умумии салоҳияти судии байналмилалӣ оид ба парвандаҳои мадании фаромарзӣ дар м. 4 Созишномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи аз соли 1992 дар бораи тартиби ҳалли баҳсҳои марбут ба фаъолияти иқтисодӣ оварда шудааст. Вобаста ба ин, агар ҷавобгар дар рӯзи пешниҳоди даъво дар қаламрави ин давлат ҷои истиқомат ё ҷойгиршавии доимӣ дошта бошад, суди кишвари узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи барои баррасии парвандаҳои иқтисодии дар моддаи 1 Созишнома зикргардидаро босалоҳият медонад.

Созишномаҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи аз соли 1992 ва Конвенсияҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи аз соли 1993 як қатор асосҳоро барои салоҳияти гузинавӣ муқаррар мекунанд, ки тибқи онҳо судҳои Тарафи Аҳдкунанда барои баррасии парвандаҳои мадании фаромарзӣ салоҳиятдор дониста мешаванд, агар дар қаламрави он:

1) Фаъолияти тиҷоратӣ, саноатӣ ва дигар фаъолияти иқтисодии корхонаи (филиали) ҷавобгар амалӣ карда мешавад;

2) Ухдадорӣ аз шартнома, ки мавзуи баҳс аст, иҷро шудааст ё бояд пурра ё қисман иҷро шавад;

3) Даъвогар оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ ҷои истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии доимӣ дошта бошад;

4) Амал ё ҳолати дигаре вуҷуд дошта бошад, ки барои даъво дар бораи ҷуброни зарар асос шуда бошад.

5) Ҷолиб он аст, ки судҳои Тарафҳои Аҳдкунанда дар баробари салоҳиятҳои асосии гузинавӣ метавонанд парвандаҳоро дар ҳолатҳои дигар низ баррасӣ кунанд, агар созишномаи хаттии тарафҳо оид ба додани баҳс ба ин салоҳият, яъне ба салоҳияти мухтор мавҷуд бошад. Гап дар сари он аст, ки тибқи ин созишнома дар бораи муҳлат, он наметавонад қоидаҳои салоҳияти истисноии дар қисми 2, моддаи 4 Созишномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи аз соли 1992 ва м. Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи дар соли 1993, инчунин қонунгузории дохилии Тарафи Аҳдкунандаи дахлдорро вайрон кунад. Зимнан, дар Созишномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи аз 20 марти соли 1992 пешбинӣ шудааст, ки судҳо ва дигар мақомоти ваколатдори давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи масъулияти расонидани ёрии ҳуқуқии ҳамдигарро ба дӯш мегиранд. Дар ин робита давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи қарорҳои судҳои салоҳиятдорро, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, эътироф ва иҷро мекунанд. Гузашта аз ин, Созишномаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи аз соли 1992 татбиқи қонунгузории шаҳрвандии як кишварро дар қаламрави кишвари дигари Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи, аз ҷумла оид ба баъзе масъалаҳои мурофиавӣ пешбинӣ мекунад.

6) Бояд қайд кард, ки сарфи назар аз он, ки Созишномаи соли 1992 имкони ҳалли баҳсро дар арбитражҳо пешбинӣ мекунад, он механизмҳои пешниҳоди баҳсро ба арбитражи тиҷоратӣ дар бар намегирад, яъне он ба имконияти ба арбитраж пешниҳод кардани баҳс бидуни созишномаи арбитражии байни тарафҳои баҳс ва бидуни интихоби ҳайати арбитраж асос ёфтааст.

7)Тартиби эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судҳои хориҷӣ дар шартномаҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пешбинӣ шудааст. Онҳо аслан аз муқаррароти созишномаҳои бисёрҷонибае, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон узви онҳост аст, дур намераванд.

Ҳамин тариқ, «ҳадафи асосии Ҷумҳури Тоҷикистон иштирокчии шартномаҳои байналмилалии универсалӣ шуданд, аз ҷумла Конвенсияи Ню-Иорк “Дар бораи эътироф намудан ва мавриди иҷро қарор додани ҳалномаҳои арбитражи хориҷӣ аз 10 июни соли 1958 ии таъмин намудани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражи хориҷӣ дар қаламрави худ мебошад, вале дар баробари асосҳои рад кардани иҷроиши ҳалномаи хориҷӣ низ пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин шартномаи байналмилалии минтақавӣ оид ба мурофиаи мадании байналмилалӣ,аз ҷумла Конвенсия Иттиҳоди Давлатҳои Мустақи “Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дар парвандаҳои шаҳрвандӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ” аз 22 январи соли 1993 принсипи реҷаи миллӣ ва принсипи маҳдуд кардани салоҳияти ҳудудиро дар асоси меъёри маҳалли зисти ҷавобгар муайян мекунад, инчунин салоҳияти судҳоро оид ба категорияҳои гуногуни парвандаҳои мадании фаромарзӣ баррасӣ карданро муқаррар кардааст. Уҳдадориҳои байналмилалии хешро Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофшуда дар танзими муносибатҳои мадании байналмилалӣ татбиқ ва амалӣ менамоянд» [79, с. 261-271].

# ХУЛОСА

**Дар асоси таҳлили гузаронидашудаи нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ метавон хулосаҳои зеринро баровард:**

1. То ҳол дар назария ва амалияи ҳуқуки байналмилалии хусусӣ назарҳо оид ба баррасии “сарчашмаи ҳуқуқ” ва “шакли ҳуқуқ” гуногун аст, вале муаллиф дар як мафҳум асоснок кардаасту муайян намуд сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар чунин шакл пешниҳод кард: “Сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ин шакли ифодаёбӣ ва мустаҳкамнамоии қоидаҳои рафтори муайян дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ (чӣ дар қонунгузории миллӣ ва чӣ дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ) фаҳмида мешавад, ки онҳо танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ мебошанд” [М-2, М-4, М-6, М-7, М-14] .

2. Дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ мафҳуми санади ҳуқуқи байналмилалӣ дар ду мазмун – васеъ (фарогири шартномаи байналмилалӣ, одати байналмилалӣ, принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ, қарорҳои ташкилотҳои байналмилалӣ) ва маҳдуд (шартномаи байналмилалӣ) истифода мешавад ва муаллиф дар асоси таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии категорияи илмии “санади ҳуқӯқи байналмилалӣ” ҷонибдории хешро оид ба мазмуни маҳдуд иброз дошта ва тибқи қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мазмуни маҳдуд истифода намудани “санади ҳуқуи байналмилалӣ” ҷонибдории хешро иброз намудааст ва дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мафҳуми санади ҳуқуки байналмилалӣ васеъ ва шартномаи байналмилалӣ як намуди санади ҳуқуқи байналмилалӣ ва дар қарори Пленуми Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми санади ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳайси ҳуҷҷатҳои расмие, ки аз тарафи ҷомеаи байналмилалии давлатҳо ба сифати ӯҳдадори ҳатмии ҳуқуқӣ қабул ва эътироф шудаанд фаҳмида

мешавад, ки ин мафҳум ҳуҷҷатҳои Созмони Милали Муттаҳид ва муассисаҳои махсуси он дохил карда шудаанд. Пешниҳод кардааст, ки дар қонунгузорӣ ва амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мафҳуми “санади ҳуқуқи байналмилалӣ” бояд тибқи моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад [М-15, М-14, М-13, М-12, М-11, М-10, М-9, М-3].

3. Муаллиф ҷонибдории хусусияти дугонаи шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои фаромарзиро ҷонибдорӣ менамояд,зеро шартномаи байналмилалӣ ва қонунгзории миллӣ дар асоси иродаи давлат таҳия, қабулу эътироф мешаванд, вале шартномаи байналмилалӣ дар асоси иродаи ду давлат руй кор меояд ва татбиқи он дар ҳудуди ин ё он кишвар ва дар доираи муқаррароти қонунгузории миллӣ, сарфи назар аз бартарият роҳандозӣ мешавад [М-1, М-2, М-5, М-6, М-7].

4. Шартномаи байналмилалӣ нақши калидиро дар инкишофи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебозад, зеро асоси ягонасози (унификатсия)-и меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва воситаи наздикшавии меъёрҳои ҳуқуқии давлатҳои гуногун шартномаи байналмилалӣ баромад менамояд. Дар замони муосир муҳимияти рушди ҳуқуқи байналмилаии хусусӣ дар коркарди ягонаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар асоси шартномаи байналмилалӣ анҷом дода мешавад. Ягонасози (унификатсия)-и ҳуқуқ дар як вақт дар ду низоми ҳуқуқ-ҳуқуки байналмилалӣ (бо бастани шартномаибайналмилалӣ) ва дар ҳуқуқи миллӣ (имплентатсия меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ) ба вуқуъ меояд, ки ҳамчун намуди раванди ҳуқуқэҷодкунӣ хоси давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад . Ягонасози (унификатсия)-и меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ин ташкили меъёрҳои ҳуқуқ дар шакли шартномаи байналмилали бисёртарафа ва дутарафа мебошад [М-5, М-6, М-7].

